М. ЭШНИЁЗОВ

# ДИАЛЕКТОЛОГИЯИ ТОҶИК

## (Дастури таълимӣ)

### ҚИСМИ ЯКУМ

Душанбе — 1977

C

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ХАЛҚИ РСС ТОҶИКИСТОН

УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ В.И.ЛЕНИН

М. Э Ш Н И Ё З О В

# Д И А Л Е К Т О Л О Г И Я И   Т О Ҷ И К
/д а с т у р и   т а ъ л и м й/

## Қ И С М И   Я К У М

Дар зери таҳрири
доктори илмҳои филология, профессор Д.Т.Тоҷиев

Д У Ш А Н Б Е - I 9 7 7

Ба 60 - солагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь бахшида мешавад.

САРСУХАН

Пешрафт ва комьёбиҳои беназири халқҳои Иттифоқи Советӣ дар соҳаҳои гуногуни сохтмони базаи моддӣ-техникӣ ва революцияи илмӣ-техникӣ талаб мекунад, ки мазмун, мундариҷа ва доираи дониши мардум мунтазам ва беш аз пеш афзунтар ва васеъ гардад. Муваффақияти ин пешаи наҷиб зимнан ба такмили сифати таълим-тарбия ва методу усулҳои он дар мактабҳои олию миёна, инчунин ба дастрас ва таъмин будани асбобҳои аёнию китобҳои дарсӣ вобастагии узвӣ дорад.

Маълум аст, ки норасоии баъзе асбобҳои таълимӣ, набудани китобҳои дарсӣ /аз он ҷумла, оид ба диалектологияи тоҷик/ ба омӯзиши мӯътадили шогирдон, хусусан студентони шӯъбаҳои шабона ва ғоибона бетаъсир намемонад. Ин ҳолат водор мекунад, ки алҳол доир ба як қатор бобҳои диалектологияи тоҷик маҷмӯаи мухтасари лекцияҳо чоп карда шавад.

Ин силсилаи лекцияҳо, ки таҳти унвони "Диалектологияи тоҷик", гирд оварда шуд, дар асоси "Программаи шевашиносии тоҷик", ки соли 1970 аз чоп баромада буд, тартиб дода шуда, барои истифодаи студентони факультетҳои филологияи тоҷики университет ва институтҳои педагогӣ ба сифати дастури таълимӣ тавсия карда мешавад.

Китоб масъалаҳои муқаддимаи курси диалектология, таърихи омӯзиши диалектҳо /лаҳҷа, шеваҳо/-и тоҷик ва таснифоти онҳоро дар бар мегирад. Дар охири он дар бораи методҳои омӯхтани диалектҳо ва транскрипция низ маълумоти мухтасар дода шуд.

Дар масъалаҳои назариявии ҳар як боб ба равия, ақидаҳои шевашиносони тоҷик В.С.Расторгуева, Б.Ниёзмуҳаммадов, Р.Л.Неменова, Л.В.Успенская, А.З.Розенфельд ва ба корҳои илмии кормандони шӯъбаи таърихи забон ва шевашиносии Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон, инчунин муаллифони китобҳои "Диалектологияи рус" /чопҳои соли 1964 дар зери таҳрири Р.И.Аванесов, В.Г.Орлова ва соли 1972 дар зери таҳрири профессор Н.А.Мещерский/

такья намудем.

Дар ҳангоми тартиб додани китоб аз адабиёти диалектологияи тоҷик, ҳисоботҳои экспедицияҳои илмӣ ва таҷрибаҳои таълимии шевашиносӣ ба тариқи материали зарурӣ истифода шуд. Дар охири бобҳо рӯйхати адабиёт низ илова гардид.

Китоб бо роҳбарии бевоситаи мудири кафедраи забони тоҷикии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, профессор Д.Т.Тоҷиев ва ҳамкории аъзоёни кафедра навишта шудааст. Мусаввадаи он аз тарафи ходими илмии Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон Усмон Обидов, корманди калони илмии шуъбаи таърихи забон ва шевашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Б.Сиёев, инчунин доцентони кафедраи забони тоҷикии Институти педагогии ба номи С.Айнии шаҳри Самарқанд В.Қосимов ва Л.Назарова хонда шуда, қайдҳои танқидӣ ва маслиҳатҳои онҳо дар вақти ба чоп тайёр намудани кор ба ҳисоб гирифта шудааст. Барои ёрмандӣ ва дастгирии дӯстон миннатдорӣ изҳор менамоям.

М у а л л и ф .

# МУҚАДДИМАИ КУРСИ ДИАЛЕКТОЛОГИЯ

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ДИАЛЕКТОЛОГИЯ

Фанни забоншиносӣ як қатор соҳаҳои мустақили илмҳоро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми он объект ва методҳои тадқиқотии худро дорад. Диалектология низ яке аз он соҳаҳо мебошад.

Диалектология илмест, ки дар бораи диалектҳо /лаҳҷа, шеваҳо/-и забони алоҳида баҳс мекунад."Он намуди забон диалект[1] номида мешавад, ки вай дар байни мардуми миқдоран каму беш маҳдуде, ки онҳо аз ҷиҳати ҳудуди маҳал, касбу кор ё умумияти иҷтимоӣ ба ҳам вобаста буда, дар алоқаи доимӣ ва бевоситаи забонӣ мебошанд, истеъмол меёбад"[2].

Диалектология бештар бо намудҳои маҳаллии забон, бо диалектҳои маҳаллӣ, ба тарзи дигар ифода намоем - бо ҳолати ҳозираи лаҳҷа ва шеваҳои маҳаллӣ, тағйирот ва инкишофи таърихии онҳо сару кор дорад.

Аз рӯи мақсад ва тарзи тадқиқи диалектҳо /лаҳҷа ва шеваҳо/, яъне аз рӯи метод ва объекти тадқиқот диалектология ду хел мешавад: диалектологияи тасвирӣ, диалектология таърихӣ.

Вазифаи диалектологияи тасвирӣ аз бевосита қайд намудани хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии забони шевагӣ, лаҳҷа ва шеваҳо иборат мебошад. Диалектологияи тасвирӣ он хусусиятҳоро дар давраи муайяни таърихӣ, одатан дар айни замон ба ҳисоб мегирад.

Диалектологияи таърихӣ дар баробари қайд намудани ҳамаи хусусиятҳои хоси забони шевагӣ, лаҳҷа ва шеваҳо, инчунин таърихи пайдоиш, инкишофи онҳо дар даврҳои гуногун, муносибати лаҳҷа ва шеваҳо бо забонҳои хеш ва муносибати забонҳои бегонаро дар ташаккули онҳо меомӯзад. Дар мавриди бо роҳи забоншиносии географӣ /лингво-географический/ омӯхтани забони шевагӣ, лаҳҷа ва шеваҳо низ, дар навбати аввал, мақсадҳои таърихӣ, яъне макони пайдоиши ҳодисаҳо, ҳатто тай, интишор ва инкишофи аломатҳои онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Диалектҳои ҳар кадом забон дар заминаи маводҳои чунин манбаъҳо тадқиқ карда мешаванд: I/ лафзи зиндаи мардуми маҳалҳои муайян, 2/ намунаҳои осори қадима, ки пайдоиш ва асли онҳо бевосита ба ин ё он маҳал алоқаманд мебошанд, 3/ "забони замин", ки дар топонимика /номҳои географӣ/-и маҳалҳо интишор гардидааст.

Дар забоншиносии советӣ калимаи диалектология ҳамчун истилоҳи умумӣ барои ифодаи мафҳуми яке аз қисматҳои забоншиносӣ истеъмол меёбад.

Дар забоншиносии тоҷик ҳамчун муродифҳои истилоҳи диалектология калимаҳои "шевашиносӣ" ва "лаҳҷашиносӣ" истеъмол мешаванд, ки аз онҳо маъмултараш калимаи шевашиносӣ аст.

Диалектологияи тоҷик лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикиро меомӯзад. Лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ ҳудуди васеъро дар бар мегиранд. Онҳо аслан, дар сарзамини васеи Осиёи Миёна ташаккул ёфтаанд. Аз ин рӯ, диалектологияи тоҷик на фақат лаҳҷа ва шеваҳои дар ҳудуди РСС Тоҷикистон бударо тадқиқ мекунад, балки шеваҳои тоҷикони республикаҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, инчунин шеваҳои тоҷикони маҳалҳои берун аз ҳудуди Иттифоқи Советиро дар бар мегирад.

Диалектологияи ин ё он забон аз ҷиҳати шароит ва тарзи таърихи пайдоиш, инчунин аз рӯи дар байни соҳаҳои гуногуни илми забоншиносӣ ҳамчун фан ҷой гирифтани худ то андозае фарқ мекунад.

Диалектологияи тоҷик дар заминаи комьёбиҳои экспедицияҳои гуногун /этнографӣ, таърихӣ-кишваршиносӣ, инчунин фольклоршиносӣ/ пайдо шудааст. Як қатор масъалаҳои лаҳҷа ва шеваҳо дар ибтидо, одатан дар дохили этнография ва фольклор шарҳ дода мешуданд. Хусусиятҳои маҳаллии забон дар қатори намудҳои материалҳои маданияти моддӣ ва маънавии халқ ҳамчун яке аз хусусиятҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи этникӣ муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, бо ин равия то соли 1929 оид ба омӯхтани баъзе лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ материалҳои ҷудогона ва иҷмолӣ ғундошта шуда буданд[3].

Пас аз муайян ва муқаррар гардидани ҳудуди миллии республикаҳои Осиёи Миёна эътибори масъалаҳои забон дар Тоҷикистон торафт зиёд шудан гирифт. Баробари инкишофи маорифи халқ, тараққиёти илму фан, адабиёт, санъат, масъалаҳои ислоҳоти хат, имло ва терминология ба пеш гузошта шуда буданд.

Вобаста ба ҳамаи он масъалаҳо диалектология низ аҳамияти калон пайдо кард: шеваҳо ва лаҳҷаҳо яке аз сарчашмаҳои муътабари давра ба шумор мерафтанд, чунки аз онҳо барои боз ҳам бойтар гардидани забони адабӣ калима ва ибораҳои умуми-

точикии нав гирифтан лозим буд. Дар хангоми тартиб додани алифбои точикӣ низ лахча ва шевахоро ба эътибор нагирифтан мумкин набуд. Ин холат дар арафаи "Съезди забоншиносии соли 1930"[4] боиси ба вучуд омадани "Ахбороти мухтасари баъзе хусусиятхои шевахои точикӣ" ном асари чамъбастии М.С.Андреев[5] гардида буд, ки вай масъалаи таснифоти шевахоро низ дар бар мегирифт.

Диалектологияи точик пас аз соли 1930 тадричан инкишоф ёфта хамчун предмети хакикии забоншиносии точик маъмул гардид. Дар зарфи 44 соли минбаъда/солхои 1930-1974/ кариб хамаи шевахои точик омухта шуданд, оид ба хусусиятхои онхо макола ва монографияхои бисьёре таълиф гардиданд. Холо дар хазинаи диалектологияи точик зиёда аз 100 номгӯй асархои гуногуни тадкикотӣ ба миён омадаанд.

БАЪЗЕ КАЙДХО ОИД БА СОХТИ ЯГОНАИ ЗАБОН ВА НАМУДХОИ ДОХИЛИИ ОН

Хар кадом забон дорои сохти яклухт ва ягона буда, ходисахои нихоят мураккабу гуногунро дар бар мегирад. Забон дар хар гуна намуд аломатхои умумии муайяни худро одатан нигох медорад.

Бо вучуди ин, забон аз рӯи мавкеъ ва доираи истеъмоли худ, аз рӯи адои вазифа ва тарзи ифодаи фикр то андозае фарк мекунад. Аломат ва навъхои фарккунандаи ходисахои забонӣ, пеш аз хама, дар шакли адабӣ ва шохахои услубии он, дар шакли хаттӣ ва дахонакии вай, инчунин дар шакли шевагӣ ва намудхои гуногуни махаллии он мушохида карда мешавад.

Тафовути забони адабӣ ва шевагӣ бештар дар чунин бобатхо равшан мегардад: 1/ аз рӯи худуди интишор, сохт ва мавкеи истеъмоли онхо; 2/ аз рӯи ба шакли хаттӣ чӣ гуна муносибат доштани онхо; 3/ аз рӯи функция, яъне вазифахои асосиашон; 4/ аз рӯи ба тарзи муколима/диалог/ ва монолог ифода ёфтани фикр дар онхо[6].

Хусусияти барчастатарини забони адабӣ аз он иборат аст, ки вай дорои сохти ягона буда, барои мардуми хамаи махалхо умумӣ мебошад ва доираи васеи истеъмол дорад. Баръакс, забони шевагӣ дар худуди вокеъ гаштаи худ шаклхои гуногуни сохти умумиро дорад. Аз тарафи дигар, вай аз рӯи фактхои ба худ хоси махаллӣ дорои худудхои дохилии гуногун мебошад. Диалектхо эхтиёч ва муносибати мардуми махалли муайян /деха, район ва ё вилоят/-ро адо мекунанд.

Маълум аст, ки забони адабӣ дар заминаи забони даҳонакӣ /шифоҳӣ/ пайдо мешавад ва ба шакл медароянд. Бинобар ин, забони адабӣ дорои ду шакл – шакли хаттӣ ва даҳонакӣ буда, онҳо байни худ алоқаи мустаҳкам доранд ва ба ҳамдигар ҳамеша таъсир расонида меистанд. Забони шевагӣ бошад, фақат як шакл, яъне шакли даҳонакӣ дораду халос. Намудҳои гуногуни забони халқӣ-гуфтугӯӣ /лафзи музофотӣ, вилоятӣ ё шаҳрӣ, лаҳҷа ва шеваҳо/ нисбат ба шаклҳои хаттӣ ва даҳонакии умумӣ ҳолати мобайниро ишғол менамоянд.

Забони адабӣ аз рӯи функция фарқи куллӣ дорад. Вай доираи хеле васеъро дар бар мегирад ва дорои қоидаҳои махсус мебошад. Аз ин рӯ, забони адабӣ дар ҳамаи шаклҳои мубодилаи афкор ва тарзи ифодаи он васеъ истеъмол меёбад. Хусусияти асосии он ҳамин аст, ки вай дар ҷамъият забони маданият, илму фан, забони оммаи халқ, забони публицистика ва адабиёти бадей мебошад. Доираи истеъмоли забони шевагӣ бошад, ниҳоят танг буда, вай асосан дар маҳалли муайян, дар муомилаи расмии оилавӣ, дар байни намояндагони як ё якчанд деҳа, ҷамоа, район кор фармуда мешавад. Дар вай намудҳои ҳархелаи сохти ягонаи забон мушоҳида карда мешаванд.

Барои забони адабӣ /барои шакли хаттӣ ва даҳонакии он/ ба тарзи диалог ва монолог ифода намудани фикр ба расмияти муайян даромадааст. Аммо дар забони шевагӣ, халқӣ-гуфтугӯӣ ба тарзи монолог ифода намудани фикр нисбатан камтар мушоҳида карда мешавад. Ин тарзи баён дар мавридҳои алоҳидаи услубии забони шевагӣ истеъмол меёбад. Чунончи, истеъмоли тарзи ифодаи монологӣ бештар дар фольклор /дар афсонаҳо, байту сурудҳо/ дучор мегардад.

Забони шевагӣ дар замони ҳозира бо забони халқӣ-гуфтугӯӣ ва адабӣ дар алоқаи зич амал мекунад ва аз ин рӯ, дар онҳо баъзе хусусиятҳои муштарак тараққӣ зиёд шуда истодаанд. Хусусиятҳое, ки забони шевагиро бо забони халқӣ-гуфтугӯӣ ва адабӣ пайваст карда истодаанд, инҳо ба шумор мераванд: I. хусусиятҳои умумитоҷикӣ ва умумихалқии забони хаттӣ ва даҳонакӣ, 2.хусусиятҳои соддабаёнӣ ва халқии забони шевагӣ.

Таҳти мафҳуми хусусиятҳои умумихалқӣ чунин унсурҳои сохти забон дар назар дошта мешаванд, ки онҳо ҳам ба забони шевагӣ ва намудҳои гуногуни забони халқӣ-гуфтугӯӣ, ҳам ба шаклҳои

хаттӣ ва даҳонакии забони адабӣ хос мебошанд.

Хусусиятҳои умумитоҷикии забони даҳонакӣ он унсурҳои сохти забонро дар бар мегиранд, ки онҳо фақат хоси лафзи даҳонакӣ буда, забони шевагӣ, шаклҳои гуногуни забони халқӣ-гуфтугӯӣ ва шакли даҳонакии забони адабиро бо ҳам муттаҳид месозанд.

Хусусиятҳои содда ва халқии забони шевагӣ он унсурҳои сохти забонро дар бар мегиранд, ки онҳо забони шевагиро бо забони халқӣ-гуфтугӯӣ дар маҳаллӣ муайян муттаҳид месозанд. Аммо унсурҳои хоси шевагии он дар забони адабӣ, дар шакли хаттӣ ва даҳонакии он истеъмол намеёбанд.

Унсурҳои хоси сохти забони шевагӣ, фарқияти байни лаҳҷа ва шеваҳо, инчунин умумияти онҳо барои шевашиносӣ аҳамияти калон доранд ва асоси баҳси фанни диалектология мебошанд. Аз ин рӯ, диалектология бо чунин мафҳумҳои асосӣ сару кор дорад: забони шевагӣ, лаҳҷа, гурӯҳи шеваҳо ва шева.

ЗАБОНИ ШЕВАГӢ, ДИАЛЕКТҲО ВА ЗАБОНИ АДАБӢ

Таҳти мафҳуми забони шевагӣ забони ғайрихаттӣ дар назар дошта мешавад, ки вай дар ҳамаи мавзеъҳои аҳолинишини ҳудуди паҳнгардидаи забони муайян воқеъ гардидааст[7].

Забони шевагӣ сохти мураккаб дорад. Дар он умумияти ҳодисаҳои забонӣ нобаробар ва гуногуншакл акс ёфтаанд. Вай дар ҳар кадом ҳудуди паҳнгардидаи худ дорои системаҳои муайян мебошад. Вале баъзе системаҳои алоҳидаи он дар нуқтаҳои гуногун аз як тараф, ба хусусиятҳои умумӣ соҳиб бошад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои фарқкунандаи ҳархелаи зиёде низ дорад.

Дар вақти тадқиқи забони шевагӣ, лаҳҷа ё шева фарқият ва умумияти хусусиятҳои забонӣ ба система дароварда мешаванд. Он хусусиятҳои хоси фарқкунандаи ҷудогонаи якхела ва ё ҳархела системаҳои хурд /микросистемаҳо/-ро ва он хусусиятҳои умумӣ ва ба ҳам наздику монанд системаҳои калон ва намоён /макросистемаҳо/-ро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар макросистемаҳо низ аломатҳои умумӣ дар ҳама соҳаҳои забон /фонология, лексика, грамматика/ баробар ва ё пурра якхела шуда наметавонанд. Онҳо азягон ҷиҳат /серистеъмол ва ё камистеъмолӣ, услуб, ҳудуди танг доштан, ё ин ки дорои хусусияти ҷудогона будан/ аз ҳамдигар то андозае фарқ мекунанд. Аз рӯи ҳамин гуна фарқи байни макросистемаҳо

буда гурӯҳҳои шеваҳо муқаррар мегарданд.

"Диалект" истилоҳи ягона ва умумӣ буда, хусусияти ба қисмҳои дигар ҷудонашаванда /нерасчленённый/ дорад. Бинобар ин вай барои ифодаи шеваи алоҳида ва ҳам лаҳҷа истеъмол мешавад.

Дар таҳти истилоҳи диалект одатан шева ё лаҳҷаи намудҳои гуногуни забони муайян фаҳмида мешавад, ки он ба ғайр аз аломатҳои асосии забони умумихалқӣ, боз хусусиятҳои махсуси худро низ дорад. Ё ин ки ба тарзи дигар ифода намоем, лафзи мардуми маҳалли муайяне, ки аз ҷиҳати фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ аз дигар маҳалҳо ва аз забони адабӣ то андозае фарқ дорад, диалект /шева ё лаҳҷа/ номида мешавад. Аз ин ҷост, ки истилоҳи диалект ба маънои шева ва ҳам лаҳҷа фаҳмида мешавад.

Дар корҳои тадқиқотии шевашиносони тоҷик барои ифодаи истилоҳи диалект бештар кор фармуда шудани "шева" /гоҳо "лаҳҷа" низ/ ҷой дорад. Аммо баръакси ин равия дар ду-се соли охир дар корҳои баъзе забоншиносон ақидае мушоҳида карда мешавад, ки дар он истилоҳи "диалект"-ро фақат бо "лаҳҷа" баробар дониста, аз истеъмоли "шева" ҳамчун истилоҳи забоншиносии тоҷик даст кашидан ташвиқ карда мешавад.

Дар забоншиносии тоҷик истилоҳҳои шева ва лаҳҷа мафҳум ва маънохои алоҳида доранд:

Дар шевашиносӣ воҳиди аз ҳама хурдтарини намуди забонро, ки дигар ба қисмҳо ҷудо намешавад, шева меноманд.

Лафзе, ки дар заминаи иттифоқи гурӯҳи алоҳидаи шеваҳо ташаккул ёфта, аломатҳои умумӣ дорад ва дар айни замон бо аломатҳои ҷудогонаи худ аз гурӯҳи дигар каму беш фарқ мекунад, лаҳҷа номида мешавад. Лаҳҷа поя ё намуди асосии таърихан ташкильёфтаи ин ё он забон ба шумор меравад.

Ҳар як забони халқӣ ё миллӣ якчанд диалектҳо /шева, лаҳҷа/ и маҳаллиро дар бар мегирад. Онҳо воситаи асосии ифодаи муносибати одамон буда, ба оммаи халқ хизмат мекунанд.

Забони адабии халқи тоҷик бо вуҷуди он ки таърихи дуру дароз дорад, ҳоло ҳам бисьёр диалектҳо /лаҳҷа ва шеваҳо/-и маҳаллиро дар бар мегирад. Диалектҳо дар давраи тараққиёти забони миллӣ категорияи мурдашаванда мебошанд. Аммо аз рӯи пойдору мустаҳкам будани забон ва умри дароз доштани он, аз тарафи дигар, аз рӯи суст ва оҳиста инкишоф ёфтани он аҳолии ин ё он деҳа, ҷа-

моа ва ё районе муайян нисбат ба дигар маҳалҳо дигаргунтар гуфтугӯ мекунад. Ана, дар ҳамин гуна ҳархела гуфтугӯ кардан хусусияти маҳаллӣ нигоҳ дошта мешавад.

Сохти грамматикӣ ва фонди луғавии диалектҳо /лаҳҷа ва шеваҳо/-и маҳаллӣ аз ҳамдигар, инчунин аз сохти грамматикӣ ва фонди луғавии забони адабӣ, умумихалқӣ-гуфтугӯӣ тамоман фарқкунанда нестанд. Агар онҳо аз ҳамдигар тамоман фарқ мекарданд, дар он сурат на шеваҳои гуногуни як забон, балки забонҳои гуногуни мустақил ҳисоб мешуданд. Дар он маврид одамони ба шеваҳои гуногун суханкунанда якдигарро намефаҳмиданд.

Баъзе намудҳои сохти грамматикӣ ва таркиби луғавии шеваҳои як забони муайян аз якдигар фарқ карда метавонанд. Шеваҳо аз ҷиҳати фонетикӣ ҳам аз ҳамдигар то андозае фарқ мекунанд. Аммо ин ҳама фарқиятҳо низ намояндагони шеваҳои гуногунро ба нафаҳмидани ҳамдигар бурда намерасонанд, онҳо фикри ҳамдигарро дар гуфтугӯ бевосита мефаҳманд.

Вақте ки дар забоншиносӣ ақидаҳои Н.Я.Марр ҳукмрон буд[8], диққати асосиро ба "шеваҳои иҷтимоӣ" медоданд. Онҳо ҳаминро ба асос мегирифтанд, ки дар як маҳалли муайян синфҳои гуногуни ҷамъиятӣ, умуман гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳар хел сухан мекунанд.

Баъзе забоншиносон /аз"шогирдон"-и Н.Я.Марр/ ҳатто дар бораи забони синфҳои гуногун сухан мекарданд. Ин"мактаб"дар забоншиносии советӣ кайҳо маҳкум карда шудааст, вале дар забоншиносии хориҷӣ, аз ҷумла, дар забоншиносии асри XX Америка, ки намояндаи машҳури он Л.Блумфильд ба шумор меравад, назарияи синфӣ будани забон /инчунин диалект/ ҳоло ҳам пойдор аст: "Ҳар кадом гурӯҳи маҳаллӣ ё иҷтимоӣ дар равиши суфтаю равон шудани забон қувваи таъсиррасон мебошанд ва онҳо ҳамчун мутақаллид ва ё тақлидгиранда амал мекунанд. ...Аммо намояндагони синфҳои аз ҳама камбағалтарин ва мардуми маҳалҳои аз ҳама дуртар бештар вазифаи тақлидгирандагиро адо мекунанд"[9].

Тафовути иҷтимоии забон ва диалектҳои маҳаллии он дар даврахои гузашта, аз он ҷумла, дар давраи феодализм ва капитализм хеле равшан мушоҳида карда мешуд. Аз ин рӯ, Ф.Энгельс дар асари "Аҳволи синфи коргар дар Англия" /соли 1842/ дар бораи фарқиятҳои лафзи коргарони Англия аз буржуазия гуфта буд: "Коргарон нисбат ба буржуазия бо диалекти дигар сухан мекунанд, ғояи дигар доранд, ахлоқи дигар ва принципҳои ахлоқӣ доранд"[10] /тар-

чумаи М.Э./.

Дар замони мо фарқи табиии лафзи табақаҳои алоҳидаи ҷамъ-ятии деҳоти ҳозира аз рӯи синну сол, касбу кор ва маълумоти намояндагони шеваҳо муайян карда мешавад[11].

"Диалектҳои иҷтимоӣ" ё ин ки арго ё жаргонҳои гурӯҳҳои алоҳида забони махсус ба шумор намераванд, чунки онҳо сохти грамматикӣ ва фонди асосии хоси луғавӣ надоранд. Дар ин гуна "шеваҳо", арго ё жаргонҳо фақат баъзе хусусиятҳои лексикӣ ва фразеологӣ дида мешаванду халос.

Диалектҳои маҳаллӣ барои оммаи халқ хизмат мекунанд. Жар-гонҳо бошанд, фақат барои табақаҳои хурди ҷудогонаи ҷамъият хизмат мерасонанд, доираи мубодилоти онҳо хеле танг буда, во-ситаи мубодилоти умумии одамон дар ҷамъият шуда наметавонанд.

Маълум аст, ки забон дар давоми мавҷудияти худ вазифаи алоқа, робита /коммуникация/-и ҷамъиятро адо мекунад. Аз рӯи иҷро намудани вазифаи расмӣ-ҳаётии худ забони гуфтугӯӣ ба се ҷузъи таркибӣ /компонент/ ҷудо мешавад: I/ шеваҳои маҳаллӣ, 2/ лафзҳои байнишевагӣ /бо намудҳои гуногуни худ: лафзи вилоятӣ -шаҳрӣ, лафзи оддии халқӣ, шеваҳои мобайнӣ ва ғайра/, 3/ лафз гуфтугӯии умумӣ. Ҳар сеи ин компонентҳо дар ҷамъият ҳамчун во-ситаи асосии мубодилоти афкори оммаи халқ хизмат мекунанд[12].

Дар таърихи инкишофи худ забони адабӣ, забони миллӣ, за-бони шевагӣ ва диалектҳо /лаҳҷа ва шеваҳо/ алоқаи узвӣ доранд. Алоқаи забон бо диалектҳо /лаҳҷа, шеваҳо/ ва муносибати онҳо ба забони халқӣ ва баъдтар ба забони адабӣ ва миллӣ дар давра-ҳои таърихи ҷамъият гуногун мебошад. Барои ин ки бо ҳолати ҳо-зираи шеваҳо шинос шавем, бояд таърихи инкишофи забон ва диа-лектҳо /лаҳҷа,шеваҳо/-и онро вобаста ба таърихи худи халқ дида бароем. Чунки мувофиқи таълимоти Фридрих Энгельс "пайдоиш ва инкишофи диалектҳо бо таърихи аҷдодон, яъне авлодҳою қабилаҳо пайдоиши забонҳо ва роҳҳои тараққиёти онҳо бошад, бо таърихи муайяни иттифоқи халқҳо ва қабилаҳо равшан мегардад"[13]. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама лозим меояд, ки ба масъалаи шароитҳои ташакку-ли лаҳҷа ва шеваҳои тоҷикӣ[14] каме таваққуф намоем.

## ОИЛ БА ШАРОИТҲОИ ТАШАККУЛИ ШЕВАҲОИ ТОҶИКӢ

Шеваҳои ҳозираи тоҷикӣ маҳсули инкишофи таърихӣ ва тадри-ҷии давраҳои дуру дарози забони тоҷикӣ мебошанд. Ташаккул ва аз ҳам ҷудо шуда рафтани онҳо дар гузашта ба чор шароит ва

смили муҳим вобаста буд: 1. муҳити географӣ, 2. аломатҳои забонӣ, 3. иттифоқ ва ҷудошавии авлод, қабила ва халқҳо, инчунин тақсимоти сиёсӣ-маъмурӣ, 4. таркиби этникӣ.

Маҷмӯъ ва таҷассуми ҳамаи ин омилҳоро дар мисоли ташаккули таркиби этникии халқияти тоҷик мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷузъҳо /компонент/-и таркибии этникие, ки ба ташаккули халқияти тоҷик ибтидо ва асос гузошта буданд, онҳо суғдиёни тоҷикзабон /водии Зарафшон, воҳаи Қашқадарьё ва Истаравшан/, бохтариёну тохариён /ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва шимолии Афғонистон/, фарғониён, хуросониён ва қабилаҳои сокҳо /Помир, назди Помир ва районҳое, ки водии Фарғонаро иҳота мекарданд/ ба шумор мерафтанд. Илова бар онҳо, эфталитҳо-хионитҳо, туркҳо ва як қатор гурӯҳҳои дигари этникӣ, ки ба аҳолии аслии Осиёи Миёна ассимиляция шуда буданд, ба ин равиш саҳми муайян гузоштаанд.

Вусъати иттифоқи гурӯҳҳои этникӣ барои ташаккули халқият ва забони халқи тоҷик заминаи хеле соз муҳайё кард. Вале бо ин ҳама, дар ҳар маҳал ва ҳудуди муайян бо нигоҳ доштани субстрати этникӣ ва забонӣ шеваҳои алоҳида боқӣ мондан гирифтанд.

Истеъмоли калимаҳои ба монанди боз ва боҷ<бож; доно ва фарзона; биринҷ ва гурунҷ ва ғайраҳо дар шеваҳои онвақтаи хуросонӣ далели он буд, ки ба қабатҳои лексикаи онҳо калимаҳои забонҳои қадимаи медиёӣ ва хусусан парфиёнӣ бештар иқтибос шудаанд. Ин муносибати тарафайн ва амалиёти таърихӣ ба он оварда расонида буд, ки ба шеваҳои хуросонӣ ва мовароуннаҳрӣ, инчунин ба лексикаи забони асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ калимаҳои фаровоне ҷойгир мешаванд, ки ба шеваҳои гуногун мансуб буданд[15].

Равиши ташаккул, инкишоф ва афзоиши шеваҳо нисбат ба давраҳои пешина, хусусан дар давраи феодализм суръат ва шиддат ёфтааст. Чунончи, дар асри X аз тарафи Ал-Муқаддасӣ[16] дар Осиёи Миёна ва Хуросон мавҷуд будани шеваҳои бисьёр /аз он ҷумла, шеваи Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Балх, Буст, Ҳирот, Марв, Нишопур, Тӯс, Абевард, Сарахс ва ғайраҳо/ мушоҳида карда шуда, баъзе хусусиятҳои фарққунандаи фонетикӣ ва морфологии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ҷумлаи он хусусиятҳо истеъмоли шакли феълии бо суффикси -ак//-аг /бикардакам, бигуфтакам/ мебошад, ки вай ба шеваҳои онвақтаи Самарқанд нисбат дода шудааст. Ин шакл то ҳол аз байн нарафта, дар баъзе шаклҳои нақлии системаи

феъли як қатор шеваҳои ҳозираи тоҷикӣ ҳамчун анъанаи таърихӣ боқӣ мондааст: рафтаган /Панҷакент/, бърафтак /Қаротегин/, бурафтакан /Ашт/.

Тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Миёна мебошанд. Процесси ҳамчун халқ ташаккульёбии тоҷиконро Б.Ғафуров ба давраи барқарор шудани давлати Сомониён, яъне ба асри IX эраи мо нисбат медиҳад. Ибтидои ин процессро асри VII эраи мо мешуморад. Дар охирҳои ин давра, мегӯяд вай "забони гуфтугӯии халқи тоҷик - дарӣ - забони адабӣ мешавад"[17]. Тақрибан дар нимаҳои асри IX забони адабии форсӣ /форсии дарӣ/ ташаккул меёбад. Вай баъдҳо дар муддати хеле дуру дарози таърихӣ барои ҳамаи халқҳои эронизабон, ки онҳо дар Осиёи Миёнаи ҳозира, Афғонистон ва Эрон зиндагонӣ мекарданд, забони адабии умумӣ гардидааст.

Пайдо шудани тафовут ва ҷудоии забонҳои адабии форсӣ ва тоҷикӣ, чи тавре ки маълум аст, ба давраҳои хеле баъдина тааллуқ дорад.

Ватани тоҷикон дар давоми тамоми давраҳои таърихӣ майдони бисьёр ҷангҳои хунини байни феодалони маҳаллӣ ва тохтутозҳои пай дар паи истилогарони хориҷӣ гардида, зуд-зуд ғорат карда мешуданд. Сарҳадҳои давлатии сарзамине, ки тоҷикон ва гузаштагонамон умр ба сар мебурданд, ниҳоят бисьёр тағьир ёфта меистоданд. Дар асрҳои VI-IV то эраи мо Осиёи Миёна ба ҳайати шаҳаншоҳони Ҳахоманишиҳо дохил мешуд. Давлати Ҳахоманишиҳо хоки Эрони ҳозира, Арманистон, Ироқ, Сурия ва дигар мавзеъҳоро низ дар бар мегирифт.

Дар давраҳои баъдина ин сарзамин чандин бор дар байни якчанд давлатҳо тақсим мешуд ва гоҳ аз нав ба ҳам ҳамроҳ карда мешуд. /Чунончи, дар асри IV то эраи мо Осиёи Миёна ба зери тасарруфи Искандари Зулқарнайн мегузарад. Дар асри I эраи мо Афғонистон ва як қисми Осиёи Миёнаю Ҳиндустон дар ихтиёри давлати Кушониён мемонад. Дар аввали асри V ба Осиёи Миёна қабилаҳои кӯчманчиёни турк ҳамла меоваранд ва дар аввали асри VI давлати эфталитҳо ташкил меёбад. Дар нимаи дуюми асри VI дар Осиёи Миёна ва Афғонистон давлати хоқони турк барқарор мегардад. Дар асрҳои VII-VIII Осиёи Миёнаро арабҳо забт мекунанд. Дар асрҳои IX-X давлати Сомониён ҳукмронӣ мекунад/. Ба ҳайати давлати Сомониён Мовароуннаҳр ва Хуросон, инчунин як

... ор вилоятҳои Эрону Афғонистон дохил мешаванд. Дар давраи ... /дар асри XIУ/ ба ҳайати давлати вай кишварҳои Мовароун-наҳр, Хоразм, вилоятҳои назди баҳри Каспий, хоки Эрони ҳозира ва Афғонистон, як қисми Ҳиндустон дохил мешаванд. Дар натиҷаи ... давлати ягонаи Темуриҳо /дар асри ХУ/ Мовароуннаҳр, ... ва Ҳирот аз нав ҷудо шуда ба ҳайати давлатҳои гуногун ... мешаванд.

Дар асри ХУI хонигарии Бухоро ташкил меёбад, ки ба ҳайа-т... ва ҳамаи мавзеъҳои тоҷикони Осиёи Миёнаи мо дохил мешаванд. Дар ин давра парокандагии феодалӣ торафт авҷ мегирад. Аз он ҷумла, районҳои ҷанубии Тоҷикистон /мирони Кӯлоб, Балҷувон, Ҳисор/, гарчи онҳо дар ҳайати хонигарии Бухоро буданд, муста-қилии худро ҳамеша нигоҳ медоштанд. Районҳои саргаҳи дарьёи Зарафшон, шохаҳои он – Ягноб ва дарьёи Фон /мирони Мастчоҳ, Фалғар, Ягноб, Фон/ низ худро нисбатан мустақил мепиндоштанд. Тоҷикони районҳои шимолии Тоҷикистон /Фарғона, Хуҷанд, Ӯротеп-па/ дар ин давра ба зери тасарруфи ҳукмронии хонигарии Қӯқон монда буданд. Соли 1868-ум бошад, хонигарии Бухоро ба Россия ҳамроҳ карда мешавад. Аз ҳамин вақт эътиборан тақдир ва омоли тоҷикони шаҳрҳои Хуҷанд, Ӯротеппа, Самарқанд, Панҷакент, Кат-таќӯрғон ва ғайраҳо бо халқҳои Россия пайваст мегардад.

Ҳоло тоҷикон дар Иттифоқи Советӣ, дар сар то сари сарза-мини васеи Осиёи Миёна паҳн гардидаанд. Вале қисми асосии он-ҳо дар Тоҷикистон ҷойгир шудаанд. Ғайр аз инҳо, тоҷикони бисьёре дар як қатор районҳои Ӯзбекистон /дар вилоятҳои Бухоро, Самар-қанд, Тошкент, Намангон, Қӯқон, Андиҷон, Фарғона, Сурхондарьё ва Қашқадарьё/ аз давраҳои қадим боз умр ба сар мебаранд. Як миқдори онҳо дар Қазоқистон ва Қирғизистон низ сокин шудаанд.

Дар самти шимолӣ, аз ҳама охирин қишлоқҳои тоҷикнишин дар саргаҳи дарьёи Чирчиқ, дар назди қаторкӯҳҳои Чатқал воқеъ гар-дидаанд. Нуқтаи охирини ҷойгиршавии тоҷикон аз самти шимолӣ қишлоқи Бискан мебошад, ки вай дар арзи 42° шимолӣ воқеъ гар-дидааст. Аз тарафи ғарб бошад, шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва як қатор қишлоқҳои тоҷикнишини ин вилоятҳоро дар бар мегирад. Дар самти шарқӣ, аксари ин гуна қишлоқҳои тоҷикнишин ба сарҳади Советӣ /дар Помир/ пайваст гаштаанд. Аз тарафи ҷануб қишлоқҳои охиртарини тоҷикон дар соҳили рост ва қад-қади дарьёи Панҷ воқеъ гардидаанд. Дар ин самт /ҷанубии Ӯзбекистон/ нуқтаҳои

охирини чойгиршавии точикон дар худуди Иттифоки Советй шахри Термиз ва қишлоқҳои Пошхурд ва Зирабоғи вилояти Сурхондарьё, инчунин қишлоқҳои точикони ҳардурии вилояти Қашқадарьёро дар бар мегирад. Берун аз худуди Иттифоқи Советй точикон дар Афғонистон, дар шимолии кӯҳи Ҳиндукуш ва водии Бадахшони Шарқӣ, инчунин дар музофоти Ҳирот ва баъзе қишлоқҳои Кобул чойгир шудаанд. Дар ҷанубӣ-шарқии Ҳиндукуш низ ноҳияҳои тоҷикнишин ҷо-ҷо дида мешаванд ва онҳо дар байни мардумоне, ки бо забонҳои дигар гап мезананд, воқеъ шудаанд. Қишлоқҳои точикон дар қад-қади сарҳадҳои Афғонистон ва Ҳиндустон низ кам нестанд. Точикон дар вилояти Хуросони Эрон ва районн Синьцзяни республикаи халқии Хитой низ зиндагонӣ мекунанд.

Қисми зиёди маскани точикон кӯҳистон буда, дар водиҳои дарьёҳо воқеъ гардидаанд. Точикони районҳои шимолии Точикисто ва точикони Ӯзбекистон бошанд, бештар дар ҳамворзамин /ҳамвориҳои васеъ/ маскан доранд. Вале баъзе районҳои ҷанубӣ ва мар казии Точикистон /Ғорон, Ванҷ, Дарвоз, Вахиёи Боло, Мастчоҳ, Фалғар/, инчунин баъзе районҳои Ӯзбекистон, аз ҷумла, дар сар гаҳи дарьёи Чирчиқ қишлоқҳои Узун, Нанай, Пискен, Бӯстон; дар водии дарьёи Тӯфаланг қишлоқҳои Ҳуфар, Маланд, Ховат, Киштути районн Саросиёб ва қишлоқҳои Дарбанд, Сайроби районн Бойсун; қишлоқҳои Шиморону Боғчорбоғи районн Ғузор /ҳозира Деҳқонобод ба воситаи кӯҳҳои баланд аз ҳамсояҳои худ ҷудо мебошанд. Ин ҳама шароитҳо барои дертар нигоҳ доштa мондани хусусиятҳои ба худ хос /консервация/-и шеваҳо, аз ҳамдигар фарқ кардани онҳо сабаби калон гардидаанд.

Сарҳади мавзеъҳое, ки точикон яклухт сокин гардидаанд, а ҷанубии қаторкӯҳҳои Туркистон сар шуда ба сӯи кӯҳи Олой меравад ва то ба дарьёи Панҷ мерасад. Давоми он ба сӯи ҷануб, берун аз сарҳади СССР, ба Афғонистон ва Эрон медароянд. Бояд қай кард, ки дар баъзе районҳои ҳамин ҷойҳо низ халқҳои бо забонҳои дигар суханкунанда ҳам дучор мешаванд. Аксари онҳо Ӯзбекс буда, як миқдори камтарро арабҳо, қирғизҳо ташкил медиҳанд. Д районҳои марказии Точикистон /Варзоб, Яғноб, баъзе шохаҳои дарьёи Зарафшон/ яғнобиҳо воқеъ гардидаанд. Дар самти шимолӣ ғарбӣ, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ӯротеппа, Ленинобод, Ко нибодом, Исфара қисми зиёди аҳолиро точикон ташкил медиҳанд, аммо дар қишлоқҷойҳо бошад, қишлоқҳои точикон бо ӯзбекон яке



паи дигаре ҷойгир шудаанд. Баъзе қишлоқҳои точикон бошад, фақат дар иҳотаи қишлоқҳои бисьёри ӯзбекон /Риштон/, ё қазоқон /Биричмулло/, ё қирғизон /қишлоқҳои назди Ош/ мондаанд.

Ҳуллас, точикон дар қисми зиёди мавзеъҳои ҷойгиршавии худ бо бисьёр халқҳои ба забонҳои дигар гапзананда ҳамҳудуд ва ҳамсоя шудаанд: дар самти ҷанубӣ-шарқӣ бо помириҳо, дар районҳои марказӣ бо яғнобиҳо, дар самти шимолӣ ва ғарбӣ бо халқҳои туркзабон – ӯзбекон, қазоқон, қирғизон; дар ҷанубӣ-ғарбӣ бо туркманҳо. Ҳоло, умуман синфи коргари точик ва зиёиён дар шаҳрҳо, районҳо, посёлкаҳо ва пойтахти республика – шаҳри Душанбе бо мардуми рус ва намояндагони миллатҳои гуногуни Иттифоқи Советӣ дар шароити ягонаи дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамкорӣ хизмат ва зиндагонӣ мекунанд.

Маълум аст, ки дар гузашта, ҳанӯз дар асри УШ дар сарзамини Суғдиён забони суғдӣ паҳн гардида буд, ки яке аз навъҳои боқимондаи он – забони яғнобӣ буда, дар водиҳои дарьёи Яғноб ва баъзе қишлоқҳои районн Варзобу Ҳисор ҳоло ҳам дар истеъмол мебошад[18]. Соли 1916 аз тарафи И.И.Зарубин муқаррар карда шуда буд, ки аз ин 200-300 сол муқаддам дар водиҳои дарьёи Ванҷ забоне мавҷуд буда, вай ба гурӯҳи забонҳои помирӣ дохил мешудааст ва ҳоло он забон аз байн рафта, ҷои онро забони точикӣ гирифтааст.

Ин ҳама шароит ва воқеаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар як қатор шеваҳои маҳаллии точикӣ субстрати забонҳои дигар /хеш ва бегона/ низ мавҷуданд.

### БАЪЗЕ ҚАЙДҲО ДОИР БА МАСЪАЛАИ МАКОН ВА АСОСИ ШЕВАГИИ ЗАБОНИ ТОЧИКӢ

Забон ва диалект категорияи таърихӣ мебошанд. Марксизм-ленинизм таълим медиҳад, ки забон ба ҷумлаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад ва дар тамоми мавҷудияти ҷамъият амал мекунад. Табиат ва моҳияти забонро В.И.Ленин аз рӯи принципҳои материализми диалектикӣ чунин муайян кардааст: "Забон воситаи муҳимтарини алоқаи одамон аст". К.Маркс забонро "воқеияти ҳақиқати тафаккур" мешуморад. Аз ин ҷост, ки берун аз ҷамъият забон ҳам нест. Бинобар ин қонунҳои инкишофи онро ба таърихи ҷамъият, ба таърихи халқ пайваста омӯхтан лозим аст. Зеро халқ бунъёдкунанда ва соҳиби забон мебошад. Ба ин мазмун академик В.Виноградов гуфтааст: "Ҳам сохти грамматикӣ, ҳам фонди

луғавӣ, ҳам семантика, яъне ҷиҳати маъногии забон,- асосан умумихалқӣ мебошад"[19].

Забонҳо дар инкишофи таърихии худ се давраро гузаштаанд: 1/ забони авлодӣ, 2/ забони халқӣ, 3/ забони миллӣ. Ин зинаҳои номбаршуда бо формацияҳои ҷамъиятӣ мувофиқат намекунанд. Чунончи, дар давраи қадим дар ҷамъияти ибтидоӣ забони авлодӣ ва диалект аз ҳамдигар фарқ надоштанд. Аз ин ҷост, ки "Шева ва авлод моҳиятан баробаранд" гуфтааст Ф.Энгельс[20]. Бо баробари пайдо шудани синф, давлат забонҳои халқӣ ба вуҷуд омадаанд. Забони халқӣ ба даврахои ғуломдорӣ ва феодализм хос буда, забони миллӣ маҳсули даврахои нав мебошад ва ташаккульёбии вай вобаста ба ташаккульёбии миллат аст. Забони миллӣ ҳам вобаста ба шароитҳои муайян, бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд меояд.

Забони миллии халқи тоҷик фақат баъд аз ғалабаи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, дар давраи ҷамъияти социалистӣ асос ёфт ва устуворӣ пайдо кард, ки ҳоло дар авҷи инкишоф мебошад.

Процесси ташаккульёбии забони халқӣ ё миллӣ дар натиҷаи омезиши шеваҳо, лаҳҷаҳо ба вуҷуд намеоянд. Одатан дар ташкильёбии давлати мутамарказонида намояндагони яке ва ё гурӯҳе аз шеваҳо роли асосӣ ва мавқеи пешбарандагиро ишғол менамоянд. Шеваи аҳолии ҳамон маҳал, район ё вилоят дар оянда асоси забони халқӣ ё миллиро ташкил медиҳад ва унсурҳои беҳтарини шеваҳои дигарро таҷассум менамояд.

Забони тоҷикӣ дар заминаи шеваҳои шарқии эронии забони форсӣ /порсии дарӣ ё дарӣ ҳам меномиданд/ ташаккул ёфтааст, ки он асоси умумӣ ва ягонаи таърихии се забони ҳозира - тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ-кобулӣ ҳисоб меёбад.

Дар давраи ҳамчун халқ ва халқият ташаккул ёфтани тоҷикон дар бобати барқарор гардидани нормаҳои умумии забони дарӣ аз афташ шеваи шаҳри Бухоро ба сифати маркази давлатӣ ва маданӣ мавқеи калон бозидааст.

Оид ба ташаккули халқ, давлат ва забони адабии тоҷик Б.Ғфуров сухан ронда гуфтааст: "Дар давраи Сомониҳо /асрҳои IX-X забони дарӣ, забони тоҷикии онвақта ҳамчун забони давлатӣ асосан қабул карда шуд. Ба доираи адабӣ ҷорӣ шудани забони аҳолии маҳаллии мамлакат, яке аз намудҳои ба худ хоси намоиши сиёсӣ буд"[21].

Бояд хотиррасон кард, ки дар бораи ҷои пайдоиш ва интишори забони тоҷикӣ, инчунин доир ба масъалаи асоси шевагии он дар забоншиносии советии мо низ фикрҳои гуногун мавҷуданд. Бо вуҷуди он ки устод С.Айнӣ ҳанӯз соли 1926 дар "Намунаи адабиёти тоҷик" ном асари тазкиравии худ чунин навишта буданд: "Аз бозе ки вақоеъро таърих қайд намуд, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон чунон ки як қавми муаззам ба номи тоҷик истиқомат дорад, ҳамчунон забон ва адабиёти онҳо ҳам ривоҷ ёфта омадааст... Ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар ин ҷойҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ва ё муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург ба номи тоҷик аст. Дар ин ҷойҳо... дар ҳолати ҳозира ҳам мо мебинем, ки дар Бухоро, Самарқанд, Истаравшан /Ўротеппа/, Хуҷанд, Фарғона, Мастчоҳ ва умуман дар шарқии Бухоро ин қавм зиндагӣ доранд ва забону урфу одату адабиёти худро ба тамом ва пурра нигоҳ доштаанд"[22].

Гурӯҳи дигаре тасдиқ кардаанд, ки дар гузашта забони форсии қадим мавҷуд буда, пас, аз забони форсии қадим забони форсии миёна ва аз форсии миёна забони форсии нав пайдо шудааст. Ин ақидаи як гурӯҳ шарқшиносон мактаби худро дошт ва ба ин назария баъзе олимони мо ҳам пайравӣ мекарданд ва ҳоло ҳам дар ҳамин ақида мебошанд. "Забони тоҷикӣ, ки онро забони Осиёи Миёнагии форсӣ меноманд, дар асоси шеваҳои шарқии хуросонии забони форсӣ, дар забонҳои дурдасти аҳолии суғд, форсзабонони Осиёи Миёна ба вуҷуд омадааст", мегӯяд А.А.Фрейман[23].

Этнограф ва шарқшиноси машҳур профессор М.С.Андреев ҳисоб мекунад, ки забони ҳозираи тоҷик дар асоси унсурҳои грамматикии забони суғдӣ дар алоқамандӣ бо забони форсӣ ба вуҷуд омадааст[24].

Омӯхтани таърих, маҷериали бозъёфтҳои археологӣ /дар Панҷакент, Шаҳристон, Ҳисор ва дигар районҳои Осиёи Миёна/, ҳуҷҷатҳои суғд дар кӯҳи Муғ, катибаҳои суғдӣ дар Афросиёб, катибаҳои бохтарӣ ва ғайраҳо; тадқиқи ҳартарафаи маъхазҳои таърихӣ, этнографӣ ва забоншиносӣ, инчунин омӯхта шудани лаҳҷа ва шеваҳои гуногуни забони тоҷикӣ сабаби аз ин ақида баргаштани як гурӯҳ олимони мо гардид.

Профессор Е.Э.Бертельс ҳисоб мекунад, ки забони тоҷикӣ дар сарзамини Осиёи Миёна, тахминан дар районҳои Бухоро ва

Балх ба вуҷуд омадааст. Аммо он дар асоси забони суғдӣ ба вуҷуд наомадааст. Ин забон то истилои арабҳо дар ин сарзамин дар баробари забони паҳлавӣ /форсии миёна/ ва суғдӣ мавҷуд буд ва то андозае алифбои худро дошт. Ин забон аз байни тамоми забонҳои эронии дар Осиёи Миёна буда асоси забони форсии навро ташкил кард ва онро дар айни замон забони дарӣ ё инки форсӣ меноманд. Ин забони дарӣ бо оҳистагӣ паҳн шуда тамоми Эронро дар бар мегирад ва дар он ҷо низ забони форсии нав барқарор мегардад. Дар сарзамини Осиёи Миёна бошад, ин забон асоси забони ҳозираи тоҷикро ташкил медиҳад[25].

Тадқиқи шева ва лаҳҷаҳо барои муайян ва муқаррар намудани асоси шевагии забони адабии ҳозираи тоҷик ёрии калон мерасонанд. Оид ба ин масъала Н.А.Мелех ишора намуда гуфтааст: " Муқоисаи шеваи Ғиждувон бо забони адабӣ нишон медиҳад,ки чи дар соҳаи фонетика ва чи дар соҳаи морфология ва лексика онҳо умумияти калон доранд. Ин,боз яке аз далелҳои дигаре мебошад, ки ба асоси забони адабии ҳозира шеваҳои Бухорову Самарқанд воқеъ гардидаанд"[26].

Забони ҳозираи тоҷик - забони миллати социалистӣ, забони давлатии РСС Тоҷикистон мебошад. Ин забон ба таъбири устод С.Айнӣ дар натиҷаи ба ҳисоб гирифтани "усули сохтмони умумии лаҳҷаи тоҷикӣ асос ёфтааст"[27].

Оид ба бунёд ва асоси он дар яке аз асарҳои нави Б.Ғафуров - "Тоҷикон" таъкид карда мешавад, ки "Забони ҳозираи тоҷик ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ дохил мешавад. Асоси онро /асоси шевагии пешинаи онро - М.Э./ чи хеле ки забоншиносон тахмин мекунанд, шеваи ҷанубӣ-ғарбии форс ташкил кардааст ва он дар давоми ба шимол ва шимолӣ-шарқӣ интишори худ бисьёр унсурҳои забонҳои гурӯҳи шимолӣ-ғарбӣ, аз ҷумла забони парфиёниро дар бар гирифтааст ва дар натиҷа дар он аломатҳои шеваҳои гуногуни ғарбии эронӣ пайдо шудаанд"[28].

Бо вуҷуди ин ҳама, мавзӯи "асоси шевагии забони адабии пешина ва ҳозираи тоҷик" яке аз масъалаҳои муҳим, зарур ва ҳалталаби забоншиносии тоҷик буда, тадқиқоти амиқ ва ҳартарафаро талаб мекунад.

## ШЕВАШИНОСӢ ВА ТАЪРИХИ ЗАБОН

Предметҳои баҳси диалектологияи тасвирӣ забони шевагӣ, лаҳҷа ва шеваҳо буда, онҳоро дар як давраи муайяни таърихӣ тадқиқ мекунад /одатан ҳолати имрӯзаи онҳоро меомӯзад/. Худи ҳа-

мин предметҳо /забон, лаҳҷа ва шеваҳои он/ аз рӯи инкишофи таърихии онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар таърихи забон омӯхта мешаванд[29].

Чи хеле ки шевашиносии тасвирӣ ба ду соҳаи таҳсили илм /илм дар бораи забони шевагӣ ва илм дар бораи лаҳҷаю шеваҳо/ ҷудо мешавад, таърихи забон ҳам ҳамчунон қисматҳои таърихи сохти забон/фонологияи таърихӣ, грамматикаи таърихӣ, лексикологияи таърихӣ/ ва таърихи лаҳҷаю шеваҳоро дар бар мегирад. Ба таври дигар ифода намоем, шевашиносии таърихӣ лаҳҷаю шеваҳоро дар равиши инкишофи таърихии онҳо ва аз рӯи тағйироти сохт ва ҳудуди онҳо меомӯзад.

Манбаи бевоситаи шевашиносӣ забони шевагӣ, лафзи имрӯзаи мардум ба шумор меравад. Манбаи таърихи забон бошад, ду соҳа дорад: яке осори хаттии давраҳои гузашта буда, дигаре ҳамоно лафзи шевагӣ мебошад. Дар забоншиносӣ омилҳои ин ҳар ду манбаъ бо усули муқоисавӣ-таърихӣ мутолиа карда шуда, таърихи инкишофи системаи забон, таърихи баъзе ҳодисаҳои забонӣ, инчунин хатти ҳаракати ҷойгиршавии онҳо таъин карда мешавад ва бо ин равия таърихи ин ё он шева ва ё лаҳҷа низ муайян мегардад.

Аз ин рӯ, ҳартарафа омӯхтани лаҳҷа ва шеваҳои забон аҳамияти калон дорад, омӯхтани шеваҳои маҳалҳои гуногуни халқи тоҷик, пеш аз ҳама барои омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ материали бой медиҳад, чунки халқ соҳиб ва нигоҳдорандаи забон мебошад.

Дар шеваҳо бисьёр ҳодисаҳои забон, ки аз забони адабӣ кайҳо баромадаанд ё ин ки тағйир ёфтаанд, нигоҳ дошта мешаванд. Аксьёбии ин навъ ҳодисаҳои забон дар ҳамаи шеваҳои тоҷик дар ҳар соҳа, ба таври нобаробар ва ҷо-ҷо мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар забони классикии тоҷик 8 фонемаи садонок /а, э, и, й, у, ӯ, ӯ, о/ мавҷуд буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳоло 6 фонемаи садонок /а, э, и, у, ӯ, о/-ро мебинем. Дар як қатор шеваҳои гурӯҳи шимолӣ /Бухоро, Панҷакент, Ленинобод, Ӯротеппа ва ғайра/ монанди забони классикӣ 8 фонемаи садонок истеъмол меёбад. Дар ин гуна шеваҳо садонокҳои ӣ ва ӯ ҳамчун боқимондаи давраҳои қадим /реликт/ дар як миқдор калимаҳо талаффуз меёбанд: шӣша, дӣна, кӣна, сӣна, хӣра, шӣрин, зӣрак, дӣдор; сӯрат, хӯнин ва ғайра. Дар систе-

маи садонокҳои шеваҳои ҷанубии Тоҷикистон бошад, овози ъ /с доноки қатори ақиби ғайрилабӣ/ ҳамчун фонемаи мустақил вуҷу дорад, ки он тадриҷан аз садоноки кӯтоҳи таърихии у пайдо ш дааст /гъл<гул, кърта<курта, мърғ<мурғ/ ва дар забони ад бии ҳозираи тоҷик истеъмол намеёбад.

Муайян ва таъин намудани фарқияти ҳодисаҳои ҷудогонаи системаи забон аз рӯи маҳал ва ҳудуди паҳнгаштаи онҳо на фа қат барои шевашиносӣ аҳамият дорад, балки барои ҳалли ягон масъалаи таърихи забон далели зарурӣ ба шумор меравад. Факт ҳои шевагӣ, аз як тараф, барои равшан намудани баъзе ҷиҳатҳои фонетикаи таърихӣ ёрӣ расонанд, осорҳои хаттӣ бошанд, бештар барои муқаррар намудани морфологияи таърихӣ аҳамияти калон доранд.

Дар мавриди бо забони адабӣ муқоиса намудани фактҳои ше ваҳо ва лаҳҷаҳо равшан мегардад, ки ҳар кадоми онҳо бештар ба хусусияти хоси худи забони адабӣ, забони шевагӣ ва ё диалектҳо алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, дар забони адабӣ анъанаи хаттӣ муддатҳои дуру дароз пойдор мемонад, бинобар ин вай умуман, нисбат ба лаҳҷа ва шеваҳои мавҷуда сусттар тағьир меёбад. Чунки шаклҳои маҳаллӣ, шевагӣ ба забони адабӣ, за бони хаттӣ одатан хеле оҳиста ва ниҳоят кам дохил мешаванд. Бинобар ҳамин ҳам забони адабӣ назар ба шаклҳои даҳонакии худ дорои система ва шаклҳои муайян ва ягона мебошад. Баръакс, лаҳҷа ва шеваҳо нисбат ба забони адабӣ, нисбат ба анъанаи хаттӣ озодтар буда, нобаробар инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, дар баъзеи онҳо аломатҳои архаистӣ бештар боқӣ мемонанд, дар гурӯҳи дигари онҳо шаклҳои нав нисбатан зиёдтар ва зудтар пайдо мешаванд.

Масалан, садонокҳои е ва ӯ дар забони адабии имрӯзаи то ҷик давоми инъикоси анъанаи садонокҳои таърихии ē ва ӯ, ӯ ба шумор меравад. Аз онҳо, садоноки маҷҳули ē бошад,/дар забони форсии қадим – аи, айа, ай/ қариб[30] дар ҳамаи шеваҳои тоҷик қонунӣ нигоҳ дошта шудааст ва дар ҳама мавридҳо ба таври як фонема – е талаффуз карда мешавад: бēва > бева, пēш > пеш, дēв > дев, дēг > дег.

Аммо садонокҳои таърихии ō, ӯ, у дар шеваҳои тоҷикӣ ба таври гуногун акс ёфтаанд: дар як гурӯҳи шеваҳо ҳар сеи онҳо ба навъи ӯ, ӯ, у кор фармуда мешаванд; дар гурӯҳи дигар, аз



онҳо дутоаш боқӣ мондааст: ӯ, у; дар сеюмаш, навъи ӯ, ӱ /ӯ <— ō/ӯ, ӱ <— ӯ/ӯ /; дар чорумаш: ӯ, ъ /ӯ <— ō/ӯ, ъ < у/ ва дар гурӯҳи панҷумаш, навъи ӯ, ӱ, ъ /ӯ < ō, ӱ < ӯ, ъ < у/ пайдо шудааст. Чунончи; сӯзан ~ сӯзан ~ сузан ~ сӯза/н/; буд ~ бӱд ~ бъд ~ бӱ//би; дӯд ~ дуд//дут ~ дӱд; буз ~ бъз ~ бӱз.

Садонокҳои ӱ ва ъ, ки дар шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ истеъмол меёбанд, ҳодисаҳои баъдинаи инкишофи овозии шеваҳо буда, дар забони зинда ҳодисаи нисбатан нав ба шумор меравад.[31] Баръакси ин ҳол, дар худи шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ хусусияти архаистӣ дар соҳаи лексика зиёдтар мушоҳида карда мешавад. Аз ҷумла, дар шеваҳои Ванҷ, калимаҳои тарф /пену/, шикарӯндан /аз паи чизе ё касе шудан, таъқиб кардан/ ва ғайраҳо аз ҳамин қабил буда, онҳо дар гурӯҳи шеваҳои шимолӣ тамоман вуҷуд надоранд.

Дар гурӯҳи шеваҳои марказӣ /Мастчоҳ, Фалғар/ субстрати забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ бештар боқӣ мондааст. Чунончи, дар ин гурӯҳи шеваҳо /ва дар ҳамаи шеваҳои дигари тоҷикӣ низ/ калимаи нағз мавҷуд буда, вай аз забони суғдӣ /аз калимаи нғз/ боқӣ мондааст. Инчунин калимаи панонҷ ё палонҷ, ки дар шеваҳои номбурда ва баъзе шеваҳои шимолӣ истеъмол меёбад, боқимондаи забони суғдӣ / пн'нч / мебошад. Калимаҳои фарғумҷ /ғуноҷин, гӯсола/, бӯд[32] /дар забони яғнобӣ *иот–* аористи бошад/ низ аз ҳамин гурӯҳ буда, онҳо дар забони яғнобӣ ва ҳам дар баъзе шеваҳои саргаҳи дарьёи Зарафшон, инчунин дар баъзе шеваҳои дигари тоҷик кор фармуда мешаванд.

Аз тарафи дигар, лаҳҷа ва шеваҳо бо хусусияти навоварии худ низ аз забони хаттӣ /дар ин ҷо забони давраи классикӣ дар назар дошта шудааст/ фарқ мекунанд. Аз ҷумла, дар як қатор шеваҳои шимолӣ /Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Ленинобод, Уротеппа ва ғайра/ баъзе шаклҳои феълӣ нисбат ба шаклҳои феълии шеваҳои районҳои ҷанубӣ /Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз/ бисьёртар ва серистеъмоланд. Дар шеваҳои номбаршуда якчанд шаклҳои нави феълӣ пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, кайҳост, ки аз ҷумлаи он шаклҳои нав баъзе умумишудаашон ба нормаи забони адабӣ, ба системаи феъли забони ҳозира дохил шудаанд. Чунончи: I/ шакли сифати феълӣ бо суффикси -гӣ /рафтагӣ, дидагӣ/, 2/ шаклҳои таркибии феълиҳолӣ /давида омад, хеста рафт/, 3/ шаклҳои феълӣ бо феъли ёридиҳандаи истодан/хонда истодаам, хонда истода будам ва ғайра/[33].

Чи хеле ки маълум аст, дар забони форсии миёна суффикси чамъбандии -ан[34] барои исмҳои ҷондор ва беҷон муштарак буд. Дар забони адабии имрўзаи тоҷик, баръакс суффикси -ҳо вазифаи муштаракӣ пайдо карда, доираи истеъмоли суффикси -он тангтар шудааст.

Дар забони форсии миёна дар таркиби шакли феъли замони ҳозира-оянда префикси ҳамē- барои нишон додани амали давомнок префикси бē- бошад, дар таркиби шакли замони гузашта барои нишон додани амали ба итмом расида ва ё мутлақ истеъмол меёфт ҳамē рафт, бē рафт. Дар забони классикӣ префикси ҳамē- аз байн рафта, шакли кўтоҳи он ме- боқӣ мондааст. Префикси бē- бошад, шакли би-ро гирифтааст.

Дар забони адабии имрўза доираи истеъмоли би- торафт танг шудааст[35]. Бо вуҷуди ин префикси би- дар гурўҳи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ /Кўлоб, Қаротегин, Чилдара, Вахиёи Боло, Дарвоз, Ванҷ, Шорон/ ва шеваҳои гурўҳи кўлобию қаротегинии Варзоб инчунин дар шеваи кўлобии Ҳисор /дар шаклҳои бъ- // бў / серистеъмол мебошад.

Префикси қадимаи ҳамē- /ҳамē рафт//рафт ҳамē, ҳамē равад //равад ҳамē/ ҳоло ба шакли ме-/ дар шеваҳои алоҳида дар навъҳои ме-, ми- ё му-/ дар ҳамаи шеваҳои тоҷик пеш аз асоси феълӣ истеъмол меёбад. Вале дар шеваҳои Вахиёи Боло, Дарвоз, Ванҷ дар ду мавқеъ кор фармуда мешавад: ба аввал, ё охири асоси замони ҳозира пайваст шуда, шакли замони ҳозира-ояндаро месозад: мерава, нараваме.

Аз ин ҷост, ки илми шевашиносӣ бо таърихи забон алоқаи муайян пайдо мекунад ва аз ин рў, материалҳои ин ҳар ду предмет дар бобати тартиб додани грамматикаи таърихии забони тоҷикӣ ва шевашиносии таърихӣ аҳамияти ниҳоят калон доранд.

## ШЕВАШИНОСӢ ВА ТАЪЛИМИ ЗАБОНУ АДАБИЁТ

Омўхтани шевашиносӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Омўхтани асосҳои илми шевашиносӣ дар алоқамандии забони адабии имрўза дар бобати боз ҳам устувортар гардондани қоидаҳои имло /орфография/ ва талаффузи дуруст /орфоэпия/-и забони тоҷикӣ ёрии калон мерасонад. Аз ин рў, омўхтани шевашиносии тоҷик барои муаллимони забон ва адабиёти тоҷик ниҳоят муҳим ва зарур мебошад. Вазифаи муаллими забон ва адабиёт аз он иборат аст, ки маданияти нутқи хаттӣ ва даҳонакии хонандагонро мунтазам тараққӣ диҳад

Агар муаллим хусусияти шеваҳои маҳаллиро пурра надонад, хонандагонро аз таъсири хусусиятҳои шевагӣ ба зудӣ озод карда наметавонад. Ӯ хонандагонро мувофиқи қоидаҳои забони адабӣ ба дуруст сухан кардан ва инчунин аз рӯи имло ба дуруст ва беғалат навиштан тайёр карда наметавонад. Масалан, агар муаллим дар аксарияти шеваҳои ҷанубӣ талаффуз наёфтани садоноки ӯ ва ё ташдид нагирифтани ҳамсадоҳоро пешакӣ ба ҳисоб нагирад, ё ин ки дар як қатор шеваҳои тоҷикони водии Фарғона хусусияти ноустуворӣ доштани ҳамсадои р-ро ҳодисаи безарар шуморад, дар хонандагони худ имло ва талаффузи дурустро мувофиқи нормаи забони адабӣ ба осонӣ барқарор карда наметавонад.

Хатоҳои шевагӣ на фақат соҳаи фонетикаро дар бар мегиранд, *балки дар ҳамаи соҳаҳои* забон мушоҳида карда мешаванд. Муаллими ҳар як маҳал, район, хусусан муаллими забони модарӣ бояд ба хубӣ донад, ки шеваи ин ё он маҳал аз забони адабӣ аз кадом ҷиҳатҳо /лексика, грамматика, фонетика, услуб/ фарқ мекунад. Пас, ӯ бояд ба ҷои лафзи маҳаллӣ ҷорӣ намудани забони адабӣ тадбирҳои зарурӣ андешад ва барои иҷрои ин вазифаи ниҳоят муҳим сарварӣ кунад.

Муаллим бояд барои бартараф намудани хатоҳои шевагии хонандагон ҳамеша кор барад. Шаклҳои кори муаллим гуногун буда, ҳамаи онҳо, маҳз барои аз худ кардани қоидаҳои муайян ва ягонаи забони адабӣ ва барои пайдо намудани малакаи мустаҳками забондонӣ нигаронида мешаванд.

Омӯхтани лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ барои дурусттар сарфаҳм рафтан ва дарк намудани ҳолати имрӯзаи забони гуфтугӯӣ ва роҳу равиши қонунҳои тағйирёбӣ ва инкишофи забони адабӣ ёрии калон мерасонад. Аз ин рӯ, лаҳҷа ва шеваҳо яке аз манбаъҳои инкишофи забони адабӣ буда, онро бо калима, ибора ва тарзу воситаҳои ифодаи фикр ҳамеша бой мегардонанд.

*Омӯхтани фактҳои забони шевагӣ барои дурусттар сарфаҳм* рафтани осори хаттии қадима ва барои пурра фаҳмидани асарҳои бадеии классикӣ ва баъдина, инчунин даврай советӣ низ хеле муҳим мебошад. Шоирон, нависандагон ва муҳаққиқони тоҷик дар гузашта аз диалектизм кам истифода бурдаанд ва ҳоло муосирон ҳам фақат дар мавридҳои муайян аз он истифода мебаранд. Истеъмоли калима ва ё ибораҳои шевагӣ мавқеъ ва маврид дорад ва одатан вобаста ба чунин ниятҳои эҷодӣ рӯй медиҳад: I/ Нависанда барои

равшантар нишон додани ҳолати ботинии қаҳрамони асар ва барҷастатар баромадани образ ўро бо забони маҳаллӣ, шевагӣ сухан мекунонад. 2/ Нависанда дар вақти тасвири манзара, урфу одат, хусусияти рўҳии мардуми маҳалле хоҳ нохоҳ ба истифодаи калимаҳои халқӣ-гуфтугўӣ ва шевагӣ маҷбур мешавад. Бо вуҷуди ин нависанда дар ҳар ду ҳолат ҳам бояд эҳтиёткор бошад ва то қадри имкон аз истифодаи калима, ибораҳои хоси шевагӣ ҳамёша худдорӣ кунад.

Ҳамин тариқ, азбаски забон дар ибтидо, дар заминаи шева шакл меёбад, яке аз вазифаҳои асосии таълими забон дар мактабҳо ва маълумоти филологӣ дар донишкадаҳои олӣ ба мактабиён ва студентон омўзонидан ва устувор гардонидани нормаҳои забони адабии тоҷик мебошад.

АЛОҚАИ ШЕВАШИНОСӢ БО ФАНҲОИ ДИГАР

Шевашиносӣ бо фанҳои таърих, археология ва этнография алоқаи мустаҳкам дорад. Фактҳои алоқидаи шева ва лаҳҷаҳои ҳозира барои таърихшиносон материали хеле муҳимми иловагӣ ба шумор меравад. Як қатор ҳодиса ва воқеаҳои таърихӣ /аз ҷумла: дар гузашта ва ҳоло аз рўи сокиншавӣ ба кадом гурўҳҳо муттаҳид ва ё ҷудо шудани халқ, дар куҷоҳо маскан кардани онҳо,дар байни худ ва бо кадом халқҳои ҳамсоя чӣ хел алоқа доштани онҳо ва ғайра/ дар лаҳҷа ва шеваҳо ба ин ё он дараҷа акс меёбанд, нақшу нишонаҳои муайян мегузоранд. Ин гуна материалҳо ҳамчун як навъи сарчашмаҳо баъзе нуқтаҳои торики таърихи гузаштаи халқ, ки дар манбаъҳои таърихӣ - дар осори хаттӣ акс наёфта мондаанд, равшан мегардонанд.

Аз тарафи дигар, фактҳои таърихиро ба ҳисоб нагирифта ба таври ҳақиқӣ ва пурра фаҳмидани хусусиятҳои хелҳои гуногуни шеваҳои забони ҳозира ва тақсимоти ҳудудии фарқияти шевагӣ аз имкон берун аст. Бинобар ин дар шевашиносии тасвирӣ ва асосан дар шевашиносии таърихӣ ва таърихи забон аз фактҳои таърихӣ нисбатан васеътар истифода бурда мешавад.

Масалан, хусусиятҳои зиёди фарққунанда ва ба худ хос пайдо кардани шеваҳои Дарвозу Ванҷ, Қаротегин ба ғайр аз баъзе фактҳо /шароити географӣ, субстрати забонҳои қадима ва помирӣ/, боз ба таърихи мардуми он районҳо низ вобаста мебошад. "Вилоятҳои кўҳии Ҷанубии Тоҷикистон дар бобати маданият на фақат бо районҳои кўҳии аз худашон дар ҷануб воқеъ гардида алоқа доштанд



балки инчунин таъсири маданияти вилоятҳоеро аз сар гузаронидаанд, ки он мавзеъҳо дар самти ғарбӣ ва ҷанубӣ-ғарбии онҳо воқеъ гардида, як замонҳо маркази мадании Бохтарияи қадим ба шумор мерафтанд"[36]. Дар бораи буньёди маҳаллии халқи тоҷик ва алоқаи он бо халқҳои ҳамсоя таърихшинос Л.Ю.Якубовский навишта буд: "Аҳолии Тоҷикистон буньёди маҳаллӣ, ҷои баромади худро дорад: як қисми он бо сохти этникӣ ва маданияти Суғд ва қисми дигараш, бо Бохтария алоқаи зич дошт. Ҷанубии Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ ва маданӣ дар давоми асрҳои бисёр бо вилояти Балх алоқа дошт ва бо ин восита на фақат бо Эрон, балки бо Афғонистон ва шимолии Ҳиндустон низ муносибат мекард"[37].

Аз ин рў, талаботи методологӣ бармеояд, ки тадқиқи таърихи шеваҳоро аз давраҳои дастраси қадим то давраи мо дар алоқамандии фактҳои таърихӣ пайваста бояд омўхт. Дар асоси ин талабот фактҳои соҳаи дигари таърих, ки археология номида мешавад ва объекти тадқиқотии вай бештар предметҳои бошишгоҳҳо, шаҳрҳо ва қабристонҳои бостонӣ мебошанд, ба таърихи шевашиносӣ ва таърихи забон ёрии калон мерасонанд. Бозьёфтҳои археологӣ ҳудуди сокиншавии аҳлӣ ва ҳаракати муҳоҷирати /ҷой иваз кардани/ қабилаҳоро дар гузашта таъин мекунад.

Шевашиносӣ бо этнография низ алоқаи хеле наздик дорад.Этнография фаннест, ки хусусиятҳои моддӣ ва мадании халқро меомўзад. Бинобар ин шевашинос бояд ақаллан бо асосҳои этнографияшинос бошад, то ки дар ҳангоми тадқиқот ба тарзи зиндагӣ ва предметҳои маданӣ-моддии деҳа, ҷамоа ё район ба осонӣ сарфаҳм равад. Чуноне ки маълум аст, бештарини хусусиятҳои этнографӣ бо хусусиятҳои шева ва ё лаҳҷа вобаста мебошанд. Чунончи, истеъмоли умумӣ доштани калимаҳои ба мисли пейвоз//пёвоз /ширкати шир/, рағза//ръғза /шол, матои пашмина/, ръжд /суфта, ҳамвор/, чъхт /рост, шоқул/ ва ғайра дар шеваҳои ҷанубии Тоҷикистон /Қаротегин, Дарвоз, Ванҷ, Кўлоб ва як қисми водии Вахшу Ҳисор/ аз буньёди ягона ва тарзи зиндагии умумӣ ба сар бурдани мардуми ин сарзамин шаҳодат медиҳад.

Аз ин ҷост, ки фактҳои ҷолиби диққати ҳаёти моддӣ ва мадании халқ ба воситаи экспедиция ва тадқиқотҳои этнографӣ ва инчунин шевашиносӣ ба тарзи муштарак қайд карда мешаванд. Ин ҳама материалҳо ба фанҳои номбурда саҳми намоёни дутарафаи худро мегузоранд.

Ҳамин тариқ, шевашинос ҳангоми тадқиқ ва маънидоди баъзе масъала ва материалҳои забонӣ аз маълумоти ёрирасони таърихӣ, этнографӣ, археологӣ ва антропологӣ фоида мебарад. Чунки ин гуна материалҳо ва материалҳои шевашиносӣ дар якҷоягӣ маънидод ва хулосаҳоро асоснок ва пур мекунанд. Ин тарзи материалгундорӣ ва тадқиқот бештар барои муайян намудани шароитҳои умумитаърихии ташаккули шева ва лаҳҷаҳо ёрӣ мерасонад.

Эҷодиёти даҳонакии халқ /фольклор/ ҳам барои шевашиносӣ материали муҳимми шевагӣ медиҳад. Материалҳои фольклорӣ баъзе ҳодисаҳои вобаста ба хусусиятҳои анъанавии забонро дар бар мегиранд. Бинобар ин аз фактҳои забонии жанрҳои гуногуни эҷодиёти даҳонакии халқ истифода бурдани шевашинос барои ҳартарафа ва пурратар омӯхтани объекти шеваомӯзии ӯ мадад мерасонад. Аз тарафи дигар, дар материалҳои баъзе корҳои О.Сухарева, А.Н.Болдырев, М.Турсунзода, Д.Бузургзода ва Р.Ҷалил, А.З.Розенфельд, В.Асрорӣ, Р.Амонов ва дигарон, ки онҳо ба ғундоштан ва тадқиқи эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик бахшида шудаанд, хусусиятҳои талаффузи намояндагони маҳалҳо асосан нигоҳ дошта шуда, транскрипция низ ба кор бурда шудааст; дар баъзеи онҳо оид ба аломатҳои морфологӣ ва лексикии шеваҳои алоҳида маълумоти мухтасар ҳам дода шудааст. Аз ин ҷиҳат, дар алоқамандӣ омӯхтани шевашиносӣ бо фанни фольклор ҳаргиз аз аҳамият холӣ намемонад.

## Адабиёт


Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. Госполитиздат, 1953, стр. 89.

Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Москва, 1926, саҳ. 3.

Айнӣ С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ. "Роҳбари дониш", соли 1928, № 4-5 /7-8/, саҳ. 22-24; Ахгари инқилоб. Душанбе, 1974, саҳ. 98; Забони тоҷикӣ. "Роҳбари дониш", соли 1928, № 11-12, саҳ. 43-47.

Аванесов Р. И. Диалектология и история языка. Русская диалектология. Москва, 1964, стр. 24-27.

Андреев М. С. О таджикском языке настоящего времени. В кн: Материалы по истории таджиков и Таджикистана. Сталинабад, 1945, стр. 56-70.

Баранникова Л. И. Социально-историческая обусловленность места разговорной речи в общенародном языке. "Вопросы языкознания", № 3, 1970, стр. 100.

Бертельс Е. Э. Персидский дари-таджикский. "Советская этнография", № 4, Москва, 1950, стр. 55-66.

Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. Москва, 1960, стр. 109-168.

Виноградов В. О лингвистической дискуссии и работах И.В.Сталина по вопросам языкознания. "Большевик", 1950, № 15





Гафуров Б. Г. История таджикского народа. Москва, 1955, стр. 204-206.

Гафуров Б. Г. Таджики. Москва, 1972, стр.370-386.

Гринкова Н. П. Этнография и диалектология. - В кн.: Труды второго географического съезда, т. III, Москва, 1949, стр. 300-314.

Десницкая А. В. Наддиалектные формы устной речи и их роль в истории языка. Ленинград, 1970.

Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Сталинобод, 1959, саҳ. 5-38; Забон ва маҳорат. Дар китоби "Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат". Душанбе, 1966, саҳ. 127-230.

Мелех Н. А. Гиждуванский говор таджикского языка. Автореферат канд.дисс., Ленинград, 1968.

Мещерский Н. А. Введение. Русская диалектология. Москва, 1972, стр. 5-17.

Ниязмухаммедов Б. Н. Таджикский литературный язык. "Труды ТФ АН СССР", т. XXIX. Сталинабад, 1951, стр. 109-120.

Оранский И. М. Современный таджикский язык. "Иранские языки". ИВЛ., Москва, 1963, стр. 111-112.

Прохорова В. Н. Диалектизмы в языке художественной литературы. Москва, 1957.

Расторгуева В. С. Средне-персидский язык. Москва, 1966.

Розенфельд А. З. Некоторые вопросы таджикской диалектологии. Вестник Ленинградского университета, № 7, 1951, стр. 33.

Ричард Фрай. Наследие Ирана. Москва, 1972, стр. 28-34; 241-244.

Сталин И. В. Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ. Сталинобод, 1950.

Семенов А. А. К вопросу о термине "дари" как названия языка. В кн:: Памяти Михаила Степановича Андреева. Труды АН Таджикской ССР, т. СХХ, 1960, стр. 189-193.

Текучев А. В. Основы методики орфографии в условиях местного диалекта. Москва, 1953; Преподавание русского языка в диалектных условиях. Москва, 1974.

Фрейман А. А. Задачи иранской филологии. Известия АН СССР. ОЛЯ, т. У, вып. 1946, стр.

"Энциклопедия Советского Таджикистана". Душанбе, 1974, стр. 281-290 /раздел "Таджикский язык"/.

# БОБИ ЯКУМ

## ТАСВИРИ УМУМИИ ТАЪРИХИ ШЕВАШИНОСИИ ТОҶИК ВА ОБЗОРИ МУХТАСАРИ КОРҲОИ АСОСӢ ОИД БА ШЕВАШИНОСӢ /солҳои 1861-1974/

Дар байни соҳаҳои гуногуни илми забоншиносии тоҷик фонетика, луғатшиносӣ ва шевашиносӣ таърихи дуру дароз дорад. Тадқиқи илмии грамматикаи забони тоҷикӣ фақат ба давраи советӣ тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, асосгузори адабиёти советии тоҷик С.Айнӣ дар яке аз мактубҳои кушоди худ қайд карда буд, ки "Ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ асру замона то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь забон дар мактаб ва мадрасаҳои тоҷик ба сифати як дарс хонда намешуд"[1].

Шевашиносии тоҷик таърихи зиёда аз сад солро дар бар мегирад. Ба ин анъана ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX профессори университети Қазон В.В.Григорьев ибтидо гузошта буд. Ӯ соли 1861 дар китоби "Дар бораи баъзе воқеаҳои Бухоро, Қӯқон ва Қашғар"[2], дар обзори грамматикии он /"Мушоҳидае оид ба фарқиятҳои шевагии забони форсии маъмули тоҷикони Бухоро"/ дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи шеваи тоҷикони Бухоро аз забони форсӣ мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда буд. Ин асари В.В.Григорьев дар асоси материалҳои дастхати Мирзо Шамси Бухороӣ тартиб дода шудааст. Забони дастхат ба забони гуфтугӯӣ наздик буда, баъзе хусусиятҳои шевагии лафзи мардуми Бухороро дар бар мегирифт.

В.В.Григорьев дар асар забони тоҷикиро ҳамчун яке аз лаҳҷаҳои забони форсӣ бо забони форсӣ муқоиса намуда, баъзе фарқиятҳои морфологии онро, аз ҷумла, истеъмоли шаклҳои феълӣ бо феъли ёридиҳандаи истодан, шакли сифати феълӣ бо суффикси -гӣ ва таркибҳои феълӣ бо шакли феълиҳолӣ ва ғайраро муайян намуда буд. Хусусиятҳои фонетикии забон бошад, аз сабаби бо хати арабӣ навишта шудани он норавшан монда буд.

Соли 1898 А.А.Семёнов дар ҳайати "Ҷамъияти дӯстдорони табиатшиносӣ" ба Осиёи Миёна омада, дар Бухоро, саргаҳи Зарафшон, Қаротегин, Дарвоз ва дигар ҷойҳо материалҳои фаровон ба даст медарорад. Дар асоси таҳлили материалҳои забон иборат аз ду ҷилд асари тадқиқотии ӯ /"Материалҳо барои омӯхтани лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистони Осиёи Марказӣ"/ ба табъ расида-

аст[3], ки ҷилди якум - ба тасвири хусусиятҳои шеваҳои Қаротегину Дарвоз бахшида шуда, ҷилди дуюм - аз матн, луғат ва намунаи фольклори он мавзеъҳо иборат мебошад. Дар ин асар ҳам лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистон бо забони форсии он давра муқоиса карда мешавад ва нисбатан тозатар будани он аз лаҳҷаи тоҷикони Самарқанду Бухоро, инчунин дар лаҳҷаи кӯҳистон бештар нигоҳ дошта шудани хусусиятҳои забони қадима, классикӣ қайд карда мешавад. Дар асар хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии шеваҳои Қаротегину Дарвоз дар асоси материалҳои мавҷудаи ҳамонвақта тасвир карда шудааст. Қимати дигари кори Семёнов барои шевашиносии тоҷик дар он аст, ки ӯ дар навишта гирифтани материалҳои шеваги бори аввал дар асоси хати русӣ транскрипцияро ба кор бурдааст.

Соли 1900 дар Самарқанд В.П.Наливкин[4] "Дастуре оид ба амалан омӯхтани забони форсӣ" таълиф намуд, ки дар он бештар ба ҷиҳатҳои ба тарзи амалӣ аз худ кардани забони тоҷикӣ, забони гуфтугӯӣ эътибор дода шуда буд.

Соли 1915 П.Е.Кузнецов[5] дар "Очерки грамматикии муқоисавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва сартӣ" ном кори худ забони тоҷикиро бо забони ӯзбекӣ ва баъзе шеваҳои он муқоиса намудааст. Ӯ дар ин асари худ ба таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ ибтидо мегузорад. Вай ба хулосае омадааст, ки "лаҳҷаи тоҷикиро" ба ду шева ҷудо кардан мумкин аст: якумаш, хоси шеваҳои тоҷикони кӯҳистон /Қаротегин, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва ғайра/ мебошад, дуюмаш, ба тоҷикони ҳамворзамин, яъне ба тоҷикони ҳавзаи болои дарьёи Аму хос буда, аз он ҷумла, Фарғона, уезди Тошкентро дар бар мегирад[6]. Кузнецов қайд карда буд, ки тоҷикони саргаҳи Аму назар ба тоҷикони ҳамқавми ҳамворзамини худ шеваи худашонро хубтар нигоҳ доштаанд: дар онҳо калимаҳои ӯзбекӣ каманд, пешояндҳо ҳам дар мавқеи худ ба кор бурда мешаванд, онҳо пасоянд шуда намеоянд[7]. Илова бар ин, ӯ шеваҳои забони тоҷикиро бо забонҳои форсӣ ва ӯзбекӣ муқоиса намуда, оид ба сохти синтаксисии шеваҳои тоҷикӣ хулосаи нодуруст баровардааст: "Шеваҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати фонетика назар ба забони форсӣ бо хусусияти кушод ва чуқур талаффуз ёфтани овозҳои садонок фарқ мекунанд. Сохти синтаксисии шеваҳои забони тоҷикӣ монанди сохти синтаксисии забони ӯзбекӣ мебошад"[8].

Шевашиносии тоҷик, ки ба он пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь корҳои В.В.Григорьев, А.А.Семёнов, П.Е.Кузнецов ибтидо гузошта буданд, фақат дар давраи советӣ ба воситаи корҳои тадқиқотии И.И.Зарубин ва шогирдони ӯ, инчунин як қатор тоҷикшиносон-шевашиносон, аз ҷумла, олимони тоҷик ба роҳи ҳақиқии инкишофи худ даромад[9].

Аз рӯи хусусият ва характери тадқиқот шевашиносии тоҷик ду давраро дар бар мегирад: I/ давраи пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, 2/ давраи пас аз Революцияи Октябрь.

Давраи пеш аз революцияи омӯхтани шеваҳои тоҷик бештар аз тадқиқотҳои ҷудогонаи ғундоштани материалҳо иборат буд. Дар ин давра хатои маҳзи тадқиқотчиён аз он иборат буд, ки забони ба худ хоси тоҷиконро инкор мекарданд ва онро ба сифати яке аз лаҳҷаҳои забони форсӣ ба ҳисоб мегирифтанд.

Бо вуҷуди ин, олимони рус дар давраи гузашта дар соҳаи омӯхтани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қадами аввалин гузошта, хизматҳои шоён кардаанд ва дар ин роҳ ҳар яке саҳми намоёне гузоштаанд. Моҳият ва баъзе норасоиҳои он корҳо аз тарафи академики АФ РСС Тоҷикистон, профессор Б.Ниёзмуҳаммадов ба таври хулоса чунин шарҳ дода мешавад: "Дар асарҳои номбаршуда агарчи баъзе камбудиҳои илмӣ ва техникӣ мушоҳида шаванд ҳам, ин асарҳо, аз як тараф, хусусиятҳои ба худ хоси забони тоҷикиро қайд карда, фарқи фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавии онро аз забони форсӣ нишон медиҳанд ва бо ин ба шахсоне, ки дар бораи забони тоҷикӣ фикрҳои вайрон ва ғалат доштанд, ҷавоби қатъӣ шуда метавонанд ва аз тарафи дигар, асарҳои мазкур барои омӯхтани таърихи забони адабии тоҷик низ аҳамияти калон доранд"[10].

Дар давраи дуюм /пас аз Революцияи Октябрь/ ҳиссаи олимони советӣ дар соҳаи омӯхтани шеваҳои забони тоҷикӣ ниҳоят бузург аст. Давраи дуюми омӯхтани забон ва шеваҳои тоҷикӣ бо ин хусусияти худ фарқ мекунад, ки дар ин давра забони тоҷикӣ ва шеваҳои он аз рӯи методологияи марксистӣ-ленинӣ тадқиқ карда мешаванд. Дар ин давра системаи фонетикии забони адабии тоҷик, сохти грамматикии он муқаррар мегардад. Ҳамаи инҳо дар навбати худ барои аниқу равшан кардани хусусиятҳои хоси шеваҳои забони тоҷикӣ, таснифоти онҳо ва барои ба вуҷуд омадани асарҳои илмӣ, монографӣ доир ба шеваҳои алоҳида шароити им-



конпазир медиҳанд.

Соли 1925 И.И.Зарубин бо супориши Академияи фанҳои СССР оид ба масъалаҳои экспедицияи комплексӣ дар мавзӯи "Вазифаҳои этнологии экспедиция дар Тоҷикистон"[11] маърӯзаи худро нашр кунонид.

Тобистони соли 1926 бо сардории И.И.Зарубин дар ҳайати 6 нафар тадқиқотчӣ дар Тоҷикистон экспедиция ташкил карда шуд. Мавзеъҳои асосии экспедиция аз тадқиқ намудани районҳои сарғаҳи Зарафшон /Фалғар, Мастчоҳ, Искандар/ иборат буд. Вале онҳо шаҳрҳои Самарқанд, Панҷакент, Ӯротеппа ва Тошкентро ҳам тадқиқ намуданд. Дар натиҷаи экспедиция ду кори дигари И.И.Зарубин пайдо шуд: I/ "Ҳисобот дар бораи корҳои этнологӣ дар Осиёи Миёна дар тобистони соли 1926"[12], 2/ "Очерки забони гуфтугӯии яҳудиёни Самарқанд"[13]. Дар ду кори аввалаи ӯ умуман дар бораи забони тоҷикӣ гап меравад, вале дар бораи фаркияти шевагии он чизе гуфта намешавад. Кори сеюми ӯ бевосита ба шевашиносӣ тааллуқ дошта, дар бораи шеваи яҳудиёни Самарқанд баҳс мекунад.

Баъд аз муайян шудани ҳудуди миллии республикаҳои Осиёи Миёна дар Тоҷикистон ба масъалаи забон аз нав эътибори фавқулодда дода шуд. Бо ин мақсад ба арафаи "Съезди забоншиносии соли 1930" ба як гурӯҳ коркунон бо сардории М.С.Андреев ғундоштани материалҳо оид ба шеваҳои забони тоҷикӣ супорида мешавад. Хулоса ва натиҷаи материалҳои ғундошташуда ба шакли "Ахбороти мухтасари баъзе хусусиятҳои шеваҳои тоҷикӣ"[14] гирд оварда шуда, соли 1930 аз чоп баромад. Ин кори ҷамъбастии аввалини шевашиносии тоҷик буда, баъзе хусусиятҳо ва мавқеи истеъмоли овозҳои забони тоҷикӣ ва сохти морфологии онро дар шеваҳои тоҷик муайян мекунад. Аз он ҷумла, интишори мавзеъҳои овозҳои ӯ, ε, х, ҳ, е, ӯ, й; талаффузи префикси феълии ме-, хусусияти овоз дар таркиби изофат, бандакҷонишинҳои шахсӣ, тасрифи феълҳои рехтан, кардан дар шакли замони ҳозира-оянда ва замони гузаштаи содда ва ғайраҳо. Материалҳои асар дар харитаҳо, ҷадвалҳо, аз рӯи интишор /изоглосса/ ҷойгир карда шудаанд. Дар ин кор М.С.Андреев шеваҳои тоҷикиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: I/ ҷанубӣ-шарқӣ, 2/ шимолӣ-ғарбӣ. Кори М.С.Андреев таъҷилӣ навишта шуда, аз як қатор норасоиҳо холӣ набуд. Аз он ҷумла, дар методи кор низ норасоӣ дида мешуд, ки дар он бештар хулосаҳои

грамматикӣ аз рӯи пурсиш шарҳ дода шуда буданд.

Бояд қайд кард, ки ин ҳама хулосаҳои М.С.Андреев барои муайян намудани системаи фонетикӣ ва баъзе масъалаҳои сохти морфологии забони тоҷикӣ ёрии калон расониданд.

Шевашиносон минбаъд таҷрибаи бойи шевашиносони машҳури русро аз худ карда, дар солҳои 1930-40 омӯхтани шеваҳои алоҳидаи тоҷикиро давом доданд[15].

Вале бо вуҷуди аҳамияти калони илмӣ доштани корҳои солҳои 30-40-уми давраи дуюми омӯхтани шевашиносии тоҷик баъзе норасоиҳои ҷиддӣ низ дошт. Масалан, ба таври мунтазам омӯхтани шеваҳо дида намешуд, мавзӯъ ва мақсади тадқиқотӣ фавқулодда буда, аз рӯи хоҳиш ва ҳаваси тадқиқотчиёни алоҳида муайян мегардид. Ин ҳолат ба он оварда расонида буд, ки бо вуҷуди ба доираи тадқиқ даромадани объектҳои муайян, ҳамоно дар ҳамон районҳои тадқиқшуда ҷойҳои омӯхта нашуда боз боқӣ мондан гирифтанд. Дар муддати 10 соли ин давра /1931-41/ фақат се асар ба табъ расидааст: Якумаш мақолаи А.С.Бобоев[16] буда, оид ба баъзе фарқиятҳои асосии забони яҳудиёни бухорой ва забони тоҷикӣ баҳс мекунад ва бо сарлавҳаи "Фарқиятҳои асосӣ дар байни забони яҳудиёни Бухоро ва забони тоҷикӣ" дар "Маҷмӯаи корҳои илмии Институти илмӣ-тадқиқотии сохтмони маданиии Ӯзбекистон" /ҷ. I, нашри II/ чоп шудааст. Дуюм, мақолаи Н.А.Кисляков мебошад, ки соли 1936 дар "Корҳои илмии базаи Тоҷикистонии АФ СССР /ҷ. III, забоншиносӣ/ бо сарлавҳаи "Тасвири шеваи тоҷикони Вахи Боло"[17] ба табъ расидааст ва он дар бораи яке аз шеваҳои дарвозӣ материалҳои навро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин асар на фақат материалҳои фольклориро истифода бурдааст, балки матнҳои бисьёри гуфтугӯиро дар он ҷой дода, таҳлил намудааст ва аз ин ҷост, ки баъзе хусусиятҳои шеваи Вахиёи Боло, ки дар корҳои пештараи А.А.Семёнов ба ҳисоб гирифта нашуда будаанд, дар ин акс меёбанд. Бо вуҷуди ин, асар дар бораи шеваи Вахиёи Боло тасаввуроти пурраи шевагиро намедиҳад, ҳатто дар асар ҷадвали пурраи тасрифи шаклҳои феълӣ дода нашудааст. Мақолаи сеюм, аз тарафи Л.Бузургзода навишта шуда, соли 1941 бо сарлавҳаи "Чорбайтҳои халқӣ ва хусусиятҳои шеваи конибодом" дар "Ахбороти филиали Тоҷикистонии АФ СССР", № 1 чоп шуд. Ин мақола аз 50 зиёдтар суруд ва дубайтаҳоро дар бар мегирад. Ба матнҳои он муқаддимаи хурди очерки грамматикӣ дода шудааст, ки дар он

баъзе хусусиятҳои шеваи Конибодом бо шеваи Ленинобод ва шеваҳои гурӯҳи Бухорову Самарқанд ба тариқи муқоиса дода мешаванд. Кори Л.Бузургзода барои шевашиносии тоҷик материали тозаи давраи худ ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки бо сабаби номусоид будани вазъият дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ /дар солҳои 1941-45/ баъзе корҳои навишташуда ва материалҳои ғундошташудаи шевагӣ чоп нашуда монданд.

Аз нимаи дуюми солҳои чилум сар карда, ба таври мунтазам ва аз рӯи план омӯхтани шеваҳо шурӯъ мешавад. Оид ба беҳтар намудани тарзи усули омӯхтани лаҳҷа ва шеваҳо андешаҳои тоза пайдо мегарданд. Аз ҷумла, академик Б.Ниёзмуҳаммадов дар мақолаи худ "Дар бораи омӯхтани шева ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ" /"Газетаи муаллимон", соли 1946, 20-уми сентябрь/ дар бораи ҳолат ва дараҷаи омӯхта шудани лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ маълумоти мухтасар дода, баъзе норасоиҳои дар методи тадқиқи шеваҳо будаӣро нишон медиҳад ва вазифаҳои ояндаи шевашиносонро муайян мекунад.

Дар ин давра баробари омӯхтани шеваҳои алоҳида, инчунин тадқиқи гурӯҳи шеваҳои ба ҳам наздик низ шурӯъ мешавад. Ин корҳои тадқиқотӣ дар марҳилаи номбаршуда асосан бо қувваи коркунони АФ РСС Тоҷикистон, Институти забоншиносии АФ СССР, кафедраи филологияи эронии Университети давлатии Ленинград ва тадқиқотчиёни алоҳида ба амал оварда шуданд. Дар ин муддат шеваҳои Варзоб, Ванҷу Дарвоз, Қаротегин, Кӯлоб /гурӯҳи шимолии он/ ва шеваи Чуст омӯхта шуданд.

Дар давоми се соли охири ин давра /1949-1951/ ҳафт кор аз чоп баромад:

1. Мақолаи В.С.Расторгуева[18] таҳти сарлавҳаи "Оид ба хусусиятҳои шеваи Варзоби забони тоҷикӣ" дар рақами 6-уми "Ахборот" /Вестник/-и Университети Москва ба номи М.В.Ломоносов соли 1948 аз чоп баромад. Муаллиф дар ин кор дар баробари қайд намудани хусусиятҳои хоси фонетикӣ ва грамматикии шеваи Варзоб, инчунин оид ба як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, дар бораи фонетика,ибораҳо ва феълҳои таркибӣ дар забони тоҷикӣ маълумоти умумии назариявӣ медиҳад.

2. Мақолаи А.З.Розенфельд[19] - "Шеваҳои қаротегинӣ" ном дошта, дар Ленинград, дар маҷмӯаи "Забонҳои эронӣ" ч. 2, соли

1950 чоп шуд, ки дар он материали бой оид ба ду шеваи Қаротегин /оид ба шеваҳои ду соҳили водии Сурхоб/ гирд оварда шуда характеристикаи асосии фонетикӣ, морфологӣ ва хусусияти лексикии онҳо дода шудааст.

3. Соли 1949 мазмуни мухтасари диссертацияи номзадии О.Ҷалолов[20] таҳти унвони "Муносибати шеваи Чуст ба забони адабии тоҷик" чоп шуд. Ин кор дар бораи яке аз шеваҳои шимолии тоҷик, ки вай дар водии Фарғона воқеъ гардидааст, материали фаровон медиҳад. Аммо дар асар матнҳо бо сабабҳои техникӣ пурра ба транскрипция даровардa нашуда буданд. Тасвири грамматикии кор ҳам умуман ба система даровардa нашудааст, дар вай оид ба фонетика, морфология ва синтаксис низ як қатор лаҳзаҳои баҳснок мушоҳида карда мешаванд.

4. Соли 1948 аз тарафи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии АФ СССР бо роҳбарии профессор И.И.Зарубин экспедицияи шевашиносӣ ташкил карда мешавад, ки объекти /мавзӯъ ва мавзеи/ тадқиқотии он вилояти Кӯлоб буда, ду сол /1948-49/ давом кард. Экспедиция кори худро дар ҳамаи районҳои вилоят /ғайр аз районҳои Фархор, Колхозобод, Қизилмазор ва Данғара/ давом дод. Натиҷаи вай соли 1951 дар мақолаи В.С. Соколова[21], ки "Ҷамъбасти экспедицияи шевашиносии Кӯлоб" ном дошт, дар "Корҳои илмии филиали Тоҷикистонии АФ СССР", ҷ.XXIX нашр гардид. Дар он дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи шеваҳои Кӯлоб маълумоти ҷамъбастӣ дода мешавад. Муаллиф шеваҳои Кӯлобро дар байни худ ба гурӯҳҳо тақсим мекунад. Як қисми кори экспедиция асоси кори номзадии Р.Л.Неменоваро низ дар бар мегирифт, ки соли 1950 дар мавзӯи "Шеваҳои кӯлобии забони тоҷикӣ" /гурӯҳи шимолӣ/ автореферати ӯ аз чоп баромад.

5. Соли 1950 Л.В.Успенская дар Москва, дар мавзӯи "Шеваи Қаратоғи забони тоҷикӣ" диссертация ҳимоя намуд, ки автореферати вай соли 1949 дар Сталинобод ба тариқи дастнавис аз чоп баромада буд.

6. Соли 1950 оид ба баъзе масъалаҳои шевашиносии тоҷик, аз ҷумла, оид ба вазъияти омӯхта шудани баъзе шеваҳо ва вазифаҳои оянда тадқиқотӣ мақолаи А.З.Розенфельд[22] дар рақами 7-уми "Ахборот"-и Университети давлатии Ленинград чоп шуд.

7. Соли 1951 дар Сталинобод кори Б.Ниёзмуҳаммадов - "Лаҳҷаи Конибодоми забони тоҷикӣ"[23] ба табъ расид. Ин китоб як

қисми кори диссертацияи аснзадӣ мебошад. Муаллиф дар қисми аввали ин кор дар бораи таърихи омӯхта шудани шеваҳои тоҷикӣ ва роли устод С.Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик маълумот медиҳад. Дар қисми асосии он характеристикаи умумии грамматикии шеваи Конибодом дода мешавад. Хусусияти фонетикӣ, грамматикии шева асосан бо забони адабии тоҷик муқоиса карда шудааст. Ба кор як қатор матнҳои гуфтугӯӣ ва порчаҳои назмӣ илова карда шудааст.

Дар ин давра ғайр аз асарҳои номбурдаи хоси шевашиносӣ ду асар оид ба фонетикаи забони адабии тоҷик аз чоп баромад[24]. Аз онҳо яке ба қалами Д.Бузургзода ва дигаре ба В.С.Соколова мансуб мебошад, ки дар онҳо таркиби овозии забони адабии тоҷик бо таркиби овозии шеваҳои гуногуни маҳаллии вй ба таври муқоиса тадқиқ ва таҳлил карда мешавад.

Илова бар он,баъзе маълумотҳои иҷмолӣ доир ба шеваҳои чудогонаи тоҷикӣ дар корҳои характери фольклорӣ ва таърихӣ-этнографӣ[25] доштаи В.В.Бартольд, А.А.Семёнов, М.С.Андреев, О.А.Сухарева, Е.М.Пещерева, А.Н.Болдырев, А.Л.Троицкая, М.Турсунзода, Д. Бузургзода ва Р.Ҷалилов, С.И.Климчицкий сабт гардидаанд. Аз он ҷумла, дар кори С.И.Климчицкий[26] оид ба тасиифоти шеваҳои дарвозӣ маълумоти аввалия дода шудааст. Дар кори фольклории А.Н.Болдырев[27] дар бораи шеваи Ғорони вилояти Бадахшони Кӯҳӣ маълумот дода шуда, хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикии он ба забони адабӣ муқоиса карда шудааст. Ба кор матнҳои гуфтугӯӣ ва луғати мухтасар низ илова карда шудааст.

Дар солҳои 1950-ум ва ибтидои солҳои 1960-ум /1951-1961/ низ анъанаи ба таври мунтазам омӯхтани шеваҳои забони тоҷикӣ давом дода шуд. Дар ин давра корҳои тадқиқотии омӯхтани шеваҳои шимолии Кӯлоб, Қаротегин, Ванҷу Дарвоз ва Қаратоғ умуман ба анҷом расиданд; шеваҳои Варзоб, Панҷакент, Роғ, Бухоро, Самарқанд, Чирчиқи Боло ва Бойсуну Дарбанд ҳарҷониба тадқиқ карда шуданд; як қатор шеваҳои тоҷикони водии Фарғона /Шайдон, Ашт, Чуст, Косонсой; Ленинобод, Конибодом, Исфара; Риштону Сӯх ва Ӯротеппаю Шаҳристон/ гурӯҳ-гурӯҳ ба тариқи муқоисавӣ /байни худ ва бо забони адабӣ/ омӯхта шуданд; Аз тарафи дигар, боз ба омӯхтани бисьёр шеваҳои омӯхта нашуда /шеваҳои Шаҳртуз, Паштиҷум, Кангурт, Ҳисор, Мастчоҳ, Форш, ҳардурӣ/ шурӯъ карда шуда, оид ба ин ё он хусусияти онҳо низ як қатор

мақолаҳо навишта шуданд.

Бояд қайд кард, ки ин давра аз давраи пешинаи шевашиносии тоҷик аз рӯи васеъ шудани объекти тадқиқотӣ ва фаровонии нашри адабиёти шевашиносӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин муддат оид ба шеваҳои дар боло номбаршуда асарҳои илмии бисьёре навишта шуданд. Аз он ҷумла, 10 монографияи алоҳида[28] ва 26 мақолаи тадқиқотии ҳаҷман хурду калон дар шаҳрҳои Душанбе, Москва, Ленинград ва Тошкент ба табъ расиданд[29]. Монографик ва мақолаҳо, ки обзори баъзе аз онҳо дар поён дода мешавад, ба инкишофи шевашиносии тоҷик замини муҳим гузоштанд. Дар онҳо баробари ба таври илмӣ ва ба тафсил баён карда шудани хусусиятҳои хос ва умумии шеваҳо, мавқеи онҳо низ дар байни шеваҳои дигари тоҷик таъин карда шуданд. Ин ҳама, барои дар ҳамин давра пайдо шудани баъзе корҳое, ки то андозае характери ҷамъбастӣ доштанд, роҳ кушоданд. Натиҷаи он буд, ки соли 1960 оид ба таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ асари В.С.Расторгуева /"Таҷрибаи таснифоти шеваҳои тоҷик"/[30] ва мақолаи Б.Ниёзмуҳаммадов бо сарлавҳаи "Як назар ба таърихи шевашиносии тоҷик"[31] аз чоп баромад. Дар ин асари В.С.Расторгуева шеваҳои тоҷик аз рӯи хусусиятҳои фонетикӣ ба чор гурӯҳ /шимолӣ, марказӣ, ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ/ ҷудо карда мешаванд. Дар мақолаи Б.Ниёзмуҳаммадов оид ба омӯхта шудани шевашиносии тоҷик аз солҳои 1861 то солҳои 1917 сайри таърихӣ дода шудааст.

Бояд хотиррасон кард, ки обзори пурраи ҳамаи корҳои тадқиқшуда ва материалҳои шевагиеро, ки дар муддати солҳои 1901-1960 ба табъ расидаанд, В.С.Расторгуева[32] дар мақолаи "Таърихи омӯзиши забони тоҷикӣ дар СССР" /дар "Очеркҳо оид ба омӯзиши забонҳои эронӣ". Москва, 1962, саҳ. 33-66/ додааст. Бинобар ин аз монографияи ва мақолаҳое, ки дар ин давра /1951-61/ навишта шудаанд, фақат баъзеи онҳоро номбар кардани ҷоиз донистa шуд.

1. Соли 1952 дар Москва В.С.Расторгуева[33] очерки шевашиносии нахустини худро менависад, ки вай тахти унвони "Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик", нашри I /Шеваи варзобии забони тоҷикӣ/ аз чоп баромад. Ин асар дар шевашиносии тоҷик очерки муфассали аввалин буда, дар бораи яке аз районҳои марказӣ – шеваи тоҷикони Варзоб маълумоти муфассал медиҳад. Дар ин кор ӯ ба таснифоти пештараи шеваҳои тоҷикӣ /ҷанубӣ-шарқӣ ва шимо-

лӣ-ғарбӣ/ гурӯҳи сеюмро илова мекунад, шеваи Варзобро ба гурӯҳи шеваҳои марказӣ дохил мекунад. Муаллиф дар ин кор илова ба шарҳи ин ё он хусусияти шеваи Варзоб, ба баъзе масъалаҳои умумии забони тоҷикӣ низ дахл мекунад ва ба онҳо маънидоди илмӣ медиҳад. Дар ин кор намунаи матнҳои лафзи гуфтугӯӣ аз рӯи мавзӯъҳо ҷо ба ҷо карда шудаанд. Вале муаллиф масъалаи лексикаи шеваи Варзобро он вақт мавқуф гузоштааст.

2. Дар ин давра В.С.Расторгуева гурӯҳи шеваҳои водии Фарғонаро тадқиқ мекунад. Натиҷаи корҳои ин давраи ӯ ба шакли се очерки шевашиносӣ аз чоп баромад:

а/ Аз самти шимолӣ-ғарбӣ ва шимолӣ-шарқии Фарғона шеваҳои ҷамоаҳои Хиштхона, Шайдон, Ашт /РСС Тоҷикистон/ ва Косонсой /РСС Ўзбекистон/ тадқиқ карда шуданд. Обзори хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии ин гурӯҳи шеваҳо ва шеваи Чуст, ки О.Ҷалолов тадқиқ карда буд[34], дар очеркҳои дуюми шевашиносии тоҷик /"Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик", нашри 2. Шеваҳои шимолии тоҷикони самти Шайдон-Ашт-Чуст-Косонсой/[35] ба тарзи муқоиса дода шудааст. Муаллиф ин гурӯҳи шеваҳоро ба ду гурӯҳчаи дохилӣ ҷудо мекунад: 1/ гурӯҳи ғарбӣ /шеваҳои Шайдон, Бобои Дархон, Хиштхона, Понғоз/; 2/ гурӯҳи шарқӣ /шеваҳои Косонсой ва Чуст/. Шеваҳои Ашту Пунук бошад, аз ҷиҳати фонетика /бо истеъмоли ӯ ва у/ ба гурӯҳи шарқӣ майл дошта, аз рӯи як қатор хусусиятҳои дигари худ дар байни ҳар ду гурӯҳ ҳолати мобайниро ишғол мекунанд. Дар асар қайд карда мешавад, ки баъзе нишонаҳои /аломатҳои/ таъсири забони ӯзбекӣ нисбат ба гурӯҳи шарқӣ дар гурӯҳи ғарбӣ камтар мушоҳида карда мешавад.

б/ Дар очеркҳои нашри сеюми шевашиносии тоҷик /"Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик", нашри 3. Гурӯҳи Ленинободу Конибодоми шеваҳои шимолии тоҷик/[36], ки соли 1956 дар Москва чоп шуд, дар асоси таҳлили материали фаровон тасвири пурраи системаи фонетикӣ, грамматикии шеваҳои Ленинобод, Конибодом ва Исфара дода шудааст. Ин очерк, инчунин хусусияти шеваи Конибодомро, ки дар ин бора Л.Бузургзода ва Б.Ниёзмуҳаммадов ҳам кор карда буданд, пур ва аниқтар мекунад. Ба очеркҳо маълумоти мухтасари лексикӣ дода шудааст ва намунаҳои нутқи гуфтугӯӣ низ илова карда шудааст.

в/ Очеркҳои нашри чоруми шевашиносии тоҷик /"Очеркҳо

онд ба шевашиносии тоҷик", нашри 4. Шеваҳои ҷанубии Фарғона /Риштон, Сӯх/ ва шеваҳои гурӯҳи Уротеппа/[37] соли 1961 дар Москва баромад. Очеркҳо аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввал тасвири ду шеваи ба ҳам наздики водии Фарғона, яъне шеваҳои Риштон ва Сӯх; дар қисми дуюми, гурӯҳи шеваҳои Уротеппа /Уротеппаю Шаҳристон/ дода шудааст. Дар тасвири грамматикии ҳар кадоми ин шеваҳо диққати асосӣ бештар ба фактҳои фарқияти шевагӣ дода шудааст. Ба очеркҳо матнҳои ҳар як шева мувофиқи мавзӯъҳои грамматикӣ ҷудо карда шуда, илова карда шудааст.

3. Гурӯҳи шеваҳои шимолии Кӯлобро Р.Л.Неменова тадқиқ намуда, хулосаҳои корҳои илмии худро дар монографияи алоҳида гирд овардааст /"Шеваҳои кӯлобии забони тоҷикӣ". Гурӯҳи шимолӣ. Сталинобод, 1956/[38]. Муаллиф дар ин асар яке аз шеваҳои Кӯлоб - шеваи Ховалингро муфассал тадқиқ намуда, онро бо шеваҳои дигари он мавзеъҳо муқоиса мекунад. Дар ин кор ба ғайр аз очерки муфассали фонетикӣ ва грамматикӣ, инчунин луғати шевагӣ ва матнҳои бисьёри лафзи гуфтугӯӣ дода шудааст.

4. Соли 1952 В.С.Соколова, Р.Л.Неменова, Ю.И.Богорад оид ба фонетикаи шеваҳои ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ дар мақолаи "Маълумоти нав оид ба фонетикаи забонҳои эронӣ" /дар "Корҳои илмии Институти забоншиносии АФ СССР", ҷ. УI, Москва/[39] маълумоти нав медиҳанд.

5. Соли 1954 Р.Л.Неменова[40] ду мақолаи дигар бо сарлавҳаҳои "Дар бораи баъзе хусусиятҳои шеваҳои балҷувонӣ", "Омӯхтани шеваҳои ҷанубӣ-шарқии тоҷикӣ" низ навиштааст.

6. Шеваи Роғ /як навъи шеваҳои кӯлобӣ/ аз тарафи Ю.И.Богорад[41] тадқиқ карда шудааст. Натиҷаи кори ӯ соли 1956 дар мақолаи "Шеваҳои роғии забони тоҷикӣ" /дар ҳамин ҷилдв корҳои илмии дар боло номбаршуда/ аз чоп баромад. Ин мақола хулосаи диссертацияи номзадии муаллиф мебошад, ки вай соли 1953 ҳимоя карда буд.

7. Шеваҳои Дарвозу Ванҷ аз тарафи А.З.Розенфельд тадқиқ карда шуданд. Натиҷаи корҳои ин давраи ӯ дар мақолаҳои "Шеваҳои ванҷӣ"[42], "Шеваҳои дарвозии забони тоҷикӣ"[43] ва "Оид ба масъалаи муносибати забонҳои помирӣ ва тоҷикӣ"[44] аз чоп баромад. А.З.Розенфельд дар ду мақолаи аввал дар бораи баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи шеваҳои Дарвоз ва Ванҷ маълумоти

умумӣ медиҳад. Дар кори сеюм оид ба муносибати шеваи Ванҷ бо забонҳои помирӣ сухан меравад.

8. Асари дигари А.З.Розенфельд[45] - "Шеваҳои Қаротегин" соли 1960 дар Душанбе аз чоп баромад, ки вай дар бораи шеваҳои Қаротегин баҳс мекунад. Кор очерки пурраи фонетикӣ ва грамматикии он шеваҳоро дар бар мегирад ва ба он намунаҳои нутқи гуфтугӯӣ ва луғат низ илова карда шудаанд.

9. Соли 1956 мақолаи С.Ю.Иванова[46] бо сарлавҳаи "Материалҳо оид ба шеваи Панҷакенти забони тоҷикӣ" дар Москва, дар "Ахбороти илмии Институти забоншиносии АФ СССР", ҷ. VI, аз чоп баромад. Муаллиф дар ин кор бештар материалҳои шевагиро гирд оварда аз рӯи онҳо хусусиятҳои фонетикӣ ва морфологии шеваро муайян мекунад. Вале дар он дар бораи хусусиятҳои синтаксисӣ ва лексикии шеваи Панҷакент маълумот дода нашудааст.

10. Соли 1956 асари Л.В.Успенская[47] - "Шеваи Қаратоғи забони тоҷикӣ" дар Сталинобод чоп шуд, ки вай ба тадқиқи шеваи тоҷикони Қаратоғи райони Регар бахшида мешавад. Муаллиф аз рӯи фактҳои бисьёр хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикии шеваро нишон дода, исбот кардааст, ки шеваи тоҷикони Қаратоғ ба гурӯҳи шеваҳои шимолӣ дохил мешавад.

11. Дар худи ҳамин соли 1956 Н.Бехбудӣ[48] дар бораи шеваи тоҷикони Самарқанд диссертацияи номзадӣ навишта, ҳимоя намуд, ки вай дар бораи хусусиятҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикии он шева маълумоти муфассал медиҳад. Вале мутаассифона, ин кор то ҳол чоп нашудааст. Соли 1961 Н.Бехбудӣ[49] дар бораи синтаксиси шеваи тоҷикони Самарқанд дар мақолаи "Маълумоти мухтасар оид ба синтаксиси шеваи Самарқанди забони тоҷикӣ", ки дар "Ахбороти илмии АФ Тоҷикистон" /шӯъбаи илмҳои ҷамъиятӣ, рақами 3/26/ дар Душанбе чоп шудааст, маълумоти мухтасари ҷамъбастӣ додааст.

12. Соли 1958 оид ба шеваи Бричмуллои забони тоҷикӣ дар Сталинобод автореферати диссертацияи номзадии Н.С.Аделунг[50] чоп шуд.

13. Соли 1956 Н.С.Аделунг[51] дар бораи баъзе хусусиятҳои шеваи Бақсуки забони тоҷикӣ бо сарлавҳаи "Баъзе хусусиятҳои шеваи Бақсуки забони тоҷикӣ" мақола навишт, ки вай дар Тошкент./дар "Ахбороти илмии АФ Ӯзбекистон", рақами 5/ аз чоп

баромад.

14. Соли 1959 мақолаи дигари Н.С.Аделунг[52] оид ба сохти фонетикии шеваи Бӯстони забони тоҷикӣ чоп шуд.

15. Ҳамон соли 1959 дар Сталинобод оид ба гурӯҳи шеваҳои тоҷикони Чирчиқи Боло - шеваҳои тоҷикони районии Бӯстонлиқи РСС Ӯзбекистон асари Қ.Тоҳирова[53] бо унвони "Шеваҳои тоҷикии районии Бӯстонлиқи РСС Ӯзбекистон" аз чоп баромад. Дар асар хусусиятҳои фонетикӣ ва грамматикии шеваҳои Бричмулло, Боғистон, Нанай ва забони адабии тоҷик ба тарзи муқоиса тасвир карда мешавад. Ба кор матнҳо ва луғати шеваги низ илова карда шудаанд.

16. Дар ҳамин соли 1959 асари А.А.Каримова[54] - "Шеваи тоҷикони Бухоро" дар Москва нашр гардид, ки дар он дар бораи хусусиятҳои фонетикӣ ва грамматикии шеваи Бухоро маълумоти муфассал дода мешавад. Ба асар ҷумлаҳои гуфтугӯии фаровон гирд оварда шуда, онҳо аз рӯи мавзӯъҳо ҷо ба ҷо карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар асар дар бораи лексикаи шеваи тоҷикони Бухоро маълумот дода нашудааст.

17. Дар соли 1959 дар Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон шӯъбаи шевашиносии тоҷик ташкил гардид, ки вай ҳоло кори худро давом дода истодааст. Дар он давра дар назди шӯъба вазифа гузошта шуда буд, ки пеш аз ҳама ба тадқиқ намудани шеваҳои омӯхта нашудаи забони тоҷикӣ кор сар кунад. Бо ин мақсад шӯъба омӯхтани шеваҳои тоҷикони водии Ҳисор, аз он ҷумла, шеваҳои Орҷоникидзеобод, Роҳатӣ, Файзобод ва шеваҳои Ромит, Ёвон, Норак, водии Вахш, Сурхондарьё, Қашқадарьёро, ки ба маркази республика наздиканд, ниҳоят муҳим ва зарур мешуморид. Ходимони илмии шӯъбаи шевашиносӣ аз паи иҷрои ин вазифаи муҳим шуда дар натиҷаи экспедицияҳо материали фаровон ғундоштанд ва дар бораи як қатор шеваҳо маълумотҳои нав ва пешакӣ ба даст даровардаанд. Аз он ҷумла, гурӯҳи шеваҳои Ёвон, Ҳисор ва шеваи тоҷикони Шаҳртуз омӯхта шуданд.

18. Соли 1960 дар рақами 2/23/ "Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон" мақолаи Б.Н.Ниёзмуҳаммадов[55] - "Оид ба баъзе хусусиятҳои шеваҳои тоҷикони Шаҳртуз" аз чоп баромад. Мақола аҳамияти калони илмӣ дошта, боиси дар оянда пурра омӯхта шудани он шеваҳо гардидааст.

Бо вуҷуди ин ҳама муваффақиятҳо, дар ин давра ҳам ҳамоно корҳои тадқиқотии шевашиносӣ дар баъзе объектҳо то андозае дар ҳолати паҳну парешон ва сарсарӣ бурда мешуданд, инчунин ҳамаи корҳои доир ба шевашиносии тоҷик ба охир расида низ ба қадри лозимӣ ҷамъбаст нашуда буданд, ҳатто ягон асари яклухт ва пурраи муваффақиятҳои соҳаи шевашиносиро ҷамъбасткунанда /ба ғайр аз мақолаи дар боло номбаршудаи В.С.Расторгуева ва Б.Ниёзмуҳаммадов/ ба вуҷуд наомада буд; дар ин давра ягон дастуре ва ё китоби дарсӣ ҳам вуҷуд надошт, программаи ягонаи таълимӣ ҳам тартиб дода нашуда буд. Дар методи тадқиқи лаҳҷа ва шеваҳои тоҷик низ равияи ягонаи барқарор нагардида буд: як қатор корҳои тадқиқотӣ фақат аз тасвири хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи фонетикию морфологии ин ё он шева иборат буданд, навъи дигараш, илова бар он соҳаи лексикаро ҳам ба қадри имкон дар бар мегирифт, навъи сеюми онҳо бошанд, бо номбар намудани баъзе хусусиятҳои синтаксисӣ ба поён мерасиданд.

Картаи шевагӣ бошад, қариб дар ҳамаи корҳои ин давра тартиб дода нашуда буд. Луғати шевагӣ фақат дар корҳои алоҳида тартиб дода мешуду халос.

Дар даҳ соли охир /1961-1971/ шевашиносии тоҷик хеле инкишоф ёфт, фонди он аз ҳисоби асарҳои тадқиқотии нав бой гардид. Метод ва усулҳои тадқиқи лаҳҷа ва шеваҳо низ нисбатан такмил ёфтанд. Оид ба омӯхтани шеваҳо ва тадқиқи проблемаҳои ҷудогонаи шевашиносии тоҷик плану программаҳои махсус ва дастурулъамалҳои муайян тартиб дода шуданд. Шӯъбаи шевашиносии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ба объектҳои муайяни экспедицияҳои гуногун таъсис намудан гирифт.

Ба туфайли ин ҳама, дар ин давра як қатор шеваҳои тоҷикони районҳои РСС Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тадқиқ карда шуданд ва натиҷаи баъзе аз онҳо дар монографияҳои зерин гирд оварда шуданд: Х.Ҳамроқулов "Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун" /Душанбе, 1961/; А.Л.Хромов[56] "Шеваҳои тоҷикони райони Мастчоҳ"/Душанбе, 1962/; Л.В.Успенская[57] "Шеваҳои тоҷикони райони Ҳисор"/Душанбе, 1962/; А.З.Розенфельд[58] "Шеваҳои ванҷии забони тоҷикӣ"/Ленинград, 1964/; М.Эшниёзов "Шеваи ҳардурӣ" /Душанбе, 1967/; О.Ҷ.Ҷалолов "Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Евон"/Душанбе, 1967/; А.З.Розенфельд[59] "Шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ"/Ленинград, 1971/. Илова бар ин дар хориҷа кори

Ахмад Алӣ Раҷоӣ - "Ёддоште дар бораи лаҳҷаи бухороӣ" соли 1964 дар Машҳад ба табъ расидааст.

Дар монографияи номбаршудаи Х.Ҳамроқулов шеваҳои райони Бойсуни вилояти Сурхондарьё ба ду гурӯҳ /шеваи Бойсун ва Дарбанд/ ҷудо карда мешавад ва хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии онҳо муфассал тасвир карда шуда бо забони адабии тоҷик муқоиса карда мешавад. Ба кор намунаҳои матнҳои ҳар ду шева ва луғати шевагӣ илова карда шудааст.

Дар монографияи А.Л.Хромов хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии гурӯҳи шеваҳои саргаҳи водии Зарафшон, яъне шеваҳои Мастчоҳ тасвир карда шудаанд. Муаллиф шеваҳои Мастчоҳро аз рӯи хусусиятҳои фарққунандаи хоси онҳо ба ду гурӯҳ /Мастчоҳи Боло ва Мастчоҳи Поён/ ҷудо мекунад. Дар охири кор луғати калимаҳои шевагӣ ва рӯйхати номҳои топонимикӣ дода шудааст. Намунаҳои матнҳои ҳар ду шева ба транскрипцияи фонологӣ дода шудааст. Бояд қайд кард, ки дар монография оид ба сохти синтаксисии он шеваҳо маълумоти ниҳоят нокифоя дода шудааст. Аз он ҷумла, оид ба алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар ҷумла сухан меравад ва пайвандакҳою ҷумлаҳои мураккаб аз рӯи хелҳояшон номбар карда мешаванду бас.

Л.В.Успенская дар китоби худ "Шеваҳои тоҷикони райони Ҳисор"[60], ки соли 1962 чоп шуд, оид ба хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва баъзе фарқиятҳои ҷудогонаи лексикӣ ва синтаксисии шеваҳои тоҷикони райони Ҳисор очерки мухтасар медиҳад. [illegible] шеваҳои тоҷикони Ҳисорро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад /кӯҳӣ ва воҳавӣ/. Дар охир, намунаҳои лафзи гуфтугӯии ҳар ду шева аз рӯи мавзӯъҳои грамматикӣ ҷо ба ҷо карда шуда, ба кор илова карда мешаванд.

Соли 1963-ум В.С.Расторгуева[61] нашри 5-уми "Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик"-ро дастраси забоншиносон намуд, ки ин китоб луғати матнҳои нашрҳои пешинаи очеркҳои ӯро дар бар мегирад. Дар он лексикаи шеваҳои Варзоб, Фарғонаи шимолӣ /Хитт-хона, Шайдон, Ашт, Косонсой, Чуст/, Фарғонаи ғарбӣ /Ленинобод, Конибодом, Исфара/, Фарғонаи ҷанубӣ /Риштон, Сӯх/, инчунин Ӯротеппаю Шаҳристон дар плани муқоисавӣ дода шудааст. Барои нишон додани тобишҳои маънои луғат, калима ва иборахо дар ҷумлаҳо оварда мешаванд. Калима ва иборахо аз рӯи алифбо

ба забони русӣ шарҳ дода шудаанд. Ин луғати муқоисавии шеваҳо дар шевашиносии тоҷик бори аввал тартиб дода шудааст ва дар ин роҳ таҷрибаи нахустин мебошад.

А.З.Розенфельд дар китоби худ – "Шеваҳои ванҷии забони тоҷикӣ"[62] таркиби овозӣ, сохти морфологӣ ва фарқияти лексикии шеваҳои Ванҷро тасвир намудааст. Дар асар мавқеи шеваҳои Ванҷ дар байни шеваҳои забони тоҷикӣ муайян карда мешавад. Ба кор қариби 1500 ҷумла ва ибораи шевагӣ илова шудааст ва барои шарҳи матнҳо луғат ҳам дода шудааст. Муаллиф дар охир, оид ба топонимикаи Ванҷ низ маълумот медиҳад ва харитаи схематикии шеваҳои Ванҷро аз рӯи ҷойгиршавии онҳо тартиб медиҳад.

Соли 1964-ум монографияи калони В.С.Расторгуева[63] таҳти унвони "Таҷрибаи омӯзиши муқоисавии шеваҳои тоҷик" дар Москва аз чоп баромад. Ин монография асари аввалини ҷамъбастӣ-муқоисавӣ дар шевашиносии тоҷик ба шумор меравад. Мақсади кор дар ин монография, чи хеле ки худи муаллиф қайд мекунад, ба омӯзиши муқоисавии шеваҳои тоҷик ибтидо гузоштан мебошад. Муаллиф дар ин асар ду вазифаи асосии ба ҳам алоқамандро ба зиммаи худ гирифта будааст: 1. Дар шеваҳои гуногун чӣ гуна акс ёфтани ҳодисаҳои забониро, ки онҳо аз системаи аслии умумии худ ҳамчун мерос боқӣ мондаанд, мушоҳида намудан ва дар асоси муқоиса равшан намудани баъзе тамоил /тенденция/ ва қонуниятҳои инкишофи онҳо. 2. Муқаррар намудани ҷой ва интишор /изоглосса/-и ҳодисаҳои алоҳида ва аз нав дида баромадани таснифоти мавҷудаи шеваҳои тоҷик.

Дар рафти кор, баробари ҳалли ин ду вазифаи асосӣ, инчунин ба масъалаҳои таъсири беруна /асосан таъсири забони ӯзбекӣ/ ба шеваҳои тоҷик ва ҳодисаҳои ҷудогонаи таъсири байнишевагӣ низ даҳл карда шудааст.

Дар муқаддимаи кор мақсад ва вазифаҳои тадқиқот равшан карда мешавад, инчунин оид ба дараҷаи омӯхта шудани шеваҳои тоҷик, шароитҳои ташаккулъёбии шеваҳои тоҷик ва дар бораи транскрипция маълумот дода мешавад. Бобҳои асосии асар ба қисматҳои фонетика, морфология, баъзе маълумотҳо оид ба синтаксис, маълумоти мухтасар оид ба лексика ҷудо мешаванд. Дар боби охир оид ба масъалаи таснифоти нави шеваҳои тоҷик фикру мулоҳизаҳои соли 1960-ум пайдошудаи муаллиф мустаҳкам ва асоснок карда мешавад.

Ба кор 18 карта оид ба аксьёбй ва изоглосса /пахшавй/-и ҳодисаҳои фонетикй ва грамматикии шеваҳои тоҷик ва картаи дигар оид ба тақсимоти шеваҳои тоҷик ба гурӯҳҳо, инчунин рӯйхати адабиёти шевашиносии тоҷик илова карда шудааст. Ин кори ҷамъбастй ва муқоисавии номбурдаи В.С.Расторгуева барои инкишофи минбаъдаи шевашиносии тоҷик асос хоҳад шуд ва аз тарафи дигар, он дастури амалиёти корҳои тадқиқотй ва таълимй ба шумор меравад.

Соли 1964-ум дар Эрон китоби профессори Университети Машҳад Аҳмад Алй Раҷой - "Ёддоште дар бораи лаҳҷаи бухорой" аз чоп баромад, ки он ба тасвири шеваи тоҷикони Бухоро бахшида шудааст.

Дар муқаддимаи китоб муаллиф менависад, ки материалҳо оид ба шеваи Бухоро асосан дар оилаи худ, /яъне аз модаркалонаш, ки ӯ бухорой будааст/, инчунин аз бухориёни куҳансолтарине, ки ҳанӯз то Революция ба Хуросон муҳоҷир шуда будаанд, гирд оварда шудааст.

Тадқиқотчй қайд мекунад, ки шиносой бо шеваи бухорой барои маънидоди калима ва ибораҳои номафҳум ва мушкилфахме, ки дар матнҳои қадимаи классикй дучор мешаванд, ёрй хоҳад расонид, зеро ки пояи забони адабиёти классикиро лаҳҷаи Мовароуннахр, яъне Осиёи Миёна ташкил додааст. Ин равияро ӯ бо мисолҳои бисьёри асарҳои муаллифони давраи классикй асоснок мекунад.

Монография аз бобҳои алоҳида иборат мебошад. Дар аввал, дар бораи шеваи Бухоро маълумоти умумй дода, қайд мекунад, ки таркиби луғавии шева аз калимаҳои қадима, ки онҳо дар забони дарй истеъмол меёфтанд ва аз калима, ибораҳои хоси шева, калимаҳои иқтибосии арабй, туркй, русй ва интернационалй ташаккул ёфтааст. Боби махсус ба обзори корҳои шевашиносй бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди номбар кардани як қатор адабиётҳои истифодашуда тадқиқотчй аз монографияи А.Каримова ки бо сарлавҳаи "Шеваи тоҷикони Бухоро" ҳанӯз соли 1959 аз чоп баромада буд, бехабар будааст.

Боби хусусиятҳои грамматикии шеваи Бухоро се қисматро дар бар мегирад: фонетика, морфология ва синтаксис. Хусусиятҳои фонетикии шева бо забони форсии эронй муқоиса карда мешавад. Дар ин боб дорои оҳанги хос будани шеваи Бухоро хотирра-

сон карда шудааст.

Дар ду боби дигар асосан ба баъзе хусусиятҳои фарққунандаи барҷастаи шеваи Бухоро ва забони форсӣ диққат дода мешавад. Ба охири кор матнҳо, яъне намунаҳои калима, ибора ва ҷумлаҳои гуфтугӯӣ, инчунин луғати фаровон, ки бо транскрипцияи лотинӣ навишта шудааст, илова карда шудааст. Монографияи Аҳмад Алӣ Раҷоӣ бешубҳа доираи донишҳоро дар бораи шеваи тоҷикони Бухоро пурратар хоҳад кард, зеро кор ҳақиқатан ҳам материали хеле фаровонро дар бар гирифтааст.

Китоби О.Ҷалолов - "Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон", соли 1967 дар Душанбе чоп шудааст. Чи хеле ки худи муаллиф қайд мекунад, кор ҳаргиз асари мукаммал набуда, балки ҷузъи кори илмӣ мебошад ва фақат хусусиятҳои намоёнтарини шеваҳои Ёвонро дар бар мегирад[65]. Муаллиф дар ин асар дар бораи баъзе хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии шеваҳои Ёвон маълумоти ниҳоят мухтасар медиҳад. Мушоҳида карда мешавад, ки материалҳо дар китоб на он қадар ба системаи ягонаи илмӣ дароварда ва ҷо ба ҷо гузошта шудаанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф шеваҳои Ёвонро аз рӯи материалҳо ба се гурӯҳ ҷудо мекунад/шеваи Ёвон, Калфи Сават, Мирзоӣ/. Дар асар дар бораи то андозае ба гурӯҳи шеваҳои Кӯлоб наздикӣ доштани он шеваҳо ишора меравад, вале мавқеи онҳо дар байни шеваҳои дигари тоҷик норавшан мондааст. Ба кор луғати калимаҳо ва намунаҳои матнҳои шевагӣ илова карда шудаанд.

Монографияи М.Эшниёзов - "Шеваи ҳардурӣ" соли 1967 дар Душанбе чоп шудааст. Ин кор очерки муфассали фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии шеваи тоҷикони райони Ғузор ва ҳозира Деҳқонободу Қамашӣ, ки онҳоро "ҳардурӣ"/ < ҳардараӣ/ меноманд, дар бар мегирад. Дар монография, дар боби аввал маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ, таърихӣ ва этнографӣ дода шудааст. Дар боби охир муносибати шеваи ҳардурӣ бо шеваи тоҷикони Бухоро ва шеваҳои тоҷикони райони Бойсун муайян карда мешавад ва ҷои шеваи ҳардурӣ дар байни шеваҳои тоҷик ва гурӯҳи шеваҳои Бухоро ва Бойсуну Дарбанд таъин карда мешавад. Ба асар намунаҳои ҷумла ва ибораҳои шевагӣ, луғат ва харитаи схематикии паҳнгардидаи шева илова карда шудааст.

Дар соли 1971 кори монографии А.З.Розенфельд[66] "Шеваҳои бадахшонии забони тоҷикӣ" дар Ленинград аз чоп баромад, ки вай

хусусиятҳои фонетикии шеваҳои тоҷикӣ-форсӣ ё "порсигӯ"-ёни ғарбии Помир, сохти морфологӣ ва лексикии онҳоро дар бар мегирад. Дар асар ҷои шеваҳои бадахшонӣ дар байни шеваҳои тоҷик муайян карда шудааст. Ба кор матнҳои гуфтугӯӣ, луғат ва картаи паҳнгаштаи он шеваҳо илова карда шудааст.

Дар ин давра як қатор шеваҳои омӯхтанашуда пурра тадқиқ карда шуда, оид ба хусусиятҳои онҳо мақолаҳои алоҳидаи бисьёр ба табъ расиданд[67]. Чунончи дар ин давра шеваҳои тоҷикони Ғорон/Богорад Ю.И./, Рарз/Каримова А.А./, Шаҳртуз/Саидова Қ./, Ғиждувон/Мелех Н.А./ ба тафсил тадқиқ карда шуданд: дар бораи шеваҳои то ин дам омӯхта нашудаи Нораку Файзобод/Мурувватов Ҷ./, Ворух/Ҷӯраев Ғ./, шеваҳои Бадахшони Советӣ/Розенфельд А.З./, шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз/Саъдуллоев Б./, Китоб/Маҳмудов М./, Ургут/Назарова Д/[68], лаҳҷаи Самарқанд/Зоҳидов А./[69] мақолаҳои ахбороти навишта шуданд; илова бар ин оид ба фонетикаи шеваи Исфара/Мақсудов Т.М./, Дарвоз/Неменова Р.Л./, дар бораи лексикаи шеваҳои Ҳисор/Маҳмудов М./, Ванҷ/Розенфельд А.З./, Ленинобод/Турсунов А./ маълумотҳои нави иловагӣ дода шуданд.

Дар ин муддат Қ.Саидова[70] дар мавзӯи "Шеваи тоҷикони Шаҳртуз"/РСС Тоҷикистон/, В.Қосимов[71] дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони райони Фориш"/вилояти Самарқанд/, Н.А.Мелех[72] дар мавзӯи "Шеваи Ғиждувони забони тоҷикӣ"/вилояти Бухоро/, Ҷ.Мурувватов[73] дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони атрофи шаҳри Андиҷон"/вилояти Андиҷон/ диссертацияи номзадӣ ҳимоя карданд.

Аз инҳо кори Қ.Саидова аз қисматҳои сарсухан, муқаддима ва чор бобе, ки ба тасвири хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, лексикии шеваи тоҷикони Шаҳртуз, инчунин як фасли алоҳида, ки он ба хусусиятҳои асосии лафзи тоҷикии "арабҳои" ин район бахшида шудааст, иборат мебошад. Ба диссертация намунаҳои ибора, ҷумлаҳо ва луғати шеваги илова карда шудааст.

Диссертацияи В.Қосимов муқаддима, чор боби асосӣ /фонетика, морфология, синтаксис, лексика/ ва хулосаро дар бар мегирад. Дар охири кор намунаҳои иборахо, ҷумлаҳо ва лексикаи шеваги тоҷикони Фориш, инчунин харитаи географии район, ки объектҳо/нуқтаҳо/-и тадқиқотро нишон медиҳад, ҷой дода шудааст.

Кори Н.А.Мелех ба тасвири шеваи Ғиждувон, яъне зодгоҳи асосгузори адабиёти советии тоҷик С.Айнӣ бахшида шудааст ва фаслҳои муқаддима, фонетика, морфология, синтаксис, лексика ва илова/қариб 1500 ибораю ҷумла, 20 матни алоқаманд, луғати шева ва як харита/-ро ташкил медиҳад.

Тадқиқоти Ҷ.Мурувватов ба хусусиятҳои шеваги яке аз гурӯҳи шеваҳои мардуми дар гузашта аз районҳои ҷанубии Тоҷикистон /Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб/ ба водии Фарғона муҳоҷир шуда, яъне шеваҳои тоҷикони атрофи шаҳри Андиҷон бахшида шудааст. Кор аз муқаддима, чор боб /фонетика, морфология, маълумоти мухтасар оид ба синтаксис, лексика/, хулоса ва илова иборат аст.

Ин давраи омӯхтани шеваҳои забони тоҷикӣ бо он хусусияти худ фарқ мекунад, ки дар ин давра шевашиносии тоҷик ба равияи таҷрибаи ҷамъбасткунӣ ва муқоисаи ҳодисаҳои забонии гурӯҳҳои шеваҳо қадам гузошт. Чунончи, шевашиноси намоён В.С.Расторгуева[74] дар асоси маводҳои мавҷуда дар ин давра се кори ҷамъбасткунанда ва яклухти дорои аҳамияти калон навишт: I. "Таърихи омӯзиши забони тоҷикӣ дар СССР" /дар китоби "Очеркҳо оид ба омӯзиши таърихи забонҳои эронӣ"/, 2. "Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик" /нашри 5. Луғати шеваги тоҷикӣ-русӣ/, 3. "Таҷрибаи омӯзиши муқоисавии шеваҳои тоҷик". Илова бар инҳо авторeферати докторӣи А.З.Розенфельд[75] дар мавзӯи: "Системаи феъл дар шеваҳои ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ" дар Ленинград, соли 1966 аз чоп баромад. Соли 1969 дар Душанбе М.Эшниёзов бо унвони "Машғулиятҳои амалӣ аз шевашиносии тоҷик" китоби таълимӣ навишт. Соли 1970 аз тарафи академики АФ РСС Тоҷикистон профессор Б.Н.Ниёзмуҳаммадов ва номзади илмҳои филология М.Эшниёзов "Программаи шевашиносии тоҷик" тартиб дода шуд. Илова бар ин дар нимаи дуюми соли 1970 бо ташаббуси шӯъбаи шевашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ аз тарафи коллектив аввалин маҷмӯаи корҳои илмии ходимони шӯъба - "Масъалаҳои шевашиносии тоҷик", дар Душанбе аз чоп баромад. Маҷмӯа 19 мақоларо дар бар мегирад ва дар бораи ин ё он хусусияти як қатор шеваҳои то ҳол омӯхта нашуда ва то як дараҷа омӯхта шуда /аз он ҷумла, шеваҳои Ромит, Ёхсу, Тутқавул, Панҷакент, шеваҳои ҷанубии Кӯлоб, Шаҳртуз; оид ба муносибати забони помирӣ бо шеваҳои тоҷик; баъзе хусусиятҳои луғавии шеваҳои арабҳои тоҷикзабон; пешоянд ва пасояндҳо дар шеваи эрониёни Когон/ маълумот ва материалҳои нав медиҳад. Дар маҷмӯа инчунин дар бораи баъзе хусусиятҳои шеваҳои тоҷикони районҳои Шаҳрисабзу Китоб /вилояти Қашқадарьё/, шеваи Оҳалик /вилояти Самарқанд/ ва шеваҳои тоҷикони районҳои Марҳамат, Москва, Олтинкӯли ви-

лояти Андиҷони РСС Ўзбекистон натиҷаи тадқиқотҳои нав чоп шуданд.

Дар охирҳои соли 1971 кори тадқиқотии як гурӯҳ коркунони илмии шӯъбаи шевашиносии Институти забон ва адабиёти тоҷик ҷамъбаст карда шуд. Аз он ҷумла, М.Маҳмудов[76] дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони райони Китоб" диссертацияи номзадӣ ҳимоя кард; Б.Саъдуллоев дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз" диссертацияи худро ба ҳимоя пешниҳод намуд; Б.Бердиев дар мавзӯи "Шеваҳои Ромит" қисми асосии кораширо ба муҳокима гузошт.

Дар ин давра Р.Саидов[77] дар мавзӯи "Шеваҳои Вахиёи Боло" диссертацияи номзадӣ ҳимоя кард. Ӯ шеваи Вахиёи Болоро, ки 35 сол муқаддам аз тарафи Н.А.Кисляков[78] тасвир карда шуда буд, боз аз нав тадқиқ намуда, аз рӯи хусусиятҳои дохилӣ ба ду шева /шеваи Шехо ва шеваи Сангвор/ ҷудо мекунад. Кори Р.Саидов аз "Муқаддима", "Маълумоти мухтасар дар бораи Вахиёи Боло" ва аз бобҳои асосии "Фонетика", "Морфология", "Баъзе маълумотҳо доир ба синтаксиси ҷумлаҳо" ва "Лексика" иборат мебошад. Ба диссертация намунаҳои матнҳои гуфтугӯӣ, фольклорӣ ва луғати шевагӣ илова карда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки шеваҳои Вахиёи Боло нисбат ба шеваҳои Ванҷу Дарвоз хусусиятҳои архаистиро камтар нигоҳ доштаанд. Дар "Маҷмӯаи илмии Институти педагогии шаҳри Кӯлоб" № 8 соли 1970 оид ба хусусиятҳои лексикии шеваи Шехои Вахиёи Боло мақолаи Р.Саидов аз чоп баромад.

Инчунин як гурӯҳ шеваҳои Дарвоз аз тарафи М.Маҳадов аз нав тадқиқ карда шуда, оид ба баъзе хусусиятҳои онҳо дар мақолаҳои алоҳида маълумотҳои нав дода шудаанд.[79]

Шеваҳои тоҷикони райони Китоб /вилояти Қашқадарьё/ аз тарафи М.Маҳмудов тадқиқ карда шуда, оид ба тасвири фонетикӣ ва баъзе хусусиятҳои морфологӣ ва лексикии онҳо якчанд мақолаҳои алоҳидаи ӯ аз чоп баромадаанд[80]. Муаллиф шеваҳои Китобро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад /1. шеваи Варганза, 2. шеваи Ҷавз/ ва хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро нишон медиҳад. Натиҷаи тадқиқоти М.Маҳмудов дар диссертацияи ӯ "Шеваҳои тоҷикони райони Китоб", ки соли 1971 дар Душанбе ҳимоя кард, гирд оварда шудаанд. Диссертация аз муқаддима ва бобҳои асосии "Фонетика", "Морфология", "Лексика" иборат мебошад. Ба

кор намунаҳои ибора, ҷумлаҳои шевагӣ ва луғат илова карда шудааст[81].

Дар ин давра оид ба баъзе хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикии шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз як қатор мақолаҳои Б.Саъдуллоев нашр шудаанд[82].

Дар солҳои охир дар бораи шеваҳои то ҳол омӯхта нашудаи Ромит, Оҳалик, Тутқавул ва ғайраҳо маводҳои нав ба даст дароварда шуданд. Аз он ҷумла, оид ба баъзе хусусиятҳои лексикии шеваҳои Ромит, инчунин пешоянд ва пасояндҳо дар ин шеваҳо ду мақолаи Б.Бердиев[83]; ахбороти мухтасари А.Ҳақбердиев[84] дар бораи шеваи Оҳалик; маълумоти тозаи Р.Л.Неменова[85] оид ба шеваи тоҷикони Тутқавул аз чоп баромад.

Дар ин давра дар шӯъбаи шевашиносии Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон бо роҳи ташкил намудани экспедицияҳои пай дар пай бо қувваи як гурӯҳ кормандони илмии он оид ба лексикаи шеваҳои ҷанубии Тоҷикистон материали фаровон ғундошта шуд. Дар заминаи ин корҳо тартиб додани луғати як гурӯҳи калони шеваҳои забони тоҷикӣ пешбинӣ карда мешавад. Кори тартиб додани луғат асосан ба охир расида, барои муҳокима ва маслиҳатҳо макети он бо сарлавҳаи "Луғати шеваҳои ҷанубӣ" /ҳарфи "д"/, соли 1971 дар Душанбе аз чоп баромад[86].

Хусусияти дигари характерноки солҳои 1961-1971-уми шевашиносии тоҷик дар он аст, ки дар ин давра ба ғайр аз қариб сар то сар омӯхта шудани шеваҳои забони тоҷикӣ ва баъзе гурӯҳҳои этникии тоҷикзабонони Иттифоқи Советӣ /лӯлиҳо, чистониҳо, афғонҳо, арабҳо, эрониҳои Бухоро, яғнобиҳо/, инчунин шеваҳои як қатор маҳалҳои тоҷикон ва тоҷикзабонони берун аз сарҳад[87] низ тадқиқ карда шуданд.

Дар Иттифоқи Советӣ дар ин давра И.М.Оранский шеваҳои ҳиндуэронии водии Ҳисор /РСС Тоҷикистон/ ва Сурхондарьё /РСС Ӯзбекистон/-ро тадқиқ намуда якчанд мақолаҳо[88] навишт ва соли 1967 дар мавзӯи "Шеваҳои ҳиндуэронии водии Ҳисор"[89] дар Ленинград диссертацияи докторӣ ҳимоя намуд. Диссертация ва мақолаҳои ӯ ба тасвири хусусиятҳои шевагӣ ва этнографии лӯлиҳо/парья/, ба шеваҳо ва арғои тоҷикзабонони гурӯҳҳои этникӣ, аз он ҷумла чистониҳои райони Саросиёби Сурхондарьё бахшида шудаанд.

Соли 1970 бошад, И.М.Оранский[90] дар бораи шаклҳои бандаки

феълии шахси дуюми ҷамъ -ед//-ин дар шеваҳои форсӣ-тоҷикӣ мақолаи ҷамъбастӣ навишт.

Шеваҳои арабҳои тоҷикзабони районҳои Қаршӣ /РСС Ўзбекистон/ ва Шаҳртуз /РСС Тоҷикистон/ аз тарафи Ғ.Ҷўраев ба тариқи муқоиса /байни худи ҳамон шеваҳо ва бо забони адабии тоҷикӣ/ тадқиқ карда шудааст. Оид ба хусусиятҳои ин шеваҳо як қатор мақолаҳои Ғ.Ҷўраев аз чоп баромаданд[91]. Натиҷаи кори тадқиқотии ӯ бо унвони "Шеваҳои арабҳои тоҷикзабон" ҷамъбаст шуда[92], соли 1969 дар Тбилиси ба сифати диссертацияи номзадӣ ҳимоя карда шуд.

Забони яғнобӣ ва шеваҳои тоҷикии саргаҳи Зарафшон /Яғноб, Фалғар/-ро дар ин давра А.Л.Хромов тадқиқ намуда, як қатор мақолаҳо[93] навиштааст. Ӯ соли 1970 дар мавзӯи "Тадқиқоти таърихӣ - забоншиносии Яғноб ва саргаҳи Зарафшон"[94] диссертацияи докторӣ ҳимоя намуд. Муаллиф дар маънидод ва ҳалли илмии фактҳои забонӣ бештар ба масъалаи муносибати забонҳои суғдӣ-тоҷикӣ ва этникии онҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Тадқиқот тасвири пурраи грамматикӣ ва шевагии забони яғнобӣ /суғдии нав/, очерки шеваҳои Яғноб, Фалғар ва топонимикаи он мавзеъҳоро дар бар мегирад. Ба диссертация 3 харита оид ба паҳншавии шеваҳои суғдӣ-яғнобӣ дар гузашта /дар асоси топонимика/, инчунин забони ҳозираи яғнобӣ ва шеваҳои он илова карда шудааст. Дар матнҳо яғнобӣ транскрипцияи байналхалқии эронӣ ва дар матнҳои тоҷик ва топонимикаи онҳо транскрипцияи тоҷикӣ /дар асоси хати русӣ/ кор фармуда шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар соли 1972 дар Душанбе ва Самарқанд се диссертацияи номзадии илмҳои филология оид ба шевашиносии тоҷик ҳимоя карда шуд. Аз онҳо, яке кори С.Саъдуллоев[95] /"Шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз"/ буда, ба яке аз объектҳои муҳим, мавзеъҳои то ҳол омӯхтанашуда, яъне ба тадқиқи як гурӯҳ шеваҳои тоҷикони саргаҳи Қашқадарьё, маҳз ду шохаи он, ки яке Оқсу ва дигаре Таммӯш номида мешавад, бахшида шудааст. Диссертация аз қисматҳои сарсухан , муқаддима ва бобҳои асосии "Фонетика" "Морфология", "Синтаксис", "Луғат", инчунин як боби иловагӣ /"Шеваҳои Ҳисорак ва Чопуқ"/ иборат буда, хулосаи умумӣ, луғат, намунаи материалҳо ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад. Тадқиқотчӣ дар натиҷаи таснифоти материалҳо ва мушоҳидаҳои шахсӣ шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабзро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: 1. ше-

вахои Ғелон, 2. шеваи Ҳисорак, 3. шеваи Чоцуқ.

Дигаре, кори Л.Назарова[96] - "Шеваҳои тоҷикони Ургут" мебошад, ки вай муқаддима, чор боб /фонетика, морфология, синтаксис, лексика/ ва хулосаро дар бар мегирад. Ба кор намунаҳои ибора ва ҷумлаҳои шевагӣ, инчунин луғат ва харитаи районҳи омӯхташуда илова карда шудааст. Муаллиф шеваҳои тоҷикони Ургутро аз рӯи хусусиятҳои дохилӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: Камонгарон ва Гулбор.

Кори сеюм, ба тадқиқи "Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара" бахшида шуда аз тарафи Темур Мақсудов[97] ҳимоя карда шудааст. Кор аз муқаддима, ду боб /лексика, фразеология/, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Тадқиқотчӣ аз рӯи фарқияти лексикӣ шеваҳои Исфараро ба ду гурӯҳ; яъне марказӣ /қишлоқҳои Шаҳрак, Навгилем, Чилгазӣ, Кулкент, Қалъаи Мазор/ ва ҷанубӣ /қишлоқҳои Ворух, Чоркӯҳ, Октябрь, Сур/ ҷудо мекунад.

Дар соли 1974 монографияи Ҷ.Мурувватов - "Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон" дар Душанбе /нашриёти "Дониш"/ аз чоп баромад, ки он аз сарсухан ва бобҳои фонетика, морфология, мухтасар дар бораи синтаксис, баъзе хусусиятҳои лексикӣ, муносибати шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон бо шеваҳои гурӯҳи Қаротегин ва шеваҳои шимолӣ иборат буда, инчунин қисмати илова, яъне ҷумлаҳои гуфтугӯиро дар бар мегирад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили ҳарҷонибаи маводҳои гирд овардааш ба чунин хулоса омадааст: "...вазъияти ҳозираи шеваҳои мазкурро ба эътибор гирифта, онҳоро дар дохили шеваҳои ҷанубӣ ҳамчун яке аз гурӯҳҳои алоҳида шумурдан дуруст мебошад"/саҳ.159/.

Дар давоми солҳои 1972-74 дар Душанбе ва Москва дар бораи баъзе хусусиятҳои яке аз шеваҳои тоҷикони шимолии Афғонистон /шеваи тоҷикони Ҷабал-ус-Сироҷ/ мақола ва тезисҳои корманди илмии Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон Усмон Обидов ба табъ расиданд[98]. Соли 1974 ҳамин кори Усмон Обидов ба шакли диссертацияи номзадӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шуд, ки вай аз муқаддима, чор боб, хулоса ва илова, ки он луғати шевагиро дар бар мегирад, иборат мебошад[99]. Тадқиқотчӣ аз рӯи хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ ин шеваро ба гурӯҳи шеваҳои тоҷикӣ-афғонӣ дохил кардааст.

Дар соли 1974 нашриёти "Наука"-и шаҳри Москва асари Ра-

вон Фарходиро тахти унвони "Забони гуфтугӯии форсӣ дар Афғонистон"[100] ба табъ расонд, ки он ба тадқиқи лаҳҷаи кобулӣ бахшида шудааст.

Пайваста ба як қатор корҳои проблемавӣ кормандони шӯъбаи таърихи забон ва шевашиносии Институти забон ва адабиёт, инчунин ҷамъбасти илмии хусусиятҳои шеваҳои ҷанубии забони тоҷикиро низ ба зимма гирифтаанд. Проспекти мухтасари монографияи мукаммали оянда тахти унвони "Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" соли 1973 дар Душанбе ба табъ расид, ки он хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии гурӯҳи шеваҳои қаротегинӣ ва кӯлобиро дар бар мегирад. Дар ин проспект мақолаҳои ҷамъбастии Р.Л.Неменова, О.Ҷалолов, Ч. Мурувватов, А.Л.Хромов, Б.Саъдуллоев, Р.Ғаффоров, С.Атобуллоев, Ғ.Ҷӯраевҳо гирд оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, адабиёти зиёда аз як асраи шевашиносии тоҷикро аз рӯи мазмун, хусусият ва мақсади тадқиқот ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: I. асарҳое, ки мақсади материалгундорӣ доштанд, 2. асарҳои илмӣ-тадқиқотии алоҳида, 3. асарҳои ҷамъбастӣ.

Корҳои илмие, ки доир ба шевашиносии тоҷик то ҳол навишта шудаанд, асосан аз рӯи методи тасвирӣ, монографӣ анҷом ёфтанд. Дар онҳо хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва лексикии шева ва ё лаҳҷа муайян карда шуда, бо забони адабӣ муқоиса карда мешуданд, фақат дар баъзе мавридҳо ин ё он хусусияти онҳо ба таърихи забон, дар омади сухан муқоиса мегардиданду бас.

Дар давраи ҳозираи инкишофи шевашиносии тоҷик фақат бо методи тасвирӣ, монографӣ омӯхтани шеваҳо кифоя намекунад. Минбаъд бояд шеваҳо, лаҳҷаҳо, гурӯҳи онҳо аз нуқтаи назари муқоисаи таърихӣ, инчунин аз рӯи ба ҳам наздикшавии онҳо бо забони адабии ҳозираи тоҷик омӯхта шаванд. Чунки акнун /ҳоло/ дар қатори якчанд масъалаи муҳимми шевашиносии тоҷик, масъалаи муайян намудани асоси шевагии забони адабии тоҷик ва як қатор масъалаҳои мубоҳисавӣ /аз ҷумла таснифоти шева ва лаҳҷаҳо, ҳамчун сиғаи алоҳида ба ҳисоб гирифтани шаклҳои нақлии феъл ва ғайраҳо/ табдил ва тағьири равияи тадқиқотро дар соҳаи шеваомӯзӣ талаб мекунад. Ин маъноеро надорад, ки ба тавр тасвирӣ, монографӣ омӯхтани шеваҳо бас карда шавад, баръакс

шеваҳои омӯхта нашуда дар солҳои наздик бояд бо ин роҳ ҳарчи зудтар тадқиқ карда шаванд. Ба ин тариқа, методи монографии омӯхтани шеваҳоро давом дода ба ҷиҳатҳои таърихии онҳо диққати муҳим дода мешавад, то ки бо ин роҳ ҳам барои ҳалли баъзе масъалаҳои муҳимми ояндаи шевашиносии тоҷик замина фароҳам оварда шавад.

Дар Тоҷикистон маркази кор, маркази муассисаи илмии ташкилкунанда ва пешниҳодкунандаи масъалаҳои муҳим, проблемаҳои асосии шевашиносии тоҷик шӯъбаи таърихи забон ва шевашиносии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон мебошад. Дар ин шӯъба дар қатори ҳалли чандин масъалаҳои навбатии худ, оид ба соҳаҳои зерин корбарии ҳарҷониба ва бетаъхир айни муддаост:

1. Дар тадқиқотҳои шевагӣ илова бар методи тасвирӣ, татбиқ намудани усули шевашиносии муқоисавӣ-таърихӣ.

2. Ба роҳ мондани корҳо оид ба тадқиқи таркиби луғавӣ ва калимасозӣ дар шеваҳои тоҷикӣ.

3. Тартиб додани луғатҳои гурӯҳи шеваҳо ва луғати умумии шевагии забони тоҷикӣ.

4. Тартиб додани атласи шевашиносии географӣ.

5. Ҳарҷониба омӯхтани сохти синтаксисии шеваҳои тоҷикӣ.

6. Ба доираи тадқиқ даровардани корҳо оид ба муайян намудани равиш ва ҳолати ба ҳам наздикшави /унификация/-и шеваҳо дар шаҳрҳо, дар маркази районҳо; таъин намудани хусусиятҳо /аломатҳо/-и таъсири байнишевагӣ /интердиалектӣ/ дар мавзеъҳои алоҳида ва ғайраҳо.

## А д а б и ё т


А й н ӣ С. Дар бораи вазъияти забоншиносии тоҷик. "Шарқи Сурх", 1952, № 6, саҳ. 5-6.

Н и ё з м у ҳ а м м а д о в Б. Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаи забоншиносони тоҷик. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1965, саҳ. 77-81.

Н и ё з м у ҳ а м м а д о в Б. Як назар ба таърихи шевашиносии тоҷик /соли 1859-1917/. Дар китоби "Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик". Сталинобод, 1960, саҳ. 78-83.

Р а с т о р г у е в а В. С. Изучения таджикского языка в СССР. В кн.: "Очерки по истории изучения иранских языков". Москва, 1962, стр. 33-60.

Р а с т о р г у е в а В. С. Степень изученности тад-

жикских говоров. В кн.: Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. Москва, 1964, стр. 3-10.

М а ҳ м у д о в М. Фехрасти адабиёти шевашиносӣ дар зарфи даҳ сол /1959-1969/. Дар китоби "Масъалаҳои шевашиносии тоҷик", ҷилди I, Душанбе, 1970, саҳ. 275-289.

Программаи шевашиносии тоҷик. Душанбе, 1970, саҳ. 13-19 /дар зери таҳрири профессор Тоҷиев Д.Т., тартибдиҳандагон: академики АФ РСС Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Б.Н.Ниёзмуҳаммадов ва номзади илмҳои филологӣ М.Эшниёзов/.

Ю н у с о в А. Такомул ва инкишофи забоншиносии тоҷик. Душанбе, 1972.

## БОБИ ДУЮМ

## ТАСНИФОТИ ЗАБОН ВА ДИАЛЕКТҲО

/Маълумоти умумӣ/

Дар рӯи замин мавҷуд будани зиёда аз дуним ҳазор забон ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин ҳисоби носаҳеҳи забонҳои ҷаҳон бо он вобаста мебошад, ки баъзе аз онҳо пурра омӯхта нашудаанд, аз ин рӯ, онҳоро гоҳ ба ҳисоби диалекти ягон забони муайян ва гоҳ ба ҳисоби забони мустақил дохил мекарданд. Инкишофи баъзе аз забонҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки онҳо ҳақиқатан дар гузашта ҳамчун диалект ба ҳисоб гирифта шуда, вале ҳоло ба дараҷаи забони алоҳида ба камол расидаанд ва забони мустақил ба шумор мераванд. Дар шароити таърихии ҳозира аз ҳисоби мустақилият гирифтани як қатор давлатҳо нуфузи забонҳо ҳам зиёд мешавад. Баръакс, дар баъзе минтақаҳо дар натиҷаи тадриҷан аз истеъмол баромадани баъзе забонҳои беалифбои халқҳои камнуфуз ва гурӯҳҳои этнографии хурд шумораи онҳо ба тарафи камшавӣ низ майл дорад.

Дар таснифоти забонҳо /инчунин диалектҳо/ ду равияи калон мушоҳида карда мешавад: I. ба гурӯҳҳо тақсим намудани забонҳо аз рӯи умумияти материали забонӣ /калима, реша, суффикс/ ва сохти грамматикӣ дар заминаи ба ҳисоб гирифтани ба ҳам хешии онҳо; 2. ба гурӯҳҳо тақсим кардани забонҳо аз рӯи тип, умуман аз рӯи сохти грамматикии онҳо. Аз ин рӯ, дар забоншиносӣ тақсимоти навъи якум - "таснифоти генеалогӣ" ва тақсимоти навъи дуюм - "таснифоти морфологӣ" ё "типологӣ" ном гирифтааст.

Дар асоси ин таснифот, умуман аз рӯи ба ҳисоб гирифтани умумияти таркиби луғавӣ ва шаклҳои грамматикӣ забонҳои ҷаҳон ба оилаҳои забонҳо ва гурӯҳҳои забонҳо ҷудо мешаванд. Ҳоло дар ҷаҳон оилаҳои асосии забонҳо ва гурӯҳҳои калони забонӣ қариб ба 200 мерасанд. Оилаҳои забонҳо дар навбати худ, ба як қатор гурӯҳҳо /шохаҳо/; гурӯҳҳо бошанд, ба забонҳои алоҳида; забонҳо низ ба диалектҳо /лаҳҷаҳо ва шеваҳо/ ҷудо мешаванд. Аз ҷумла, яке аз оилаҳои калонтарини забонҳои ҷаҳон оилаи ҳиндуаврупоӣ буда, вай аз 12 шоха иборат мебошад. Ин оила қисми зиёди забонҳои Аврупо, Ҳиндустон ва Эронро дар бар мегирад. Дар забоншиносӣ ба яке аз шохаҳои оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ "гурӯҳи забонҳои эронӣ" ном дода шудааст.

Забонҳои эронӣ яке аз гурӯҳҳои забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати баромад ва насаб /генетика, генеология/ ба ҳам хешанд. Хеш ва наздик будани забонҳои эронӣ аз рӯи дар лексикаи аслӣ /решагӣ/ ва сохти асосии грамматикии онҳо мавҷуд будани умумият муқаррар гардидааст.

Ба гурӯҳи забонҳои ҳозираи эронӣ забони форсӣ, тоҷикӣ, афғонӣ /пушту/, балуҷӣ, курдӣ, осетинӣ, тотӣ, толишӣ, яғнобӣ, помирӣ /шуғнонӣ, язгуломӣ, вахонӣ ва ғайра/, инчунин дигар як қатор забон ва лаҳҷаҳое, ки дар ҳудуди Эрони ҳозира, Афғонистон, Осиёи Миёна, Покистон ва баъзе давлатҳои дигари шарқ паҳн гардидаанд, дохил мешаванд.

Гурӯҳи забонҳои эронӣ якчанд забонҳои қадимаро низ дар бар мегирад, ки онҳо кайҳо аз истеъмол баромадаанд ва онҳоро ба қатори "забонҳои мурда" ёдоварӣ мекунанд. Забонҳои мурдаи эронӣ бо намунаҳои осори хаттии антиқаи худ дар олами тамаддун маълум ва машҳур мебошанд. Аз он ҷумла, дутои онҳо аз забонҳои хеле қадимтарини ин гурӯҳ ба шумор мераванд: I/ забони форсии қадим /забони хати михии даврai Ҳахоманишиҳо, асрҳои УI-IУ пеш аз милод/, 2/ забони авестоӣ /забони китоби муқаддаси "Авесто", ки онро маҷмӯи китобҳои аҳли дини оташпарастӣ ҳам меноманд/.

Баъдтар забони форсии миёна ва ё паҳлавӣ /забони адабии даврai Сосониён, дар асрҳои Ш-УП солшумории милодӣ/ барқарор мегардад.

Бештарини олимон забони паҳлавиро дар таърихи инкишофи забони форсӣ ҳалқаи мобайн ҳисоб мекунанд ва даврai пеш аз забони паҳлавиро забони форсии қадим, даврai баъдро забони форсии нав меноманд[1].

Дар даврai миёнаи тараққиёти забони форсӣ дар қатори забони форсии миёна /ё паҳлавӣ/ забони суғдӣ /забони аҷдодони гузаштаи мардуми водии Зарафшон ва вилоятҳои Қашқадарьёю Сурхондарьё/ низ вуҷуд дошт[2].

Забони хоразмӣ ҳам яке аз забонҳои даврai миёнаи забонҳои эронӣ ба шумор меравад. Ин забон - забони хоразмиёни қадим буда, ёдгорӣ ва осорҳои асри Ш милодиро дар бар мегирад. Як гурӯҳ тадқиқотчиён ба гурӯҳи забонҳои эронӣ, инчунин забони медиёӣ /забони қабилаҳои медиён, ки онҳо дар асри УП то милод маркази давлати худро дар шаҳри Экбатана /ҳозира Ҳама-

дон/ барқарор карда буданд/, забони сокӣ /хотанӣ/ ва забони скифӣ /забони қабилаҳои скифҳо, ки онҳо аз соҳилҳои баҳри Сиёҳ ва Азов то сарҳади Хитой бодиягардӣ мекарданд/-ро низ дохил мекунанд.

Забони парфиёнӣ бошад, дар ибтидо дар Парфияи қадим/дар ҷанубӣ-шарқии баҳри Каспий/ паҳн гардида, дар даври Аршакидиҳо /асри III пеш аз милод ва асри III милодиро дар бар мегирад/ дар Эрон ва як қатор вилоятҳои Осиёи Миёна то ба дараҷаи забони идоракунии давлатии шоҳони Парфия расида буд[3].

Дар эроншиносӣ забон ва лаҳҷаҳои қадими эронӣ аз рӯи фарқият /дифференция/-и байни худ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: I/ гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии эронӣ, 2/ гурӯҳи лаҳҷаҳои шарқии эронӣ.

Сарҳади асосии ин гурӯҳҳо Саҳрои Кабир муқаррар гардида буд. Лаҳҷаҳое, ки аз Саҳрои Кабир ба сӯи шарқ ҷойгир шуда буданд, лаҳҷаҳои шарқии эронӣ ва лаҳҷаҳое, ки ба самти ғарбии он воқеъ гашта буданд, лаҳҷаҳои ғарбии эрониро ташкил медоданд.

Ба гурӯҳи лаҳҷаҳои шарқии эронӣ лаҳҷаҳои дар Осиёи Миёна буда, инчунин лаҳҷаҳои вилоятҳои Хоразм, Суғд, Марғиона ва Бохтария дохил мешуданд. Ба ин гурӯҳ лаҳҷаи қабилаҳои сокҳо /хотанӣ/, аз он ҷумла онҳое, ки дар натиҷаи бодиягардӣ аз Осиёи Миёна ба ғарб муҳоҷир шуда буданд, дохил мешуданд.

Лаҳҷаҳои ғарбии эронӣ ҳам ба ду гурӯҳи дохилӣ ҷудо мешуданд: I/ Лаҳҷаҳои ҷанубӣ-ғарбӣ /форсӣ/, ки онҳо дар самти ҷанубӣ-ғарбии кӯҳҳои Эрон паҳн гардида, ба халиҷи Форс қариб буданд. 2/ Лаҳҷаҳои шимолӣ-ғарбӣ /ин гурӯҳро лаҳҷаи медиёӣ ҳам меноманд/, ки дар самти шимолӣ ва шимолӣ-ғарбии кӯҳҳои Эрон паҳн гардида буданд.

Бояд қайд кард, ки ин навъ таснифоти забон ва лаҳҷаҳои қадими эронӣ дар асоси шевашиносии таърихии эронӣ ба миён омадааст. Аз ин рӯ, ҳамаи забон ва лаҳҷаҳо, ки /забон ва лаҳҷаҳои ҳозира низ/ хоҳ аз ин, хоҳ аз он гурӯҳи гузаштаи худ пайдо шудаанд ва сарфи назар аз он, ки баъзеи онҳо бо мурури замон ҷои худро тағйир додаанд, ба ҳисоби ҳамон гурӯҳи пешинаи худ номбар шудан мегиранд. Мувофиқи ин таснифот забоншиносон забони ҳозираи тоҷикро ҳам ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ дохил мекунанд.

Бояд хотиррасон кард, ки як гурӯҳ эроншиносон дар асоси ба ҳисоб гирифтани баъзе хусусият ва аломатҳо забонҳои зинда ва мурдаи эрониро ба се гурӯҳ ҳам ҷудо мекунанд: а/ шимолӣ: авестоӣ, суғдӣ, яғнобӣ, помирӣ, осетинӣ, скифӣ; б/ мобайнӣ: мидиёӣ, парфиёнӣ, толишӣ, тотӣ ва в/ ҷанубӣ: форсӣ, тоҷикӣ /М.Э./, балуҷӣ, афғонӣ /аз гурӯҳи шимолӣ ба гурӯҳи мобайнӣ гузаранда мебошад/ ва курдӣ /аз гурӯҳи мобайнӣ ба гурӯҳи ҷанубӣ гузаранда ба шумор меравад/[4].

## ТАСНИФОТИ ЛАҲҶА ВА ШЕВАҲОИ ТОҶИКӢ

Дар забоншиносӣ лаҳҷа ва шеваҳои ин ё он забон умуман аз ду нуқтаи назар тасниф карда мешаванд: I/ аз рӯи хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва 2/ аз рӯи мавқеи географӣ ё ин ки ҳудуди маъмурӣ.

Дар таснифоти лаҳҷа ва шеваҳо хусусиятҳои забонӣ /фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавӣ/ роли асосӣ ва ҳалкунанда мебозанд ва ин таснифот қонунӣ ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки дар ҳудуди муайян воқеъ гардидани ду ва ё якчанд шеваҳои хусусиятҳояш ба ҳамдигар наздик ё дур низ вуҷуд дошта метавонанд. Аз ин рӯ, ҳудуди географӣ ва ё маъмурӣ ҳамеша дар тақсим кардани шева ва лаҳҷаҳо омили асосӣ набуда, роли дуюмдараҷагӣ низ дорад.

Дар таърихи шевашиносӣ лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ то ҳол аз тарафи тадқиқотчиёни алоҳида дар асоси баҳисобгирии принципҳои номбаршуда борҳо тасниф карда шудаанд. Диққати тадқиқотчиёни аввалин, пеш аз ҳама, ба фарқияти забони тоҷикони кӯҳистон ва ҳамворзамин нигаронида шуда буд. Соли 191 П.Е.Кузнецов ба чунин хулоса омада буд, ки "лаҳҷа" /"наречие"/ -и тоҷикиро ба ду шева /"говор"/ ҷудо кардан мумкин аст: якумаш, ба тоҷикони кӯҳистон хос буда, Қаротегин, Дарвоз, Рӯшон Шуғнон ва ғайра, яъне умуман тоҷикони воҳаи саргаҳи Амуро дар бар мегирад; дуюмаш, хоси тоҷикони ҳамворзамин буда, ба ин уездҳои Фарғона ва Тошкент дохил мешаванд"[5]. Боз ӯ қайд мекунад, ки "тоҷикони саргаҳи Аму лаҳҷаи худро нисбат ба тоҷикони ҳамворзамин хубтар нигоҳ доштаанд, зеро дар онҳо калимаҳои туркӣ каманд ва пешояндҳо дар ҷои муқаррарӣ истеъмол меёбанд ва ба пасояндӣ намегузаранд"[6].

Баъдҳо дар соли 1930 М.С.Андреев[7] аз рӯи мушоҳидаҳои шахсии худ ва пурсиши намояндагони шеваҳои гуногуни тоҷик за-

бони точикиро ба ду шева ва ё лаҳҷа не, балки ба ду гурӯҳи шеваҳо ҷудо мекунад: 1/ гурӯҳи шимолӣ-ғарбӣ, 2/ гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ. Аломатҳои фарққунандаи гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ аз рӯи ақидаи М.С.Андреев аз инҳо иборатанд: 1/ садоноки кӯтоҳи и /баъзан й ҳам/ монанди и талаффуз меёбад; 2/ садоноки ӯ вуҷуд надорад; 3/ ҳамсадоҳои х ва ع мавҷуданд; 4/ бандаки феълии шахси Ш танҳо дар шакли -а истеъмол меёбад; 5/ бандаки шахси П ҷамъ -етон вуҷуд надорад; 6/ сохти атрибутивии навъи "муаллим-а писараш" истеъмол намеёбад; 7/ ҳиссачаи саволии -ми истеъмол намешавад. Гурӯҳи шимолӣ-ғарбӣ чунин аломатҳои асосии фарққунанда дорад: 1/ садоноки кӯтоҳи и ва таърихан дарози й хусусияти сифатии худро нигоҳ медорад; 2/ садоноки ӯ мавҷуд аст; 3/ ҳамсадоҳои х ва ع нестанд; 4/ бандаки шахси Ш танҳо -ат талаффуз карда мешавад; 5/ бандаки шахси П ҷамъ дар шакли -етон истеъмол меёбад; 6/ сохти навъи "муаллим-а писараш" мавҷуд аст; 7/ ҳиссачаи саволии -ми истеъмол меёбад.

Бояд эътироф намуд, ки сарфи назар аз мавҷуд будани баъзе норасоиҳо, ноаниқиҳо ва номукаммал будани методҳои ғундоштани материалҳо кори М.С.Андреев дар таърихи шевашиносии точик аҳамияти калон дошт ва ин таснифот хеле вақтҳо дар байни эроншиносон реша гирифта буд[8].

Дар соли 1952 китоби В.С.Расторгуева бо унвони "Очеркҳо оид ба шевашиносии точик" /нашри 1. Шеваи варзобии забони точикӣ/ дар Москва аз чоп баромад. В.С.Расторгуева дар ин асари худ ба хулосае меояд, ки шеваи Варзоб бо бисьёр хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисии худ на ба шеваҳои гурӯҳи шимолӣ-ғарбӣ ва на ба шеваҳои гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ дохил мешавад. Аз ин сабаб ӯ шеваи Варзобро шеваи марказӣ[9] меномад. Аммо баъдҳо дар таълими курси шевашиносӣ истилоҳи "марказӣ" бо истилоҳи "мобайнӣ" ва ё "марказӣ-мобайнӣ" маъмул гардида буд, чунки дар шеваи Варзоб хусусиятҳои барҷастаи ҳар ду гурӯҳи шеваҳои забони точикӣ мушоҳида карда мешаванд.

В.С.Расторгуева ба шеваи Варзоб, ҳамчун гурӯҳи шеваи марказӣ чунин хусусиятҳои асосиро нисбат дода буд: 1/ аз 6 фонема иборат будани садонокҳо /а, о, у, ӯ, и, е/; 2/ ноустувории садоноки ӯ /руз//рӯз, бур//бӯр, ру//рӯ/; 3/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои ҳалқии х ва ع /вале талаффузи ин фонемаҳо фақат барои калонсолон ва занон хос аст/; 4/ ба гурӯҳи шева-

ҳои ҷанубӣ монанд будани системаи пешоянд ва пасояндҳо /ба, ай, -да, -ро//ра/[10]; 5/ истеъмоли бандакҷонишинҳои соҳибӣ барои ифодаи объекти бевосита ва бавосита /нагир-аш-а, ду сум те-шон/; 6/ истеъмоли суффиксҳои ҷамъбандии -о ва -ҳо ва истеъмоли суффикси ҷамъбандии -о дар исмҳое, ки хоҳ бо садонок ва хоҳ бо ҳамсадо тамом мешаванд; 7/ дар системаи феъл бо як қатор хусусиятҳо ба шеваҳои шимолӣ-ғарбӣ монанд будан /аз ҷумла, дар шаклҳои феълӣ кор фармуда нашудани префикси би-, истеъмоли бандаки шахси II ҷамъ -етон ва ғайра/; 8/ барои ифодаи шахси II ҷамъи сиғаи амр истеъмол ёфтани бандакҳои -е/, -е ва -етон; 9/ аз бандаки шахси III танҳо афтидани овози д; 10/ дар шакли -ай истеъмол ёфтани бандаки хабарии шахси III танҳо; 11/ ифодаи шахси III танҳо ба воситаи ҷонишини вай; 12/ кор фармуда шудани ҳиссачаи саволии -ми; 13/ барқарор гардидани таркиби муайянкунанда ва муайяншаванда ба воситаи алоқаи изофӣ, инчунин истеъмоли таркиби навъи "мактаб-а директораш", "калхос-а раисаш"; 14/ нисбат ба шеваҳои шимолӣ то андозае камтар истеъмол ёфтани калимаҳои ӯзбекӣ.

Бояд хотиррасон кард, ки мувофиқи ин таснифоти В.С.Расторгуева[11] то соли 1960 курси шевашиносии тоҷик дар факультетҳои филологияи тоҷик таълим дода мешуд ва дар мақолаю корҳои тадқиқотӣ низ ин равия татбиқ карда мешуд[12].

Дар моҳи августи соли 1960 дар конгресси XXV байналхалқии шарқшиносон В.С.Расторгуева бо маърузаи "Таҷрибаи таснифоти шеваҳои тоҷикӣ" баромад кард. В.С.Расторгуева[13] муваффақиятҳои шевашиносии тоҷикро ҷамъбаст намуда ба таснифоти шеваҳои тоҷик боз навигариҳо илова намуд. Ӯ ақидаеро ба миён гузошт, ки ба асоси тақсимоти шеваҳои тоҷикӣ бояд чӣ гуна аксьёбии садонокҳои таърихии қатори ақиб /у, ӯ, о̄/ қабул карда шавад. Аз рӯи ин садонокҳо минбаъд шеваҳои забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ не, балки ба чор гурӯҳ тақсим карда мешаванд: I. шимолӣ, 2. марказӣ, 3. ҷанубӣ, 4. ҷанубӣ-шарқӣ.

Дар асоси садонокҳои ақибзабонӣ тасниф намудани шеваҳои тоҷик бо чунин сабабҳо мувофиқ дониста шудааст:

1. Равиши асосии инкишофи вокализми тоҷикиро дар шеваҳо дуруст нишон медиҳад. 2. Миқдори бисьёри калима ва морфемаҳоро дар бар мегирад ва дар ҳангоми бо шевае бори аввал дучор шудан ин хусусият зуд ба назар менамоянд. 3. Ҷойҳои паҳнгардии



хусусиятҳои забони /изоглосса/-ро пурра таъин карда метавонад.

Инъикоси садонокҳо дар гурӯҳҳои калони шеваҳои тоҷик

I. <u>Гурӯҳи шимолӣ</u>. Дар шеваҳои шимолӣ ба ҷои садонокҳои ақибзабонии қадимаи у, ӯ, о̄ /форсии миёна ва классикӣ/ овозҳои у, /ӯ/, ӯ̊ ё ин ки у, ӯ̊ пайдо шудаанд. Чунончи, схемаи мувофиқати овозҳо ин хел мебошад:







Мисолҳо: сурх < форсии миёна - сурх; буз < классикӣ - буз; дуд < ф.миёна - дӯт; дур < ф.миёна - дӯр; хӯби /ё хуби/ < ф.миёна - хӯпӣх; хӯнин /ё хунин/ < ф.миёна - хӯнӣн; рӯ̊з < ф.миёна - ро̄ч; гӯ̊ш < ф.миёна - го̄ш.

Ҳудуди паҳншудаи ин гурӯҳ: Бухоро, Самарқанд, Конибодом, Исфара, Ашт, Чуст, Косонсой, Ӯротеппа, Шаҳристон, Панҷакент, Бойсун, Дарбанд, Қаратоғ, шеваҳои қишлоқҳои Зебон, Филмандар, Косатароши райони Панҷакент, яҳудиёни Самарқанд.

2. <u>Гурӯҳи марказӣ</u>. Дар шеваҳои марказӣ ба ҷои қадима у, ӯ, о̄ садонокҳои ӱ, ӯ пайдо шудаанд. Схемаи мувофиқати овозҳо:




Мисолҳо: сӱрх < форсии миёна - сурх; бӱз < классикӣ - буз; дӱд < ф.миёна - дӯт; дӱр < ф.миёна - дӯр; хӯби < ф.миёна - хӯпӣх; хӯнин < ф.миёна - хӯнӣн; рӯз < ф.миёна - ро̄ч; гӯш < ф.миёна - го̄ш.

Ҳудуди паҳншудаи ин гурӯҳ: Мастчоҳ, Фалғар, водии Фондарьё.

3. <u>Гурӯҳи ҷанубӣ</u>. Дар шеваҳои ҷанубӣ ба ҷои садонокҳои таърихии у, ӯ, о̄ овозҳои ъ, ӯ ба вуҷуд омадаанд. Схемаи мувофиқати овозҳо:




Мисолҳо: сърх < форсии миёна - сурх; бъз < классикӣ - буз; дӯд < ф.миёна - дӯт; дӯр < ф.миёна - дӯр; рӯз < ф.миёна - ро̄ч; гӯш < ф.миёна - го̄ш.

Худуди паҳнгардидаи ин гурӯҳ: шеваҳои бадахшонӣ /Ғорон Нут/, шимолии Кӯлоб /Ховалинг, Мӯминобод, Сарихосор, Шӯрообдарача, Балҷувон, Дарачӣ, Даштак, Даштиҷум/; ҷанубии Кӯлоб /Давлатобод, Тагноб, Кӯлоб, як қисми Даштиҷум/, шеваи Роғ, шеваҳои Қаротегин, Чилдара, Вахиёи Поён, Варзоб /шеваҳои кӯлобӣ ва қаротегиниаш/, Ҳисор /гурӯҳи шеваи ҳамворзаминаш/.

4. <u>Гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ</u>./дарвозӣ/. Дар шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ ба ивази садонокҳои таърихии у, ӯ, о̄ овозҳои ъ, ӯ̈, ӯ пайдо шудаанд. Схемаи мувофиқати овозҳо:




Мисолҳо: сърх < форсии миёна - сурх; бъз < классикӣ буз; дӯ̈д < ф.миёна - дӯт; зӯ̈/д/ < ф.миёна - зӯт; рӯз < ф.миёна - ро̄ч; гӯш < ф.миёна - го̄ш.

Худуди паҳншудаи ин гурӯҳ: қисми рости назди дарьёи Панҷи Дарвоз, яъне қишлоқҳои Жорф, Курговат, Пошхарв, Умарак, Пишихарв, Зинг, Дуробак, Паткинов, Ширговат, Ёгед, Шикев, Равнов ва дигарҳо.

В.С.Расторгуева[14] соли 1964 бо унвони "Таҷрибаи омӯзиши муқоисавии шеваҳои тоҷикӣ" китобе таълиф намуда он акидаи соли 1960-ум пешниҳод намудаи худро оид ба таснифоти шеваҳои тоҷикӣ аз нав асоснок кард. Дар ин тақсимот ҳам В.С. Расторгуева асосан ба аломатҳои фонетикӣ такья кардааст. Ӯ бо ин равия хусусиятҳои умумии гурӯҳҳои асоси /шимолӣ, марказӣ, ҷанубӣ, ҷанубӣ-шарқӣ/-ро дар системаи феъл, инчунин аз рӯи баъзе аломатҳои синтаксисӣ ва лексикӣ муайян намуда, фаркият ва аломатҳои хоси ҳар як шеваи дохили онҳоро ба тафсири зерин номбар мекунад.

Гурӯҳи шимолӣ дар дохили худ чунин шеваҳоро дорад:

I. Шеваҳои Бухорову Самарқанд. Аломатҳои асосии ин шеваҳо: I/ истеъмоли навъи шимолии садонокҳо, бо фарқ кардани ӣ аз и аз ҷиҳати устуворӣ ва ноустуворӣ, 2/ ҳамсадоҳояш аз 23 фонема иборат буда, овозҳои х̱ ва ع истеъмол намеёбанд, 3/ истеъмоли навъи шимолии системаи феъл /бо фарқи шаклу намуди самарқандӣ: мерафтуд, мерафтудас, мерафсодас, рафсодудас ва шаклу намуди асосии бухороӣ/, 4/ шакли замони гузаштаи нақлӣ дар шахси якуми танҳо: рафтем < рафтаам, дар шах-

си сеюми ҷамъ: рафтен < рафтаанд, 5/ пасоянд шуда омадани пешояндӣ ба, 6/ истеъмол наёфтани пасоянди -анда, 7/ мавҷуд будани таркиби "муаллим-а писараш" дар ифодаи соҳибият ва таъинот, 8/ серистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, 9/ серистеъмолии ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ ва бо хусусиятҳои худ фарқ кардани онҳо аз шеваҳои Фарғонаи ғарбӣ ва шарқӣ, 10/ истеъмоли ҳиссачаи -ми.

2. Шеваи яҳудиёни Самарқанд. Аз шеваҳои тоҷикони Самарқанду Бухоро бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад: 1/ мавҷуд будани x ва $\varepsilon$ , 2/ кор фармуда нашудани садоноки устувори й, 3/ мавҷуд будани шакли махсуси бандакҳои нақлӣ /дар шахси сеюми танҳо: рафте < рафтааст /ба ҷои рафтас дар Бухорову Самарқанд/, дар шахси якуми ҷамъ: рафтим < рафтаам, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтин < рафтаанд/, 4/ истеъмоли навъи ба худ хоси системаи феъл: мерафсоде < мерафта истодааст, мерафсодаге < мерафта истодагист, мерафсодаги < мерафта истодагӣ /навъи яҳудигӣ - самарқандии шакду намудҳои системаи шимолии феъл/, 5/ баъзе хусусиятҳои лексикӣ.

3. Шеваҳои Фарғонаи ғарбӣ /шеваҳои Ленинобод, Конибодом, Исфара/. Аломатҳои асосии ин шеваҳо: 1/ истеъмоли навъи шимолии садонокҳо бо фарқ кардани й ва и аз ҷиҳати устуворӣ ва ноустуворӣ, 2/ 23 фонемагии ҳамсадоҳо ва аз он ҷумла мавҷуд набудани x ва $\varepsilon$ , 3/ истеъмоли системаи шимолии феъл /бо фарқи шакду намуди ба худ хоси Ленинободу Конибодом: мерафтут, мерафтудас, рафсос//рафта хорафтас; Исфара: рафсосийам, рафсоси, рафсос/, 4/ шаклҳои нақлии феъл дар шахси якуми танҳо: рафтийам < рафтаам, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтийан < рафтаанд, 5/ пасоянд шудани пешояндӣ ба, 6/ мавҷуд будани пасоянди -анда, 7/ мавҷуд будани таркиби "муаллим-а писараш" дар алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда, 8/ серистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, 9/ серистеъмолии ибораҳои гуногуни сифати феълӣ ва масдарӣ, ки аз Самарқанду Бухоро фарқ мекунанд, 10/ истеъмоли ҳиссачаи -ми́, 11/ хусусиятҳои лексикӣ /биви́ - дар Исфара, бува́ - дар Ленинободу Конибодом, бехи - дар Ленинобод, Конибодом ва Исфара; реттинг ба маънои фиреб дар Конибодом.

4. Шеваҳои шарқии Фарғона /шеваҳои Ашт, Чуст, Косонсой/.

Аломатҳои асосии ин шеваҳо: I/ истеъмоли навъи шимолии садонокҳо бо фарқ кардани ӣ ва и аз ҷиҳати устуворӣ ва ноустуворӣ, 2/ 23 ё 22 фонемагии ҳамсадоҳо ва истеъмол наёфтани x в ع, 3/ истеъмоли навъи шимолии системаи феъл, бо шаклу намудҳои ҷудогонаи Ашт, Чуст, Косонсой /мерўт, рафтут//рафта бут//вут, рафтос//рафсос/, 4/ шаклҳои нақлии феъл дар шахси якуми танҳо: рафтакам, дар шахси сеюми танҳо: рафтас, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтакан; истеъмоли навъи махсуси замони ҳозираи муайян дар шеваҳои Чусту Ашт /рафсакам/ ва Косонсой /рафсекам - рафта истодаам/, 5/ пасоянд шудани пешоянди ба, 6/ мавҷуд будани пасоянди -анда, 7/ мавҷуд будани пасояндҳои аз забони ўзбекӣ иқтибос шуда /-дан, -гача, учун дар шеваи Чуст, -дак, кеин, кин ва ғайраҳо дар шеваҳои Чусту Косонсой/, 8/ мавҷуд будани сохти "муаллим-а писараш" дар ифодаи соҳибият, дар шеваҳои Чусту Косонсой инчунин аз муайяншаванда пеш омадани муайянкунандаи сифатӣ /кичкина бачаҳо ё ки баччкон, калон чойнак/, 9/ серистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, IO/ серистеъмолии навъҳои гуногуни ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ, II/ истеъмоли ҳиссачаҳои -о ва -ми, I2/ серистеъмолии калимаҳои ўзбекӣ, аз он ҷумла фаровонии онҳо дар шеваҳои Чуст ва Косонсой.

5. Шеваҳои Ўротеппа /Ўротеппа, Ғончӣ ва Шаҳристон/. Ин шеваҳо бо хусусиятҳои асосии худ ба шеваҳои Бухорову Самарқанд наздикӣ доранд. Чунончи: I/ навъи шимолии садонокҳо бо истеъмоли овозҳои ў ва ӣ, 2/ системаи ҳамсадоҳо аз 23 фонема иборат буда, овозҳои x ва ع истеъмол намеёбанд, 3/ навъи шимолии системаи феъл /шаклу намудаш асосан ба Бухоро монанд/, 4/ пасоянд шудани пешоянди ба, 5/ истеъмол наёфтани пасоянди -анда. Аз шеваҳои Бухорову Самарқанд бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунанд: I/ дар шаклҳои нақлӣ /дар шахси якуми танҳо: рафтийам ба ҷои рафтем-и Бухорову Самарқанд, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтийан ба ҷои рафтен-и Бухорову Самарқанд/, 2/ бо тарзи кўтоҳшавии феъли ёридиҳандаи истодан: рафтосийам, рафтостийам/ рафсодийам ба ҷои рафсодем//рафсем /< рафта истодаам/ дар Бухорову Самарқанд; рафтоса/ ё рафтоста / будам ба ҷои рафсодудам-и Самарқанд, рафсо/д/а будам /< рафта истода будам-и Бухоро, 3/ бо хусусиятҳои лексикӣ ва ғайраҳо.

6. Шеваи шаҳри Панҷакент. Бо хусусиятҳои асосии худ ба шеваҳои Бухорову Самарқанд ва Ӯротеппа наздикӣ мекунад. Аломатҳои асосии ин шева инҳоанд: 1/ навъи шимолии садонокҳо бо истеъмоли ӯ ва ӣ, 2/ навъи шимолии системаи феъл /шаклу намуди асосиаш монанди шеваҳои Бухоро, Ӯротеппа, Шаҳристон/, 3/ пасоянд шудани пешоянди ба, 4/ истеъмол наёфтани пасоянди -анда, ва ғайраҳо. Аз он ду шева бо чунин хусусиятҳои худ фарқ мекунад: 1/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои ҳ ва ع, 2/ баъзе хусусиятҳои луғавӣ. Шакли нақлиаш ҳам монанди шеваҳои Самарқанду Бухорост: дар шахси сеюми танҳо: рафтас, дар шахси якуми танҳо: рафтем, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтен. Тарзи кӯтоҳшавии таркибҳо бо феъли истодан ба шеваи Ӯротеппа наздик аст: рафтосем//рафсодем < рафта истодаам /дар Ӯротеппа рафтосийам //рафтостийам/, рафтоса//рафсода будам < рафта истода будам.

7. Шеваи қишлоқии Панҷакент /қишлоқҳои Зебон, Филмандар, Косатарош/. Хусусиятҳои асосии ин шева: 1/ Системаи садонокҳо ва ҳамсадоҳояш монанди шеваи шаҳри Панҷакент аст. 2/ Системаи феълаш навъи шимолӣ буда, вале баъзе хусусиятҳои ҷудогона низ дорад, ки онҳо монанди системаи феъли шеваҳои марказӣ мебошанд /аз ҷумла, мавҷуд будани сифати феълии архаистии замони гузашта, ки ба асоси замони гузашта баробар буда, дар ифодаи замони оянда истеъмол меёбад: меравам дӯхт/. 3/ Дар ин шева ибораҳои феълиҳолӣ, сифати феълӣ ва масдарӣ низ монанди шеваҳои Самарқанду Бухоро фаровон истеъмол меёбанд. Хусусияти хоси аз дигар шеваҳо фарққунандааш - тасрифи шаклҳои нақлӣ бо илова шудани ҳамсадои г мебошад: рафтагам//рафтем ба ҷои рафтем < рафтаам, рафтаган//рафтен ба ҷои рафтени Панҷакент ва ғайраҳо. Дар замони муайяни ҳозира: рафсагам //рафсодем, рафсаги//рафсоди, рафсаган//рафсоден ва ғайраҳо.

8. Шеваҳои Варзобу Ҳисор. Ба ин шеваҳо шеваи варзобӣ, шеваи кӯҳии Ҳисор ва шеваи Қаратоғ дохил мешавад. Хусусиятҳои асосии ин шеваҳо: 1/ навъи шимолии садонокҳо /бе фарқи ӣ аз и/, 2/ 25 фонемагии ҳамсадоҳо /бо истеъмоли ҳ ва ع /, 3/ системаи навъи шимолии феъл /бо шаклу намуди қаратоғӣ-ҳисорӣ ва варзобӣ/, 4/ дар шеваи варзобӣ ва кӯҳии Ҳисор истеъмол ёфтани пасоянди -ра//-а, 5/ истеъмоли пешоянди ба, 6/ серистеъмолии пешоянди да/р/ ба ҷои пасоянди -анда-и Фарғона

/Дар шеваи варзобӣ ва кӯҳии Ҳисор да/р/ пасоянд шуда ҳам меоянд/, 7/ камистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, 8/ баъзе хусусиятҳои луғавӣ.

9. Шеваи Бойсун /қишлоқҳои Пассурхӣ, Кӯчкак, Сарикосиё, Авлод ва худи маркази Бойсун/. Аломатҳои асосии ин шева: 1/ навъи шимолии садонокҳо /фарқ накардани ӯ аз у ва й аз и/, 2/ истеъмол наёфтани ҳамсадоҳои ҳ ва ع , 3/ навъи шимолии системаи феъл, 4/ шаклҳои нақлиаш дар шахси сеюми танҳо: рафтай, дар шахси якуми танҳо: рафтем < рафтаам, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтен < рафтаанд, 5/ навъи махсуси кӯтоҳшавии феъл: замони гузаштаи дур /рафтоудам < рафта будам/, замони муайяни гузашта /рафсоудам < рафта истода будам/, замони ҳозира-гузаштаи нақлӣ /рафсоудем < рафта истода будаам/, 6/ пасоянд шудани пешоянди ба, 7/ мавҷуд будани баъзе пасояндҳои иқтибосии забони ӯзбекӣ /-дан, -дак, -дай, учун, -ча/, 8/ серистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, сифати феълӣ ва масдарӣ, 9/ истеъмоли таркиби навъи "муаллим-а китобаш", 10/ хусусиятҳои луғавӣ. Ин шева бо бисьёр хусусиятҳо ба шеваи Бухоро наздик мебошад, аз тарафи дигар аз он бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад: 1/ бо тарзи кӯтоҳшавии шакли замони гузаштаи дур /рафтоут/, 2/ шаклҳои сиғаи эҳтимолӣ /рафтагистам//рафтагем/, 3/ шахси сеюми танҳои шакли нақлӣ бандаки -ай қабул мекунад: рафтай < рафтааст.

10. Шеваи Дарбанд /қишлоқҳои Дарбанд, Сайроб, Панҷоб/ бо бисьёр хусусиятҳои худ ба шеваи Бойсун монанд аст: 1/ навъи шимолии садонокҳо /6 фонемагӣ/, 2/ навъи шимолии системаи феъл, 3/ пасоянд шудани пешоянди ба, 4/ серистеъмолии ибораҳои сифати феълӣ, феълиҳолӣ, масдарӣ ва сохти "муаллим-а китобаш" дар алоқаи муайянкунанда ва муайяншаванда.

Аз шеваи Бойсун бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад: 1/ мавҷудияти ҳамсадоҳои ҳ ва ع , 2/ нисбатан камтар кӯтоҳ шудани феълҳои таркибӣ /рафта будам, рафсода будам/, 3/ мавҷуд будани пасоянди -ра//-а, 4/ истеъмол наёфтани пасояндҳои ӯзбекии /-дан, учун, -дак, -дай, -ча/, 5/ истеъмоли бандакҷонишинҳо дар феъл барои ифодаи пуркунандаи бевосита ва бавосита, 6/ истеъмоли шакли пурраи сиғаи эҳтимолӣ /рафтагистам, рафтагисти/.

Гурӯҳи марказӣ /саргаҳи Зарафшон/ чунин шеваҳоро дар бар мегирад:

I. Шеваҳои Мастчоҳ /Мастчоҳи Боло, Мастчоҳи Поён/. Хусусиятҳои фарққунандааш: 1/ истеъмоли навъи марказии садонокҳо /ӯ, ӯ, е, а, о, и, й/, 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои ҳ ва ҫ, 3/ истеъмоли навъи марказии системаи феъл, 4/ камистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, 5/ камистеъмолии таркибҳои сифати феълӣ ва масдарӣ, 6/ истеъмоли шакли архаистии сифати феълӣ, ки ба асоси замони гузашта баробар буда, ба замони оянда ишорат мекунад /ин-а одам мековад-ӯ йофт/, 7/ мавҷудияти пасоянди -ра / //-а/, 8/ истеъмоли пешоянди ба, 9/ мавҷуд будани пасоянди -анда, 10/ хусусияти луғавӣ.

2. Шеваи Фалғар /Урметан, Дардар, Рарз ва Ғайра/.

В.С.Расторгуева он вақт қайд карда буд, ки хусусиятҳои ин шева ҳоло пурра баркарор нагардидаанд. Вале як қатор хусусиятҳои он ба шеваҳои Мастчоҳ наздикӣ доранд: 1/ навъи марказии садонокҳо, 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои ҳ ва ҫ, 3/ истеъмоли пешоянди ба, 4/ истеъмоли шакли архаистии сифати феълӣ /меравам-у дӯхт/. Аз шеваҳои Мастчоҳ бо истеъмоли навъи шимолии системаи феъл фарқ мекунад /дар ин шева шакли эҳтимолии феъл вуҷуд дорад/. Ғайр аз ин боз бо дигар аломатҳои морфологию луғавии худ аз шеваҳои Мастчоҳ фарқ мекунад.

Гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ ба чунин шеваҳо ҷудо мешавад:

1. Шеваҳои Қаротегин. Шеваи хоси қаротегинӣ /соҳили рост/ ва шеваи қаротегинии соҳили чап ё вахиёй-қаротегиниро дар бар мегирад. Аломатҳои асосии ин шеваҳо инҳоанд: 1/ истеъмоли навъи ҷанубии садонокҳо /бо истеъмоли садонокҳои қатори ақибии ъ, ӯ/, 2/ мавҷудияти ҳамсадоҳои ҳ ва ҫ, 3/ пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ҳамеша ба ӯ гузаштани о /нӯн < нон/, 4/ дар байн ва охири калима ба в ё w гузаштани б /хоw//хов < хоб, хавар < хабар/, 5/ истеъмоли навъи ҷанубии системаи феъл /бо шаклу намуди кӯлобӣ ва қаротегинӣ/, 6/ шакли -е/д/ доштани бандаки шахси дуюми ҷамъ дар сиғаи амр, 7/ истеъмол наёфтани таркибҳои феълиҳолӣ, 8/ мавҷуд будани пасоянди -анда, 9/ истеъмоли пешоянди ба//бай /дар шеваи вахиёй-қаротегинӣ бей// бе/, 10/ хусусиятҳои луғавӣ.

2. Шеваҳои шимолии Кӯлоб чунин гурӯҳ ва шеваҳоро дар бар мегиранд:1/ гурӯҳи шарқӣ /қисми шимолӣ ва марказии даштиҷум/, 2/ гурӯҳи марказӣ /шеваҳои Мӯминобод, Ховалинг, Сариҳо-

сор, Шуробдарачӣ/, 3/ гурӯҳи ғарбӣ /шеваҳои Балҷувон, Дарачӣ, Даштакӣ/. Шеваҳои шимолии Кӯлоб чунин хусусиятҳои фарқкунанда доранд: 1/ навъи ҷанубии системаи садонокҳо / бо истеъмоли садонокҳои қатори ақиби ъ, ӯ/, 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои х̱ ва ع , 3/ пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ба ӯ гузаштани о /дараҷаи паҳн гардидани ин ҳодиса дар ҳамаи шеваҳо як хел нест/, 4/ ба в ё w гузаштани ҳамсадои б дар байн ва охири калима, 5/ навъ ҷанубии системаи феъл /бо истеъмоли шаклу намуди кӯлобӣ-қаротегинӣ/. Хусусиятҳои номбаршуда бо шеваҳои қаротегинӣ умумӣ мебошанд. Аммо аз шеваҳои қаротегинӣ ин шеваҳо бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунанд: I/ истеъмоли бандаки -ен дар шахси дуюми ҷамъи сиғаи амр /дар Кӯлоб - бъравен, дар Қаротегин - бъраве/д/; 2/ ба ҷои ҷонишинҳои вай, ҳавай, вайо, ҳавайо-и қаротегинӣ дар Кӯлоб ӯ, уҳо, уво истеъмол меёбанд; 3/ истеъмол наёфтани пасоянди -анда.

3. Шеваи Роғ /самти ҷанубӣ-шарқии Шӯробод, яъне совети қишлоқи Хоҷағалтон, қишлоқҳои Навобод, Девдор, Кодара/. Ин шева бо як қатор хусусиятҳои худ ба шеваҳои шимолии Кӯлоб наздикӣ дорад: I/ истеъмоли навъи ҷанубии садонокҳо, 2/ пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ба ӯ гузаштани о, 3/ дар байн ва охири калима ба в ва ё бештар ба w гузаштани б /хоw//хов < хоб, хаwар < хабар/, 4/ истеъмоли бандаки шахси дуюми ҷамъ дар шакли -ен. Бо чунин аломатҳо аз шеваҳои шимолии Кӯлоб фарқ мекунад: I/ вуҷуд надоштани ҳамсадоҳои ҳалқии х̱ ва ع , 2/ пеш аз садонокҳо аз аввали калима афтидани й /анга < йанга, ак < йак, асли < йасли/, 3/ серистеъмолии ҳамсадои w , 4/ мавҷуд будани пасоянди -на /калхоз-на рафтъм/, 5/ истеъмоли шаклу намуди навъи роғии системаи феъли ҷанубӣ /дар шеваҳои шимолии Кӯлоб шаклу намуди кӯлобӣ-қаротегинӣ истеъмол меёбад/, 6/ баъзе хусусиятҳои луғавӣ.

4. Шеваҳои ҷанубии Кӯлоб шеваҳои Давлатобод, Тагноб, Кӯлоб, Даштиҷумро дар бар мегиранд. Ин шеваҳо бо хусусиятҳои асосии худ дар байни шеваҳои шимолии Кӯлоб ва Роғ гурӯҳи мобайнӣ ба шумор мераванд.

5. Шеваҳои бадахшонӣ[1]. Ин шеваҳо қишлоқҳои Ғорон, Нут ва Ринро дар бар мегиранд. Аломатҳои асосии ин шеваҳо инҳоянд: I/ навъи ҷанубии садонокҳо, 2/ пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ба ӯ гу-

заштани о, 3/ истеъмол наёфтани ҳамсадоҳои ҳалқии ҳ, х, ع , 4/ дар байни калима ба в гузаштани б, 5/ навъи ҷанубӣ дар системаи феъл /истеъмоли шаклу намуди ғоронӣ бо истеъмол наёфтани шаклҳои феълӣ бо феъли ёридиҳандаи истодан ва шакли нақлии П/, 6/ камистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, 7/ хусусиятҳои луғавӣ.

Гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ. Тақсимоти дохилии гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ ҳоло пурра муқаррар нагардидааст. Р.Л.Неменова чунин гурӯҳҳои он шеваҳоро тавсия мекунад: а/ шеваи қишлоқи Жорф, б/ шеваи қишлоқҳои Курговат, Пошхарв, в/ шеваи қишлоқҳои Умарак, Зинг, г/ шеваи Сед /қишлоқҳои Сангеви Дароз, Дуробак, Паткинов/, д/ шеваи шекай /қишлоқҳои Шурговат, Ёгед, Шикев, Равнов/. Аммо ӯ аломатҳои ҷудогонаи ҳар яке аз онҳоро номбар намекунад. В.С.Расторгуева бошад, соли 1960 чунин хусусиятҳои умумии ин шеваҳоро номбар кардааст: 1/ навъи махсуси садонокҳои қатори ақиб /ъ, ӳ, ӯ/, 2/ ҳамсадои ع ба овозҳои ҳ ва ё х иваз мешавад: соҳат < соат, ҳилм < илм/, 3/ префикси феълии ме- ба охир ва ё аввали шакли замони ҳозира-оянда меояд: гардаме//мегарда.

В.С.Расторгуева шеваҳои зеринро ҳамчун гурӯҳи шеваҳои гузаранда /переходная группа/ номбар мекунад: а/ шеваҳои Чирчиқи Боло /Биричмулло.Нанай, Узун, Пскем, Бӯстон/, б/ шеваҳои шимолии Фарғона /Понғоз, Хиштхона, Бобои Дархон,Шайдон/, в/ шеваҳои ҷанубии Фарғона /Риштон, Сӯх/. Ин се гурӯҳи шеваҳо дар байни гурӯҳи марказӣ ва гурӯҳи шимолӣ се навъи шеваҳои гузарандаро ташкил медиҳанд. Чунончи аз рӯи системаи фонетикӣ, аз он ҷумла аз рӯи садонокҳо ба гурӯҳи марказӣ монанд бошанд, аз рӯи системаи феъл ва синтаксис ба гурӯҳи шимолӣ монанданд.

Шеваҳои Чирчиқи Боло бо чунин хусусиятҳои худ аз дигар шеваҳои тоҷик фарқ мекунанд: 1/ Системаи садонокҳояш монанди шеваҳои Мастчоҳу Фалғар мебошад, 2/ Шакли нақлиаш монанди шеваҳои Ленинободу Конибодом аст. 3/ Ҳамсадоҳои х ва ع вуҷуд надоранд. 4/ Пасоянди -анда истеъмол меёбад. 5/ Хусусияти махсуси ин шеваҳо дар он аст, ки дар асоси баъзе феълҳо, ба мисоли рехтан, фурӯхтан ва ғайраҳо бадалшавии х-з, х-с, х-ш дида намешавад. Чунончи: мерехам < мерезам, муфурухат

мефурўшад, мишинохам ∠ мешиносам. 6/ Хусусияти луғавӣ.

Шевахои Вахиёи Боло ё вахиёй-дарвозӣ бошанд, дар байни шевахои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ гурўхи гузаранда ба шумор мераванд. Системаи садонокхои ин шевахо ҷанубӣ буда, системаи феъли онхо ҷанубӣ-шарқӣ мебошад.

Маълум аст, ки ҷой ва мавқеи пахншавии ходисахои ҷудогонаи шевагӣ берун аз худуди Иттифоқи Советӣ низ мебароянд ва хатто то ба Афғонистон ва самти шимолии Эрон /ба Хуросон/ мерасад. Масалан, ходисаи ба шевахои Кўлобу Роғ хоси бандаки шахси дуюми ҷамъ -ен хамчунин дар як қатор шевахои тоҷикони Афғонистон, аз он ҷумла дар гуфтугўи кобулӣ вуҷуд дорад. Ё ин ки баръакс, ҷонишини шахси сеюми ҷамъ и-о, йо ∠ онхо, ки дар он ҷо кор фармуда мешавад, ба шевахои Дарвози мо хам хос мебошад. Аз ин рў, худи В.С.Расторгуева низ ишора карда буд, ки "ин таснифоти шевахои тоҷик характери пешгўй ва пешакӣ дорад. Пас аз пурра гирд оварда шудани материалхои шевагӣ ба ғай бешубха сарехихои маълум даровардa хохад шуд"[16].

Бояд қайд кард, ки пас аз китоби ҷамъбастии В.С.Расторгуева /Опыт сравнительного изучения таджикских говоров/, ки соли 1964-ум чоп шуда буд, хеле вақт гузашт ва дар ин муддат бисьёр шевахои омўхтанашудаи махалхои тоҷикнишин тадқиқ карда шуда, ҷой ва мавқеи онхо дар байни шевахои тоҷикӣ муайян карда шуданд.

Азбаски хар ду таснифоти охирини шевахои тоҷик ба қалами В.С.Расторгуева мансуб мебошад[17], дар як қатор корхои тадқиқотии тадқиқотчиён дар ин бобат ду равия мушохида карда мешавад: як гурўх, аз он ҷумла, А.З.Розенфельд, Р.Л.Неменова, Л.В. Успенская, О.Ҷалолов равияи аввала, яъне таснифоти пештара /соли 1952/-ро дастгирӣ мекунанд ва гурўхи дигар /худи В.С. Расторгуева ва шогирдони ў/ ба равияи баъдина, яъне ба таснифоти охирин /соли 1960/ такья мекунанд.

А.З.Розенфельд дар натиҷаи тадқиқи системаи феъли шевахои Қаротегин, Дарвоз, Ванҷ, Вахиё, Бадахшони Советӣ ва муқоисаи он бо шевахои Кўлобу Роғ таснифоти пештараро маъкул мешуморад. Ў шевахои Дарвозу Ванҷро, ки В.С.Расторгуева ба гурўхи алохида ҷудо карда буд, ҷоиз намедонад: "... мо мегўяд вай, дар қатори шевахои ҷанубӣ-шарқӣ / ин ҷо шевахои ҷанубии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст/ якҷоя дида баромадани

шевахои Дарвозу Ванчро мувофиқ ва қонунӣ мешуморем"[18]. Ҳамин тариқ, ба ҳайати шевахои "ҷанубӣ-шарқӣ" /мувофиқи истилохи пештара/ шевахои зеринро дохил мекунад:

I. Шевахои Қаротегинӣ /бо шевахои асосии дохилиаш, яъне шеваи соҳили рости дарьёи Сурхоб, шеваи соҳили чапи дарьёи Сурхоб ва шеваи Вахиёи Поён, яъне қисми поёноби дарьёи Хингоб/.

2. Шевахои кӯлобӣ /бо шевахои дохилии худ, яъне шевахои шимолии Кӯлоб ва шевахои ҷанубии Кӯлоб/.

3. Шевахои дарвозӣ /бо шевахои дохилиаш: шевахои дарвозӣ-вахиёӣ /Вахиёи Боло/, шеваи Ёгед ва Қалъаи Хум/.

4. Шевахои ванҷӣ /бо шевахои дохилиаш: шевахои Ванҷи-Поён, вахиёӣ-ванҷӣ /шевахои Ванҷи Миёна/ ва Ванҷи Боло/.

5. Шевахои бадахшонӣ /бо шевахои дохилии худ: шеваи Ғорон, шеваи тоҷикӣ-мунҷонӣ, тоҷикӣ-ишкошимӣ, тоҷикӣ-вахонӣ, шеваи Роғ, шеваи бадахшонӣ /дар Бадахшони Афғонистон/ ва шеваи Мадаглашт /дар Читрали Покистон/.

А.З.Розенфельд равияи пешинаи онд ба таснифоти шевахои тоҷик бударо дар кори ҷамъбастии дигари худ – "Шевахои бадахшонии забони тоҷикӣ", ки соли I97I аз чоп баромад, боз ҳам қувват медиҳад. Вай мегӯяд: "мо ҳамон таснифоти кӯҳнаро тарафдорӣ мекунем, ки аз рӯи вай ҳамаи шевахои тоҷик ба се гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: ҷанубӣ-шарқӣ, шимолӣ-ғарбӣ ва марказӣ ё омехта. Мувофиқи он тақсимоти анъанавӣ шевахои дарвозӣ-ванҷӣ қисми таркибии гурӯҳи ҷанубӣ-шарқӣ мебошанд"[19].

Шевахои бадахшонӣ. Шевахои бадахшонӣ аз рӯи тақсимоти А.З.Розенфельд ба чор шеваи алоҳида ҷудо мешаванд: шеваи тоҷикӣ-мунҷонӣ /водии Шоҳдара/, шеваи Ғорон, шеваи тоҷикӣ-ишкошимӣ /Ишкошим/ ва тоҷикӣ-вахонӣ /Вахон/[20]. Хусусиятхои асосии ин шеваҳо: I/ навъи ҷанубии садонокҳо; 2/ хусусияти фонемагӣ надоштани ҳамсадоҳои х, ҳ, ع /ануз, исоб, сбт/; 3/ бадалшавии ҳамсадои ع ба х /қалха, лахд/; 4/ дар як қатор калимаҳо ба ҳам ивазшавии ҳамсадои к ва қ /бокле//боқле/; инчунин г ва ғ /къынгола//къынғола/; 5/ истеъмоли пасоянди -на; 6/ ба вуҷуд омадани флексия дар бандаки шахси III танҳо /мерад, мегад/; 7/ истеъмоли шаклхои гуногуни фонетикии бандаки шахси сеюми танҳо дар шаклхои аст, -аста, -иста, -ист, -ет, -астаст, -истаст, ҳастаст; 8/ серистеъмолии шакли нақлии II /одамҳо гурехтастан,

бачҷо шудастан/; 9/ истеъмоли шаклҳои сифати феълии замони гузашта ва ҳозира дар аввали феълҳои таркибй-номй /навишта кардан, пурсон кардан/; 10/ истеъмоли зарфҳои хоси бадахшонй /усат – он вақт, торъкон – дар торикй/; 11/ истеъмоли ҳиссачаҳои саволии -о, -йо; 12/ серистеъмолии суффикси -ак ва намудҳои зерини фонетикии он: -ик, -ек, -ук, -ък ва суффикси -ок, инчунин суффикси номии -й//-ги /мътаки – санг, момоги, ҳамсойаги/; 13/ хусусияти хоси лексикй /машкад – модагов, ширм – саргини асп, пъчахч – лубиё, боқило/.

Соли 1971 Р.Саидов дар мавзӯи "Шеваҳои Вахиёи Боло" дар Душанбе диссертацияи номзадй ҳимоя намуд[21]. Ӯ дар ин кори худ шеваҳои Вахиёи Болоро ба ду гурӯҳ чудо мекунад: 1/ шеваи Шехо, 2/ шеваи Сангвор. Хусусиятҳои умумй ва фарқкунандаи ин шеваҳо аз инҳо иборатанд: 1/ дар шеваи Шехо мавчуд будани 8 фонемаи садонок /ӱ, ӯ, у, ъ, и, е, о, а/ ва дар шеваи Сангвор 7 фонема /овози ӱ нест/; 2/ истеъмол наёфтани ҳамсадои х дар шеваи Шехо; 3/ серистеъмолии суффикси чамъбандии навъи -ун, -ън дар ҳар ду шева; 4/ кор фармуда шудани баъзе суффиксҳои хоси калимасоз /-гъни, -гне: бу-гъни – бӯйнок, хориш-гне – хордор;-чък: сарчък – санги оҳансов/; 5/ дар шакли фонетикии -му, -ту, -шу истеъмол ёфтани шакли чамъи бандакчонишинҳо дар шеваи Сангвор; 6/ шакли фонетикии ба худ хос гирифтани чонишинҳои ишоратй дар ҳангоми пайваст шудани бандакчонишинҳо /им < инам, ит < инат, иш < инаш, ум < онаш, ут < онат, уш < онаш/; 7/ серистеъмолии префикси феълии ме- пас аз асоси феълй дар замони ҳозира-оянда дар шеваи Шехо /раваме – меравад/; 8/ серистеъмолии префикси шаклсози бъ < би- дар ҳар ду шева; 9/ мавчуд будани суффикси шаклсози феълии -ак дар шакли замони гузашта /гъфтак – гуфт, бъсрундак – партофт/; 10/ истеъмоли бандаки шахси сеюми танҳо дар шаклҳои -ай ва ас < аст дар шаклҳои нақлй; 11/ дар шаклҳои фонетикии бай//бе//ва истеъмол ёфтани пешоянди ба; 12/ истеъмоли пайвандаки шеваги да /шъмо бъгеш да вой калуш-а хаwар нъна – шумо бигӯед, ки амаки калониашро хабар кунад/; 13/ ба таври -е талаффуз ёфтани изофат /марде мемън-а бийо бъге/; 14/ баъзе хусусиятҳои лексикй /шълпийан – ғалтидан, хъвъқийан//чъқийан, ваштийан//дам шийан, фъламб – нарм ва ғайраҳо/.

Бо ин хусусиятҳои худ шеваҳои Вахиёи Боло ба гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ дохил мешаванд.

Шеваҳои назди Панҷи Дарвоз. Соли 1972 М.Маҳадов як гурӯҳ шеваҳои Дарвозро бо номи "Шеваҳои назди Панҷи Дарвоз" тадқиқ намуда, диссертация ҳимоя кард[22]. Диссертация аз муқаддима ва қисматҳои фонетика, морфология, маълумоти мухтасар дар бораи синтаксис, хулоса, иловаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Муҳаққиқ лафзи мардуми маҳалҳои соҳили рости дарёи Панҷро аз ҷиҳати забонӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунад: 1/ шеваҳое, ки дорои 8 фонемаи садонок /и, е, а, о, у, ӯ, ӱ, ъ/; 2/ шеваҳое, ки дорои 6 фонемаи садонок /и, е, а, о, ӯ, ъ/ мебошанд. Диссертацияи М.Маҳадов фақат шеваҳои гурӯҳи якумро дар бар мегирад. Ба ин гурӯҳ шеваҳои қишлоқҳои аз Пошхарв то Жорф /аз шарқ ба ғарб/ ва аз қишлоқи Зинг то Зиғар /ба сӯи ғарб/ дохил мешаванд.

Хусусиятҳои фарққунандаи ин шеваҳо аз шеваҳои Кӯлоб инҳоянд: 1/ истеъмоли фонемаҳои ӱ, ӯ; 2/ камистеъмолии фонемаҳои у, ӯ ; 3/ серистеъмолии фонемаи ж; 4/ истеъмоли суффикси ҷамъбандии -уи, 5/ мавҷудияти баъзе суффиксҳои хоси калимасоз /-уник, -иног/; 6/ истеъмоли бандакҷонишини шахси III ҷамъ дар шакли -шън /дар Курговат/; 7/ истеъмоли ҷонишини саволии чоӣ; 8/ истеъмоли ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ дар шаклҳои хъди, хеш; 9/ истеъмоли баъзе зарфҳои хоси шевагӣ /ғал, иза, ко, йоwа, йанда/; 10/ истеъмоли ҳиссачаи ақибчаспаки феълии -ме//ма < ҳаме; 11/ истеъмоли префикси бъ- дар шаклҳои замони ҳозира-оянда, замони гузашта, замони гузаштаи дур ва шакли нақлии дур.

Тадқиқотчӣ қайд мекунад, ки шеваҳои Мастчоҳ аз шеваҳои Дарвоз бо мавҷудияти чунин шаклҳои феълӣ фарқ мекунанд: а/замони гузаштаи муайян /гирифсодэ бӯд/, б/ аористи замони давомдор /мегирифта бошад/, в/ замони ҳозира-ояндаи сифати феълӣ бо суффикси -гӣ /мегирифтагӣ/, г/ сифати феълии замони оянда /мегирифтанӣ/, д/ сиғаи шартӣ.

Дар шеваҳои Дарвоз бошад, чунин шаклҳои феълӣ истеъмол меёбанд: шакли аорист бо префикси бъ-, замони ҳозира-оянда бо префикси бъ-, замони ҳозира-оянда бо ҳиссачаи феълии охирчаспаки -ме//ма /къname//-ма/, замони гузаштаи содда бо префикси бъ-, замони гузаштаи дур бо префикси бъ- /бъкара би/, замони

гузаштаи дури нақлӣ /бъкара бийаст/, сиғаи амрӣ бо префикси бъ- /бъкън/, замониояндаи сифати феълӣ бо пасоянди -ънда /равънда/.

Системаи феъли шеваҳои Дарвоз аз шеваҳои Кӯлоб дар чунин бобатҳо фарқ мекунад: а/ дар шеваҳои Дарвоз чунин шаклҳои феълӣ истеъмол намеёбанд: I/ замони гузаштаи дури муайян /карда истода бъд/, 2/ шакли нақлии II /кардастай/, 3/ аористи давомдор /мекарда бошад/, 4/ сифати феълии замони ҳозира-оянда /мерафтаги/, 5/ сиғаи шартӣ; б/ Дар шеваҳои Дарвоз шаклҳои зерин истеъмол меёбанд: 1/ замони ҳозира-оянда бо ҳиссачаи охирчаспаки -ме//-ма /кънаме//ма/, 2/ замони гузаштаи содда бо префикси бъ-/бъкар/д/, 3/ замони гузаштаи дур бо префикси бъ- / бъкара би /, 4/ замони гузаштаи дури нақлӣ бо префикси бъ- / бъкара бийаст//байаст/.

Бо ин ҳама хусусиятҳои худ шеваҳои назди Панҷи Дарвоз гурӯҳи алоҳидаи шеваҳои ҷанубӣ-шарқиро ташкил медиҳанд.

6. Шеваҳои Евон. Шеваҳои Евон шеваҳои Мирзоӣ, Калфи Савват ва Евонро дар бар мегиранд. Ин шеваҳо чунин хусусиятҳо доранд: 1/ навъи ҷанубии садонокҳои қатори ақиб /у,ӯ,ъ/; 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои x̲ ва ǯ /дар шеваи Евон ноустуворанд/. 3/ пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ба у ва ё ъ гузаштани о ва а дар шахси якуми танҳои шаклҳои феълӣ ва бандакҷонишинҳо /рафтӯм, мекъндӯм, хъм//хъдъм/ ва баъзе калимаҳо /дъмот<домод, нън//нӯн/; 4/ ба в ва ё w гузаштани ҳамсадои б дар байн ва охири калимаҳо /ливос//лиwос, хуw,чув//чуw/, инчунин истеъмоли мутавозии онҳо дар аввали баъзе калимаҳо /вехи//бехи, векор //бекор/; 5/ навъи ҷанубии системаи феъл /бо намуди кӯлобӣ/: а/ истеъмоли бандаки -ен дар шахси дуюми ҷамъи шаклҳои феълӣ /бъхурен, бихонен; бърафтен//бирафтен - бирафтаед/; б/ истеъмоли шаклҳои -ай//-ак//-ас дар шахси сеюми танҳои шакли нақлии феъл /гирифтай//гирифтак//гирифтас/; 6/ ихтисори ба худ хоси фелҳои кардан, шудан, истодан дар мавқеъҳои муайян: ка//кад<кард, ше//шаве//шен<шавед, к^и сода//кесода бъдӯм<карда истода будам; 7/ истеъмоли пешоянди дар ҳамчун пешоянд ва пасоянд: да//-да; 8/ истеъмоли ҷонишини шахси якуми танҳо дар шаклҳои фонетикии ма//мӯ, мӯн//мин; 9/ хусусияти луғавӣ /фӯрноқ - бинипучак, ҳеҷа - лона, калот - камари пасти теғадор/.

Шеваҳои тоҷикони Евон ба гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ дохил мешаванд.

Шеваи тоҷикони Шаҳртуз. Шеваи Шаҳртуз бо чунин хусусиятҳои худ аз шеваҳои дигари тоҷик фарқ мекунад: 1/ истеъмоли феъли ёридиҳандаи доштан дар шакли замони муайяни феъл /рафтан дорин//рафтан доритон/; 2/ ба вуҷуд омадани ҳамсадои й дар охири шахси дуюми феъл ва дар байни баъзе бандакҳои феълӣ /рафтий/; 3/ бадалшавии баъзе овозҳо дар асоси баъзе феълҳо /дин<бин, бер<биёр, омарт<омад/; 4/ба б мувофиқат кардани в пас аз овозҳои сонанти й, р, л /ҳайбон< ҳайвон, ҳалбо<ҳалво, дарбоза<дарвоза/, 5/ талаффузи духелаи овозҳои ф//п /фонус//понус, қаламфур//қалампур/, 6/ истеъмоли шакли ун /<он/ дар шахси сеюми ҷонишинҳо; 7/ мавҷуд будани бандаки шахси сеюми ҷамъи шакли нақлӣ дар намуди фонетикии -ин /рафтин/; 8/истеъмоли бандаки хабарии -ай дар сиғаи эҳтимолӣ /рафтагай, мерафтагай/; 9/ серистеъмолии зарфҳои навъи шипилла, нинчоқ ;10/ истеъмоли пешоянди да/р/ ва пасоянди -ба дар як вазифа /да киссем-ба/; 11/ истеъмоли калимаи хотир ба вазифаи пешоянд /орд хотир - барои орд/, 12/ серистеъмолии калимаҳои тақлидии овозии навъи таппиллата ва ғайра; 13/ баъзе хусусиятҳои лексикӣ /манҷа - кровать, дӯлки//дафаг - даф,доира; шулғидан - лағидан/.

Тадқиқотчӣ - Қ.Саидова аз рӯи аломатҳои зерин ин шеваро ба гурӯҳи шеваҳои шимолии тоҷик дохил намудааст: 1/ ҳашт фонемагии садонокҳо /и,ӣ,е,а,у,ӯ,ӯ̊,о/; 2/нисбатан устувории фонемаи а; 3/ серистеъмолии ӯ̊; 4/ истеъмол наёфтани ҳамсадоҳои х ва ҳ; 5/ мавҷуд будани бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ дар шакли - итон; 6/ истеъмол наёфтани префикси феълии би- ва пасоянди - ра//-ро; 7/ серистеъмолии феълҳои таркибӣ бо феълҳои ёридиҳандаи хорафтан, шиштан, гаштан, гирифтан,истодан; 8/ серистеъмолии калимаҳои ӯзбекӣ.

Шеваи Ғиждувон. Шеваи Ғиждувон монанди забони адабӣ 6 фонемаи садонок дорад /и,е,а,у,ӯ,о/. Дар ин шева ӣ-и дарози таърихӣ фақат дар баъзе калимаҳо /сӣна, хӣра, шӣша, пӣрӣ, кӣна, дӣдан/ талаффуз меёбад. Фонемаи ӯ истеъмол намеёбад. Шеваи Ғиждувон чунин хусусиятҳо дорад: 1/ ду хел талаффуз ёфтани садоноки е дар баъзе мавридҳо /баччеш//баччиш, хешова//хе-

шова, рафтем//рафтим < рафтаам; рафсодем//рафсодин < рафта истодаанд/; 2/ ба в бадал шудани б дар байни калима/тавар -табар, баровар- баробар/; 3/пасоянд шуда омадани пешояндҳои барои, ба /йобон-ба меруи ягона каран баройи/; 4/ истеъмоли системаи шимолии шаклҳои феълӣ бо намуди бухороӣ/; 5/ истеъмоли шакли дии / аз феъли дидан/ дар шакли аорист ва замони ҳозира-оянда /динем - бинем, мединат-мебинад/,6/ истеъмоли шаклҳои ба худ хоси ихтисоршавии баъзе феълҳо : рафтан, кардан, истодан /раша - равон шав, рашед -равон шавед; карсан - карда истодаанд/; 7/ фарқияти луғавӣ /ҷағоза - кӯзапушти уштур, ҷар - машъал, йавозӣ - тухмбирьён/.

Шеваи ҳардурӣ. Шеваи ҳардурӣ дар самти ғарбии қаторкӯҳҳои Ҳисор, дар водиҳои дарьёи Ғузор, ки яке аз шохаҳои Қашқадарьё мебошад, пахн гардидааст. Шеваи ҳардурӣ чунин хусусиятҳо дорад: I/ истеъмоли 6 садоноки монофтонг /а,и,е, у, ӯ, о/ ва ду дифтонг /ау//уа, иа//аи/, 2/истеъмоли ҳамсадоҳои ҳалқии х, ع, 3/ нисбатан камтар рӯй додани ҳодисаҳои фонетикӣ дар баъзе ҳолатҳо /афтидани овозҳо, бадалшавӣ, бечарангшавии овозҳо дар охири калима ва ғайраҳо/, 4/бештар тамдиднок шудани баъзе ҳамсадоҳо дар як қатор феълҳое, ки ба забони адабӣ ин ҳодиса хос нест / ҷағғидан, каффидан/,5/ артикуляцияи махсус доштани ҳамсадоҳои зич, яъне бо сахтаи нафас /придыхание/ талаффуз ёфтани онҳо /б,п,д,к,г,ч,ҷ,қ/, 6/ серистеъмолии артикли -е нисбат ба дигар шеваҳо /маҳе, ҳафтае, соле, коре/, 7/ мавҷуд будани баъзе пешояндҳои номии шевагӣ /саройина, душқор /, 8/ истеъмоли мутавозӣ доштан ва сервазифагии пешоянди да/р/ ва пасоянди -ба /дар ифодаи макону замон,сӯй ва сабабу мақсад/, 9/ истеъмоли мутавозии ҷонишинҳои ишоратии уи//вай; истеъмоли ҷонишини шон/< эшон/ барои ифодаи ҳурмат; 10/ истеъмоли хоси баъзе шаклҳои феълӣ, чунончи: а/ истеъмоли мутавозии феълҳои ёридиҳандаи истодан ва хоб рафтан / омадистодас//омадахобай/, б/ ду шакли сохти таркибӣ на фонетикӣ доштани феълҳое, ки бо феъли ёридиҳандаи будан таркиб меёбанд: дар замони гузаштаи дур / буроварда будас// буровардаудас /, дар шакли нақлии дур /бурдавдем// бурда будавдем/ ва дар шакли замони муайян /рафтистодаудас// рафтистода будаудас/, в/истеъмоли шакли феъли

бӯд ба ҷои шакли аористи бошад-и адабӣ /хонда бӯд < хонда бошад/, г/ истеъмоли бандаки хабарии -ай дар шаклҳои "феъли дида" / очевидный /: хӯрдай, рафтай /, д/ истеъмоли бандаки -ас дар шаклҳои нақлии феъл /неочевидный/ :гуфтас,рафтас, е/ истеъмоли морфемаи -гей дар шаклҳои сиғаи эҳтимолӣ /рафтагей, рафтагейан/, ж/ серистеъмолии шакли сифати феълӣ, феълиҳолӣ, ки бо суффикси -а сохта мешавад: нони хӯрда, миҳмони омада, рӯфта гирифт, чинда дод; 11/ мавҷуд будани баъзе сохти хоси калимасозӣ ба воситаи суффикси -манд: а/ исмҳое,ки иҷрокунандаи кор ва ё мақсади ниятро ифода мекунанд: равандманд, барандманд, гирандманд; б/ исмҳое,ки аз сифати феълӣ сохта мешаванд: будаманд, шудаманд; в/ исмҳои маъние,ки аз баъзе феъл ва сифатҳо сохта мешаванд: хурманди, шурманди; 12/ серистеъмолии сохти чаппаи алоқаи муайянкунанда ва муайяншаванда дар ифодаи соҳибият ва тааллуқ /аттеш-а баччеш - писари падараш, ман-а хонем - хонаи ман, 13/ истеъмоли баъзе пайвандакҳои шевагӣ /баривай ,ҳарчей//ҳарчей ки/; 14/ мавҷуд будани оҳанги хоси сухан[23] /суръати сусти сухангӯӣ ва ҷудо - ҷудо талаффуз намудани калимаҳо/; 15/ хусусияти луғавӣ /саройна - канор,сӯй; хӯркаҷ - ҷуздузити уштур/.

Шеваи ҳардурӣ бо шеваҳои тоҷикони Бухорову Самарқанд бо аломатҳои зерини худ умумият дорад: 1/ истеъмоли садоноки ӣ. 2/ истеъмоли ҷонишини шахси якуми танҳо дар шакли ман; 3/ истеъмоли бандакҷонишинҳои -ам,-ат,-аш; -амо,-атон,-ашон; 4/ тарзи ифодаи дараҷаи қиёсӣ ва олии сифат; 5/ мавҷуд будани алоқаи навъи "ман-а китобам" дар ифодаи муайянкунандаи соҳибӣ; 6/ истеъмоли шакли -етон дар шахси II ҷамъи сиғаи амр; 7/ истеъмоли феъли ёридиҳандаи истодан дар шаклҳои замони муайян; 8/ истеъмоли бандакҳои шакли нақлии феъл / дар шахси якуми танҳо дар шакли -ем ва дар шахси сеюми ҷамъ дар шакли -ен/; 9/ дар шаклҳои нақлии феъл /дар шаклҳои таркибӣ/ истеъмоли бандаки шахси сеюми танҳо дар шакли -ас; 10/ серистеъмолии ибораҳои феълиҳолӣ, сифати феълӣ ва масдарӣ; 11/ истеъмоли пасоянди -а//-йа; 12/ сервазифагии пешоянди да/р/ ва пасоянди -ба; 13/ истеъмоли ҳиссачаи -ми; 14/ муштаракӣ дар калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ.

Аз тарафи дигар, шеваи хардурӣ бо чунин хусусиятҳо ба шеваҳои тоҷикони райони Бойсуни вилояти Сурхондарьё умумият дошта, аз шеваҳои Бухорою Самарқанд фарқ мекунад : 1/ истеъмол наёфтани садоноки таърихии ӣ; 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои х̱ ва ε ; 3/ истеъмоли бандаки хабарии шахси сеюми танҳо дар шакли -ай; 4/ ба воситаи бандакҷонишинҳо ва пасоянди -а ифода ёфтани пуркунандаҳои бавосита ва бевосита /тем-ат-а <диҳамат, ба ту диҳам; бер-аш-а<биёраш, ӯро биёр; хӯрон-аш-а <ба ӯ хӯрон, ӯро хӯрон/; 5/ умумияти наздик доштан дар лексикаи шевагӣ :

| шеваи хардурӣ | шеваҳои Бойсун | забони адабӣ |
|---|---|---|
| банаεча | банача | хеле, нихоят, ҷудо |
| гулича | гулчак | курта ва ё ҷомак серпахтаи кӯтоҳак |
| ҷир | ҷир | равған /думбаи гӯсфанд / |
| муиг шудан | муиг шудан | мӯҳтоҷ шудан, яъне зор шудан |
| руескирифтан | ускуртан /Б/<br>ионкиртан /Д/ | доштан, яъне аз /< руст гирифтан / |

Бо ин ҳама хусусиятҳои номбаршуда шеваи хардурӣ дар байни шеваҳои тоҷик мавқеи ҷудогона дошта, аз тарафи дигар, дар байни шеваҳои Бойсун ва Бухорою Самарқанд яке аз шеваҳои мобайнӣ ба шумор меравад ва худ гурӯҳи махсуси шеваҳои тоҷикони кӯҳистони водии Қашқадарьёро ташкил медиҳад.

Шеваҳои Китоб. М.Маҳмудов шеваҳои тоҷикони райони Китоби вилояти Қашқадарьёро тадқиқ карда, соли 1971 диссертацияи номзадӣ ҳимоя намудааст[24]. Шеваҳои Китоб ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1/ шеваи Варганза, 2/ шеваи Ҷавз. Хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии ин шеваҳо чунинанд : 1/ системаи шимолии садонокҳо / дар шеваи Ҷавз садонокҳои таърихии ӯ ва ӣ истеъмол меёбанд/; 2/садоноки ӣ дар калимаҳои монанди сӣб, дӣв, андӣша ва ғайраҳо низ талаффуз меёбад; 3/ дар ҳар ду шева ҳам ҳамсадоҳои х̱ ва ε истеъмол намеёбид; 4/ бадалшавии ҳамсадои лабудандонии в ба лабулабии м дар баъзе калимаҳо дида мешавад /майрон < вайрон , омаран < овардаанд /; 5/ ивазшавии садоноки у ба и дар охир ва мобайни баъзе калимаҳо / оли < олу, собин < собун/; 6/дар бандакҷонишинҳо ба и гузаштани садоноки а /-им, -ит, -иш/; 7/ иваз-

-шавии ҳамсадои м ба нимсадои й дар префикси феълии мепас аз ҳиссачаи инкории на- /найедонат < намедонад/; 8/ мувофиқати о ба у пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ /думот < домод, ун < он /; 9/ пайдо шудани овозҳои зиёдатӣ дар баъзе калимаҳо / синда < сина, оврихтан < овехтан /; 10/ истеъмоли суффиксҳои ҷамъбандии -ҳо//-о /дар шеваи Ҷавз илова бар инҳо истеъмоли навъи дигари онҳо -он//-йон : бузон, мурғон, духтарон /; 11/ дукарата ҷамъ гардидани баъзе ҷонишинҳои ишоратӣ : инойон//иноҳон, унойон//уноҳон /дар Ҷавз /; 12/ истеъмоли навъҳои гуногуни бандакҳои феълӣ дар шаклҳои нақлӣ / шахси якум ва сеюм дар шеваи Ҷавз : -им//-ем//-гем//-гим//-йам; -ин//-ен//-ген//-гин//-ийан; дар шеваи Варганза :-ем//-гем;-ен//-ген ; 13/ мавҷуд будани тарзи ба худ хоси ихтисоршавии феълҳои ёридиҳандаи истодан, хорафтан ва нишастан>ништан / омдисидем, рафсодас//рафсодис, рафсоудем, хондохтен//хонда хотен, гуфтишем /; 14/ серистеъмолии чунин таркибҳои феълӣ :пурсон каран, тохта каран; 15/ дар қишлоқҳои ҷудогона истеъмоли ба худ хоси таркибҳои маодарӣ / Омаданак баромада рафт /Сиёб/, феълиҳоӣ /Гаштагинак майи нақапийа омадам /Оби Канда/, Вақрсзикак омаду начақид/Ҷавз/; 16/ серистеъмолии сифати феълии архаистӣ /меравам хӯрд/; 17/ истеъмоли пасоянди -ба//-ва; 18/ истеъмоли баъзе суффикс/-дош, -лик, -дан/ ва калимаҳои ӯзбекӣ /дӯл, тамур, силиқ /, инчунин баъзе феълҳо, ки бо суффиксҳои тоҷикӣ сохта мешаванд /ҷӯзидан, оқидан, ӯсидан/; 19/ баъзе хусусиятҳои луғавӣ /лода -соддалавҳ, лайлон - мутлақо, лотингон - умочи орд "мучнистая похлебка"/.

Шеваҳои тоҷикони шаҳрисабз. Соли 1972 Б.Саъдуллоев дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз" диссертация ҳимоя кард[25].

Тадқиқотчӣ лафзи тоҷикони Шаҳрисабзро аз рӯи хусусиятҳои шевагиаш ба се гурӯҳ ҷудо мекунад : 1.шеваҳои Ғелон, 2. шеваҳои Ҳисорак, 3.шеваи Чопуқ. Ӯ дар ин кор, чи хеле ки худаш қайд кардааст, асосан хусусиятҳои фарқкунанда ва умумии шеваҳои гурӯҳи якум / Ғелон ва Тамшӯш /-ро ҳарҷониба тадқиқ мекунад. Оид ба шеваҳои гурӯҳи дуюм ва сеюм /яъне шеваҳои Ҳисораку Чопуқ / боби алоҳида ҷудо карда, дар он фақат баъзе хусусиятҳои барҷастаи онҳоро номбар мекунаду бас

Шеваҳои Ғелон дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо карда

шуда, чунин хусусиятҳои онҳо муайян карда мешавад :а/дар шеваи Ғелон аз 6 фонема /и,й,а,о,у,ӯ/ ва дар шеваи Тамшуш аз 8 фонема/и,й,е,а,о,у,ӯ,ӯ/ иборат будани садонокҳо; б/ дар ҳар ду шева ҳам истеъмол ёфтани ҳамсадоҳои х ва ع ;в/ дар шаклҳои -о//-ҳо, -ои//-йон истеъмольёбии суффиксҳои ҷамъбандӣ; г/ мавҷуд будани фарқи фонетикӣ дар баъзе шумораҳо /до, сӣ, шеш, н^уw^а, сӣнзя, бест, чеҳ талаффуз ёфтани шумораҳои номбаршуда дар шеваи Ғелон/; д/ истеъмоли баъзе ҷонишинҳои шахсӣ ва ишоратӣ дар шаклҳои вай, ҳавай, вайо, ҳавайо, унон, унойон; е/ дар навъҳои гуногуни фонетикӣ истеъмоли бандакҷонишинҳо /-аш//-эш//-иш; -ашо//-эшо //-шон//-шо/; ж/ бо феълҳо пайваст шуда объекти бевосита ва бавоситаро ифода кардани бандакҷонишинҳо: мӣгазад-ат, гофтанд-амо-йа /дар Ғелон/; з/ дар шакли як асоси феълӣ /асоси замони ҳозира/ истеъмол ёфтани баъзе феълҳо /дӯзид, фармойид, хоҳид, рӯбид; и/ истеъмоли префиксҳои феълии бар- ва дар- /барбанд, дарйофт/, ки дар чунин феълҳо дар забони адабии имрӯза онҳо кор фармуда намешаванд; к/ истеъмоли шакли архаистии сифати феълӣ /меравам-у кофт,мегирам-у буромад /Кӯл/; л/ истеъмоли шакли классикии масдар /хӯрдан найтонад/; м/ истеъмоли аористи бошад дар шакли бӯд /дар Ғелон/, дар шакли бӯд /дар Тамшуш/; н/истеъмоли феъли модалии бонстан /ман-а қатиқ мӣбод/; о/ истеъмоли феъли ҳаст ва нест дар шаклҳои фонетикии ҳай,ниӣст //нӣ /дар Ғелон/, ҳайа,нейа//нест /дар Тамшуш/; п/ истеъмоли префикси феълии бу- дар феъли рафтан дар Ғелон /мӣбуравӣм/; р/ дар шакли инкории феъл бадалшавии префикси ме- ба ҳамсадои й /найрам< намеравам, найдонам< намедонам/; с/ дар баробари истеъмоли бандаки нақлии шакли -эйам, -эйан /хондэйам,хондэйан/ истеъмоли шакли хоси шевагии он бо суффикси -ги дар шаклҳои нақлии феъл /рафтэгийам< рафтаам, мӣрафтэ//мерафтаг^и^йам< мерафтаам/; т/ афтидани ҳамсадои д аз бандакҳои феълии шахси сеюми танҳо ва ҷамъ; у/ истеъмоли пасоянди -да; ф/ баъзе хусусиятҳои лексикӣ : I. мавҷуд будани калимаҳои хоси шевагӣ /кориба - номи растанӣ, дуния - асбоби мӯзадӯзӣ, патхуна - хӯса/; 2. истеъмоли баъзе калимаҳои адабӣ-китобӣ /бӣм, катхудо/; 3. нисбат ба шеваҳои Ҳисор серистеъмолии калимаҳои иқтибосӣ аз

забони ўзбекӣ /отдош - ҳамном, қалпоқ - тоқӣ /; 4.серистеъмолии баъзе калимаҳои русӣ ва интернационалӣ / облас - область, зувуч - мудири қисми илмӣ, управленийэ ва ғайраҳо/.

Ҳамчун фарқияти инмоёни шеваҳои гурӯҳи дуюм ва сеюм /Ҳисораку Чопуқ / чунин аломатҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд: а/ истеъмол наёфтани ҳамсадоҳои х ва ғ; б/ истеъмоли аористи бошад дар чунин навъҳои фонетикӣ : боша /дар Чӯнгурак /, ошад /дар Ҳисорак/ шо /дар Чопуқ/; в/ дар қишлоқи Чӯнгурак истеъмоли бандаки шахси якуми феълӣ дар шакли фонетикии -ум /медонум, мебардорум/ ва вариантҳои гуногуни доштани бандакҷонишинҳо /хонам < хонаам, додом < додоам, додарум//додарим//додарам/; г/ дар қишлоқи Чопуқ истеъмоли бандаки хабарии аст дар шакли -ай//-а /борида хорафтай, чулло тар шуда/ ва истеъмоли баъзе феълҳои шевагии хое/уекуртан,ӯспондан/.

Аз рӯи хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии худ шеваҳои тоҷикони Шаҳрисабз ба гурӯҳи шеваҳои шимолӣ дохил карда шудааст.

Шеваҳои Фориш. Фориш яке аз районҳои кӯҳии вилояти Самарқанд мебошад. Лафзи тоҷикони ин район аз ду шева /Сентоб ва Порашт/ иборат буда, чунин хусусиятҳо дорад: 1/ аз 6 фонема иборат будани садонокҳо /а,е,и,у,ӯ/э/[26]; 2/ 25 фонемаро ташкил намудани ҳамсадоҳо /бо истеъмоли х ва ғ/; 3/ истеъмоли суффиксҳои ҷамъбандии -ҳо,-о,-он ва навъҳои фонетикии онҳо: -йон,-йо,-гон/тағойон,додийон,пораштийо,мурғон, баррагон/; 4/ истеъмоли як гурӯҳ суффиксҳое /-анги//-инги, -бон,-чи,-ина,-ак,-ок,-гона /,ки бо хусусиятҳои хоси шевагиашон аз ин гуна суффиксҳои забони адабӣ фарқ/доранд /суратчи, очок < очаак, шишок < шишача/; 5/ истеъмоли баъзе суффиксҳои забони ўзбекӣ /-дош,-ли,-лик,-ча,-чил,-дан//-дин/: сирфдош,бахтли, тоҷикистонча -тоҷикистонӣ, бордорчилик,кордан - аз кор/; 6/ ба ҳар ду забон ифода намудани баъзе шумораҳои тартибӣ /йакум//йаким//биринчи, дуйум//дуйим//иккинчи/; 7/ дар шеваи Пораштистеъмоли префикси феълии ме- дар шаклҳои фонетикии ми-//-му//-мӯ ; 8/ дар бандаки шахси сеюми ҷамъ дар охири асос бечаранг шудани ҳамсадои д /мугӯнт

- мегўянд/; 9/ истеъмоли префикси феълии би- дар шакли будар феъли рафтан /гузашта буруфт/; 10/ кўтоҳшавии гуногуни феъли ёридиҳандаи истодан: -сор//-исор /дар қишлоқи Ухм/, -тод//-то /дар Сентоб/, -сод /дар Эч/,-дор//-идор /дар Мочерум/. Чунончи: карисаган//карсаган, карисоран//карсоран, кардидоран//кардоран, картоган//карсодийан; 11/ дар шакли нақлии феъл истеъмоли бандаки -гам дар шахси якуми танҳо /дар ҳар ду шева/,-гант дар шахси якуми ҷамъ /дар Порашт/, -ган /дар Сентоб/, инчунин истеъмоли шакли -ийам,-ийан/дар Эч/; 12/ истеъмоли феъли ёридиҳандаи будан дар шакли бў// бўт /дар Порашт/, бў /дар Сентоб/, бей /дар Эч/. Чунончи : бўт//бўйат//бейат - бошад, бўнт//бўйант - бошанд; 13/ истеъмоли шакли архаистии сифати феълӣ /мерам гирифт, мейобам оварт/; 14/ дар қатори пасояндҳои дигар истеъмоли пасояндҳои -ба, -анда//-нда, -ра; 15/ истеъмоли ҳиссачаи саволии -о//-йо ва кў//ке; 16/ дар баробари истеъмоли ибораҳои изофӣ, серистеъмолии сохти чаппаи алоқаи муайянкунанда/ ғала пилон, ҳафтум синф/; 17/ дар ҳамин навъи алоқаи чаппа ба охири муайянкунанда пайдо шудани пасоянди -а//-ра ва ба охири муайяншаванда илова шудани бандакҷонишинҳо /сапўс-а мол-аш, ҳоҷи-ра ок-иш/; 18/ баъзе хусусиятҳои луғавӣ /шаwгум - роҳҳарҷӣ, шаррони - шаршара, ғесак- андак, пити -камтар, тахсидан - афшондан, ужбидан - дўхтан, парфудан - тоза кардан, полоидан .

Шеваҳои Фориш бо чунин хусусиятҳои худ ба гурўҳи шеваҳои шимолӣ /бештар ба шеваҳои водии Фарғона/ наздикӣ доранд: 1/ нисбатан устувории садоноки а ; 2/ мавҷуд будани садоноки ӯ /дар Порашт/, 3/ истеъмоли префикси феълии бу- / дар феълҳои алоҳида/; 4/ истеъмол наёфтани ҷонишини шахси сеюми танҳои ӯ ; 5/ истеъмоли пешоянди а//ас < аз ; 6/ ниҳоят бисьёр кўтоҳшавии феъли ёридиҳандаи истодан дар ҳамаи қишлоқҳои Фориш ; 7/ нисбатан хеле зиёд будани калимаҳои иқтибосии ўзбекӣ, аз он ҷумла фаровон будани онҳо дар шеваи Порашт.

Шеваҳои Фориш ба шеваҳои гурўҳи ҷанубӣ ва марказӣ бо ин хусусиятҳои худ монандӣ доранд: 1/ истеъмол наёфтани садоноки ӯ /дар Сентоб ин фонема э талаффуз меёбад/; 2/ мавҷуд будани ҳамсадоҳои x ва ε ; 3/ серистеъмолии ҳамсадои x;

4/ истеъмоли пасоянди -ра / пас аз садонокҳо/, 5/ серистеъмолии ҳиссачаи -о//-йо дар шеваи Сентоб /монанди шеваҳои марказӣ/.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ин шеваҳо аз он иборат аст, ки ба ҷои префикси феълии ме- дар сиғаи шартӣ бараи ифодаи давомнокии амал суффикси -е кор фармуда мешавад / акет буд-е сара мӯнут/.

Шеваҳои Фориш бо ин ҳама хусусиятҳои худ "гурӯҳи алоҳидаи шеваҳои кӯҳии шеваҳои шимолиро ташкил медиҳанд ... ва ба ин гурӯҳ шеваҳои кӯҳии Оқсой, Оҳалик, Ургут ва Нураторо / вилояти Самарқанд/ дохил кардан мумкин аст"[27].

Шеваҳои тоҷикони Ургут. Соли 1972 Д.Назарова дар мавзӯи "Шеваҳои тоҷикони Ургут" диссертация ҳимоя намуд[28]. Шеваҳои тоҷикони Ургут аз рӯи хусусиятҳои шевагиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1/ шеваи Камонгарон, 2/ шеваи Гулбоғ.

Хусусиятҳои асосии ин шеваҳо аз инҳо иборатанд: 1/Дар шеваи Камонгарон 6 /а,е,и,о,у,ӯ/ ва дар шеваи Гулбоғ , фонемаи садонок /а,е,и,о,у,ӯ,ӯ/ мавҷуд аст. 2/ Дар шеваи Гулбоғ ҳамсадоҳои х ва ҷ мавҷуд буда, аммо дар шеваи Камонгарон онҳо истеъмол намеёбанд. 3/ Дар шеваи Камонгарон истеъмоли ҳамсадои ң /нг/ ба ҳисоб гирифта шудааст: интуриң, валаң - вонш. 4/ Ҳамсадои б дар шеваи Гулбоғ дар байн ва охири калима ба овози w/ оwот, хоw/ бадал мешавад, дар шеваи Камонгарон бошад, дар охири калима ба овози п бадал мешавад: хоп, офтоп. 5/ Дар ин шеваҳо, хусусан дар шеваи Камонгарон ҳамсадои р ноустувор аст /гӯгит, хӯд, сате - сар деҳ/ ва бештар ба ҳодисаи ассимиляция дучор мешавад / мӯчча, каннай, оззу, маддон/. 6/ Дар ҳар ду шева ҳам дар бандакҷонишинҳо ва бандакҳои феълӣ ду овози садонок як овозро медиҳад: дар ин маврид, дар Камонгарон е ва дар Гулбоғ и талаффуз меёбад: очем, очим, омаден, омэдин, ойтем, ойтим, дорем, дорим < доруам. 7/ Дар ин шеваҳо суффиксҳои ҷамъбандӣ дар шаклҳои -ҳо, -о,-он /-гон,-йон,-йо/ истеъмол меёбанд : олуҳо,бачао, бузғолагон,меҳмонон,босмачийо. 8/ Дар ифодаи қиёсии сифат баробари истеъмоли воситаҳои тоҷикӣ / бо суффикси -тар, инчунин бо роҳи тасвирӣ/ баъзан баъзе суффиксҳои ӯзбекӣ /-дан, -роқ / низ ба кор бурда мешаванд / оби сой булоғ-дан-ам сара;

қизил-роқ-тар-аш-а сайа каа гиф/. 9/ Дар ин шеваҳо илова бар истеъмоли суффиксҳои калимасози тоҷикӣ баъзе суффиксҳои ӯзбекӣ низ сермаҳсул мебошанд. Чунончи, суффикси -алаг / шамалаг - ифлос/. 10/ Дар соҳаи шумора дар байни ин шеваҳо баъзе фарқиятҳои фонетикӣ мавҷуданд: дӯзза, пӯнза, си / дар Камонгарон/, дуиъзда, понза, сиҳ /дар Гулбоғ/. 11/ Дар шеваи Камонгарон баъзе шумораҳои тартибии ӯзбекӣ /биринчи, иккинчи, тӯртинчи/ ва гоҳ-гоҳ шумораҳои таркибии омехтаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ истеъмол мешавад : нӯсад-у йитмиш беш. 12/ Дар ҳар ду шева ҳам ҳиссачаи -о//-йо истеъмол мешавад. 13/ Дар шеваи Гулбоғ чонишинҳои шон, ишон, ушон барои ифодаи ҳурмат ва чонишинҳои иҳо, уҳо, вайон, ҳавайон барои ифодаи ҷамъ истеъмол мешаванд. 14/ Бандакҳои феълӣ дар ин шеваҳо аз ҳамдигар бо чунин намудҳои фонетикии худ фарқ мекунанд:

| дар Камонгарон | дар Гулбоғ |
|---|---|
| | **танҳо** |
| шахси 1. -ам//-м | -ам |
| шахси 2. -и//-ий/-ед//-ет/ | -//-йи |
| шахси 3. -ат//-т//-ад | -а//-ат/ -ед/ |
| | **ҷамъ** |
| шахси 1. -ем | -им//-йим//-ем |
| шахси 2. -етон | -ит//-йит//-итон |
| шахси 3. -ан//-н//-нт | -ан//-он |

15/ Дар ҳар ду шева ҳам тарзи ба худ хоси кӯтоҳшавии феълҳои ёридиҳандаи истодан ва хоб рафтан, инчунин будан вуҷуд дорад. Чунончи, замони ҳозираи муайян : кассас//кайисас//кадисас /дар Камонгарон/, карсос//карсодай, омэда хотас//омэда хотагай /дар Гулбоғ/. 16/ Дар ҳар ду шева ҳам префикси феълии би-//бу- дар шакли аорист ва сиғаи амрӣ /фақат дар баъзе феълҳо/ истеъмол мешавад : бикунам, бурафт, битед. 17/ Дар шеваи Гулбоғ пасояндҳои -да, -анда//-ида, -ра вуҷуд доранд. 19/ Дар ҳар ду шева ҳам тарзи алоқаи чаппаи муайянкунанда бо муайяншаванда серистеъмол аст: Ургут район, Гулбоғ-а раан. 20/ Ин шеваҳо аз дигар шеваҳои тоҷик бо хусусиятҳои луғавии хоси худ низ фарқ мекунанд /йоҳайло - гаштак, хаибол - чар, пихта - решаҳои пашмаки дарахт/. 21/ Дар ин шеваҳо калимаҳои ӯзбекӣ нисбатан серистеъмоланд.

Дар шеваҳои Ургут хусусиятҳои омехтаи ду гурӯҳи шеваҳои тоҷик /шимолӣ ва марказӣ/ дида мешавад. Чунончи, шеваи Камонгарон ба шеваҳои Бухорою Самарқанд бо чунин хусусиятҳои худ монандӣ дорад : а/ устувории садоноки а ; б/ мавҷуд будани фонемаҳои у , ӯ ; в/ истеъмоли шакли -ем,-ен дар шахси якуми танҳо ва сеюми ҷамъи феълҳои нақлӣ; г/тарзи махсуси кӯтоҳшавии феълҳои таркибӣ; д/ истеъмоли пешоянди аз дар шаклҳои фонетикии а//ас; е/ истеъмоли пасоянди -ба//-ва.

Бо чунин хусусиятҳо аз шеваҳои Бухорою Самарқанд фарқ мекунанд: а/ мувофиқати овозҳои ф ва п /фалак//палак, фойда //пойдо; в/ мувофиқати овози о ва е ба ӯ дар баъзе калимаҳо /кӯлхӯз, тӯшук/; г/ ноустувории фонемаи р ва дар мавридҳои муайян ба дигар овоз бадалшавии он /каас ,маддум/; д/бо тарзи кӯтоҳшавии баъзе ибораҳо /сардад - дарди сар; ж/ мавҷуд будани сохти чаппаи алоқаи муайяншаванда бо муайянкунанда /опеш-а писараш/; з/ сериистеъмолии калима ва баъзе суффиксҳои ӯзбекӣ.

Шеваи Гулбоғ бо як қатор хусусиятҳои худ ба шеваҳои марказӣ наздикӣ дорад: а/ истеъмоли ҳамсадоҳои х ва ح; б/ истеъмоли овози и дар шакли ҷамъи бандакҳои хабарӣ /-им, -ит/; в/ истеъмоли суффикси -аг дар шаклҳои нақлӣ; г/ истеъмоли префикси би-//бу- дар баъзе феълҳои сиғаи хабарӣ ва амрӣ; д/ бадалшавии таркибҳои овозии уҳ ба уйа /нуйа - нӯҳ/; е/ истеъмоли шакли архаистии сифати феълӣ /мерам шишт/.

Ин шева бо чунин хусусиятҳо ба шеваҳои Панҷакент,Дарбанд, Фориш ва ҳардурӣ наздикӣ мекунад: а/ дар соҳаи системаи садонокҳо; б/ бо навъи фонетикии баъзе бандакҳои феълӣ[29] /-итон,-ан//-он/; в/ дар ду навъи фонетикӣ истеъмол ёфтани бандакҳои нақлӣ /-ай//-ас/; г/ навъҳои гуногун доштани шаклҳои замони гузаштаи дур; д/ истеъмоли мутавозии феълҳои ёридиҳандаи истодан ва хоб рафтан; е/ истеъмоли пасоянди -а//-йа//-ра; ж/ бо тарзи хоси истеъмоли баъзе аломатҳои забони ӯзбекӣ.

Бо ин ҳама хусусиятҳо ин шеваҳоро Д.Назарова[30] ба як гурӯҳи алоҳидаи шеваҳои кӯҳии шимолӣ дохил мекунад.

Шеваҳои тоҷикони атрофи шаҳри Андиҷон. Ин гурӯҳ шеваҳои Марҳамат ва Шаҳрихонро дар бар мегирад. Хусусиятҳои

асосии ин шеваҳо инҳоанд: 1/ Садонокҳо аз 7 фонема /и,е, а,о,ӯ,у,ъ/ иборатанд. 2/ Ҳамсадоҳо 22 овозро ташкил медиҳанд / ҳамсадоҳои х̱,ع ва ж истеъмол намеёбанд/. 3/ Дар байн ва охири калима ҳамсадои б ба в ё w бадал мешавад. 4/ Чонишинҳои шахсии уҳо, уво, ҳавайо истеъмол меёбанд. 5/ Дар системаи феъли ин шеваҳо омезиши шаклҳои шеваҳои гурӯҳи ҷанубӣ / хусусан шеваҳои қаротегинӣ/ ва шимолӣ /шеваҳои Чуст ва Косонсой/ мушоҳида карда мешавад. Аз он ҷумла: а/ истеъмоли баъзе феълҳои ҷанубӣ /шапидан, ҷафидан/; б/ истеъмоли ҷузъҳо ва морфемаҳои дубаҳра дар баъзе феълҳо /омдесай//омесодас, омаwут/; в/ истеъмоли префикси бъ-//би- дар сиғаи амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ ва шакли замони гузаштаи мутлақ; г/ истеъмоли шакли нақлии II /рафтастай//рафтастак/; д/ истеъмоли шакли нақлии феъл бо морфемаи -ак /рафтакам, рафтакан/; е/ пайдо шудани баъзе шаклҳои нақлӣ бо морфемаи ӯзбекии -муш<миш /хондас-муш, шишта будасмуш/, инчунин сохта шудани шакли сиғаи шартӣ бо феъли ӯзбекии микин /рафта wоша-микан/; з/ серистеъмол будани ибораҳои сифати феълӣ, феълихолӣ ва масдарӣ; 7/ истеъмоли зарфҳои угам//угамакин//угам бāт; 8/ дар қатори аз муайяншаванда пеш омадани муайянкунандаи соҳибӣ, инчунин мавҷуд будани мавридҳои пеш омадани муайянкунандаи сифатӣ/калон чойнак, кӯна мāлим/; 9/ истеъмоли пешояндҳои аслии ай<аз, да<дар, пешояндҳои номии съни, ранги ва пасояндҳои -анда//-инда//-нда, -а//-йа//-ра, -ба//-wа ; 10/ баъзе хусусиятҳои лексикӣ /бананг - олуфта,худорой, бийола - дастпушак /аз он ҷумла, васеъ истеъмол ёфтани калима ва баъзе морфемаҳои ӯзбекӣ /кийов, чӯчқа, ӯрта; пасояндҳои -гача, учун, -дан, бӯйинча//буйинча; суффиксҳои -дош, -лик, -ламиш ва ғайраҳо/[31].

МУЛОҲИЗАЕ ДАР БОРАИ ЛАҲҶАҲОИ АСОСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар асоси ба ҳисобгирии ҳодисаҳои забонӣ ва тасвифоти фарқияту умумияти хусусиятҳои шеваҳои тоҷикӣ хулосае бармеояд, ки забони тоҷикӣ ба ду пояи асосӣ, яъне ба ду лаҳҷаи калон ҷудо мешавад: I.лаҳҷаи шимолии тоҷикӣ, 2.лаҳҷаи ҷанубии тоҷикӣ. Дар натиҷаи ба ҳамдигар дохилшавии хусусиятҳои ин ду лаҳҷаи таърихан ташаккульёфтаи забони тоҷикӣ, баъдҳо як қатор шеваҳои гузаранда ва мобайнии он

тадричан пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, як қатор шеваҳои гузаранда ва мобайнӣ дорои хусусиятҳои омехта буда, онҳо ба сари худ лаҳҷаи махсусро ташкил намедиҳанд ва нисбат ба лаҳҷаҳои асосӣ ё шеваҳои атрофи худ дар маҳалли муайян ҳолати мобайниро ишғол мекунанд.

Тафовутҳои намоёнтарини муқоисашавандаи байни лаҳҷаи шимолӣ ва ҷанубии забони тоҷикӣ дар соҳаи фонетика, грамматика ва лексика ба таври яклухт чунин ба назар мерасанд:

Дар соҳаи фонетика

1. Фонемаи ӯ /дар забони адабӣ ӯ/ садоноки лабӣ, дараҷаи миёна ва қатори мобайн буда, дар лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабии тоҷик истеъмол меёбад. Ин овоз дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ[32] талаффуз намеёбад ва хусусияти фонемагӣ ҳам надорад. Дар ин лаҳҷа ин вазифаро овози у /дар транскрипция ӯ ҳам ишора карда мешавад/ адо мекунад, ки он аз рӯи хусусиятҳои худ ба у-и забони русӣ шабоҳат дорад.

2. Дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ ва забони адабии имрӯза фонемаи у садоноки пасизабонӣ, дараҷаи боло ва лабӣ мебошад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва як қатор шеваҳои гузаранда ва мобайнии он баръакс, ин садонок ба сифати фонемаи махсуси омехтаи ғайрилабӣ истеъмол меёбад, ки он дар шевашиносии тоҷик бо аломати ъ ишора карда мешавад.

3.Фонемаи о дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ ва забони ҳозира дар ҳама ҳолатҳои фонетикӣ хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории худро қариб гум намекунад. Овози о дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ дар мавридҳои муайян, хусусан пеш аз ҳамсадоҳои димоғӣ ба зайли ӯ талаффуз меёбад.

4. Фарқияти лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯи тарзи талаффузи ҳамсадои б дар ду мавқеъ равшантар мушоҳида карда мешавад: а/ Аз рӯи талаффузи б дар байни калима: Дар ин ҳолат дар лаҳҷаи шимолии тоҷик / ба ғайри баъзе калимаҳо/ одатан б лабулабӣ талаффуз меёбад. Баръакс, дар лаҳҷаи ҷанубии тоҷик дар ҳангоми талаффуз молиш пайдо шуда, б ба в ё *w*, дар баъзе шеваҳои он ба *w* мегузарад. б/ Аз рӯи талаффузи б дар охири калима: Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ ҳамсадои б ҳамеша /ба ғайр аз калимаҳои ҷудогона/ ба

тарзи в ё *w* талаффуз меёбад. Дар лаҳҷаи шимолии он бошад /сарфи назар аз баъзе шеваҳо, ки дар онҳо дар як қатор калимаҳо талаффузи духӯра /б//в/ ва ё ба в гузаштани б дучор мешавад/ б талаффуз карда мешавад. Илова бар ин, дар мавридҳои муайян ва дар баъзе шеваҳои лаҳҷаи шимолӣ беҷарангшавии б хос мебошад, ки ин ҳодиса низ дар лаҳҷаи ҷанубӣ ниҳоят кам дучор мешавад.

5. Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз ҳамдигар аз рӯи истеъмол ва тарзи талаффузи ҳамсадоҳои ҳалқии х ва ع низ фарқ мекунанд. Дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ /ба ғайр аз баъзе шеваҳо/ ин ҳамсадоҳои ҳалқии арабӣ талаффуз намеёбанд, вале дар лаҳҷаи ҷанубии он /ғайр аз шеваҳои ҷанубии Кӯлоб, Ғорон, Роғ ва дигарҳо/ онҳо пурра талаффуз меёбанд.

Дар соҳаи грамматика

1. Фарқи намоёнтарини байни лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама дар истеъмоли ин ё он ҷонишини шахси сеюми танҳо ва шаклҳои гуногуни ҷамъи онҳо ва ҷонишинҳои ишоратие, ки аз онҳо пайдо шудаанд, хеле равшан мегардад. Ҷонишини ӯ хоси лаҳҷаи ҷанубӣ ва забони адабии тоҷик буда, ҷонишини вай хоси лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабӣ мебошад.

2. Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ истеъмоли шакли ҷамъи адабӣ-классикии ҷонишинҳои шахсӣ хос аст. Дар лаҳҷаи шимолӣ шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳои шахсӣ таомул гардидааст. Дар лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабии тоҷик шаклҳои ҷамъулҷамъи ҷонишинҳои шахсии шахсҳои якум, дуюм ва сеюми ҷамъ таърихан ва тадриҷан ба вуҷуд омадаанд[33].

3. Дар лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик бандакҷонишинҳои шахсӣ пас аз исмҳо васл гардида як вазифа, яъне соҳибиятро ифода мекунанду бас. Дар лаҳҷаи ҷанубии тоҷик монанди забони классикӣ онҳо се вазифаро адо мекунанд: аз ҷумла махсусан, дар ифодаи объекти бавосита ва бевосита ниҳоят серистеъмол мебошанд.

4. Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯи истеъмоли навъҳои фонетикии бандакҳои феълию хабарии шахси якум ва сеюми танҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд: бандаки феълии навъи -ъм барои лаҳҷаи ҷанубӣ, вале навъи -ам барои лаҳҷаи шимолӣ хос аст; бандаки хабарии навъи -ас /баъзан аст/ хоси лаҳҷаи шимолӣ буда, навъи -ай хоси лаҳҷаи ҷанубии тоҷик мебошад.

5. Барои ифодаи категорияи ҷамъ дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ ба шакли -етон /-итон, -тон/ истеъмол меёбад, аммо дар лаҳҷаи ҷанубии он ин шаклҳо тамоман кор фармуда намешаванд. Лаҳҷаи ҷанубӣ бо навъҳои гуногуни бандакҳои феълии хос /-е//-ед, -ен//-ин, -е//-ен/ аз лаҳҷаи шимолӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

6. Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ афтидани ҳамсадо аз охири бандаки феълии шахси сеюми танҳо дар шакли замони ҳозира-оянда ва аорист ҳатмист. Дар лаҳҷаи шимолии он ин ҳолат рӯй намедиҳад, вале дар баъзе шеваҳо беҷаранг шуда метавонад.

7. Дар байни лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати истеъмоли баъзе таркибҳои хос, инчунин ибораҳои сифати феълӣ ва феълиҳолӣ тафовути калон ба назар мерасад. Дар лаҳҷаи шимолии тоҷик бо суффикси -ги ибораҳои сифати феълӣ, инчунин бо суффикси -а ва феълҳои ёридиҳанда таркибҳои феълӣ хеле сеистеъмол мебошанд. Дар лаҳҷаи ҷанубии тоҷик бошад, ин шаклҳои феълӣ хеле камистеъмоланд ва ҳатто як қатор шаклҳои онҳо тамоман дида намешаванд.

8. Дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ панҷ сиғаи феълӣ мавҷуд буда, он бо бисьёрии шаклҳои нави сиғаҳои феълӣ аз лаҳҷаи ҷанубӣ фарқ мекунад. Дар баъзе шеваҳои лаҳҷаи шимолӣ шаклҳои замонии феълҳо аз шаклҳои феълии забони адабӣ ҳам зиёдтаранд. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ системаи феъл дорои хусусияти архаистӣ буда, ба забони классикӣ шабоҳат дорад ва аз ин ҷиҳат дар шеваҳои он шаклҳои нав кам ва нобаробар мебошанд. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ сиғаҳои феълӣ суст инкишоф ёфтаанд, бинобар ин дар баъзе шеваҳои гузарандаи он фақат ду сиғаи феълӣ дида мешаваду халос. Умуман дар шеваҳои кӯлобӣ ва қаротегинии лаҳҷаи ҷанубӣ се сиғаи феълӣ ба ҳисоб гирифта шудааст /хабарӣ, амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ/. Шаклҳои феълие, ки бо префикси бъ-, инчунин шаклҳои феълии замони гузаштаи шахси сеюми танҳо, ки бо префикси -ак сурат мегиранд, фақат хоси лаҳҷаи ҷанубӣ буда, дар лахчаи шимолӣ /ба ғайр аз як-ду феъле, ки бо префикси би-//бу- ба шакл меандоранд, ё ин ки дар гурӯҳи шеваҳои шимолии Фарғона баъзе шахсҳои шаклҳои нақлие, ки бо суффикси -ак сохта мешаванд/ вуҷуд надорад.

9. Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар бобати мавқеи истеъмоли баъзе пешоянд ва ё пасояндҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: а/ дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ пешоянди дар ба шакли пасоянди -да /дар баъзе шеваҳо -ъндa ё -на/ пас аз ҳисса-ҳои номии нутқ васл гардида макону сӯйро нишон медиҳад. Дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ бошад, ба ин вазифа пешоянди ба ҳамчун пасоянд ба шакли -ба ё -ва истеъмол мешавад[34]. б/ Пасоянди -ро-и забони адабии тоҷик дар лаҳҷаи ҷанубии он ба шакли -ра//-а мавқеи истеъмолӣ дорад, аммо дар лаҳҷаи шимолии он дар навъи -а//-йа кор фармуда мешавад.

10. Барои лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик истеъмоли ҳиссачаи кани /дар баъзе шеваҳо қани ё қони/ расмият гардидааст. Баръакси ин ҳол, барои лаҳҷаи ҷанубӣ монанди забони классикӣ истеъмоли ҳиссача-зарфи ку хос мебошад.

11. Истеъмоли ҳиссачаи саволии -мӣ барои лаҳҷаи шимолӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик расмияти умумӣ дорад. Ин ҳиссача барои лаҳҷаи ҷанубии он қариб бегона ба шумор меравад.

12. Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда аз забони адабӣ фарқ надорад, хусусан дар ифодаи соҳибият муайянкунанда монанди забони адабӣ ҳамеша пас аз муайяншаванда ҷой мегирад. Дар лаҳҷаи шимолӣ дар ин маврид пас аз муайянкунанда ҷой гирифтани муайяншаванда серистеъмол мебошад.

13. Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар бобати мувофиқати мубтадо бо хабар чунин фарқиятҳои намоён доранд: а/ Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ мубтадои ифодакунандаи ғайриинсон бо хабар аз рӯи шахсу шумора, умуман ва бештар мувофиқат мекунад. Дар ин маврид, дар лаҳҷаи шимолии тоҷик баръакс, хабар фақат аз рӯи шахс мувофиқат мекунаду бас. б/ Дар лаҳҷаи шимолии забони тоҷикӣ барои ифода намудани эҳтироми шахс мубтадо дар шакли танҳо бошад ҳам, хабар албатта дар шакли ҷамъ меояд. Аммо дар лаҳҷаи ҷанубии он ин равия ғайримаъмулӣ ба шумор меравад.

Дар соҳаи лексика

Калимаҳои лаҳҷавии забони тоҷикӣ ҳам ба ду гурӯҳи

асосй чудо мешаванд: калимаҳои хоси умумилаҳчавии чанубй ва калимаҳои хоси умумилаҳчавии шимолй. Чунончи, калимаҳои ръғза, бънг, чъхт, ғажд, шапидан ва монанди инҳо хоси лаҳчаи чанубии забони точикй мебошанд ва дар лаҳчаи шимолии он тамоман истеъмол намеёбанд. Баръакс, калимаҳои абусун /дар баъзе шеваҳо авусун ё авсун/, ал'ов, кўпрук, омоч, мўл, сингори, ғилминдй, поччомино, инч, мичинг, чойдорй ва ғайраҳо дар лаҳчаи шимолй ва як қатор шеваҳои он кор фармуда мешаванд. Бояд қайд кард, ки аз ин калимаҳои хоси лаҳчаи шимолии точик баъзеашон дар мавридҳои муайян дар асарҳои бадеӣ, дар ифодаҳои услубии нависандагони намояндаи гурўҳи районҳои шимолии Точикистон низ ба кор бурда шудаанд.

